**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ РӮДАКӢ**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ РӮДАКӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

**Рӯдакӣ – 2015**

**МУНДАРИҶА**


**Рӯйихати ихтисорот ...**

**Пешгуфтор ...**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА**
**ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ РӮДАКӢ ...**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ...**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ ...
2.2. Соҳаи саноат...
2.3. Соҳаи соҳибкории хурду миёна...
2.4. Соҳаи сохтмон...

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ...**
3.1. Соҳаи маориф ...
3.2. Соҳаи тандурустӣ ...
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ...
3.4. Соҳаи фарҳанг ...
3.5. Соҳаи варзиш ва сайёҳӣ ...

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР...**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ...
4.2. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ...
4.3. Таъмини барқ ...
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ...

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА...**
5.1. Ҳифзи муҳити зист...
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва паст намудани хатари онҳо ...

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ ...**
6.1. Нерӯи ташкилӣ ва зеҳнии ноҳия...
6.2. Таъминоти буҷетӣ ва молиявӣ...

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ...**

**Замимаҳо...**

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БМРҶТ | Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2016-2020 |
| БМН | Беморхонаи  марказии ноҳия |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭС | Вазорати энергетика ва саноат |
| ГК | Гуруҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МСД | Маркази саломатии деҳот |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| НТҶ | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд - 2030 |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |

# МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

**Санаи таъсиси ноҳия:** 17.09.1927 ва аз 21.11.2003 ноҳия ба номи Рӯдакӣ иваз шуд

**Масоҳат:** 1,8 ҳазор км. кв.

**Аҳолӣ - ҳамагӣ:** 462,0 ҳазор нафар

**Зичии аҳолӣ**: 249.8 нафар дар 1 км$^2$

**Маркази маъмурӣ**: шаҳраки Сомониён

**Масофа:** аз ноҳияи Рӯдакӣ то шаҳри Душанбе 17 км.

**Сохтори марзию маъмурӣ**: 3 шаҳрак, 13 ҷамоати деҳот ва 190 деҳа

**Таносуби аҳолии шаҳру деҳот (ба ҳисоби фоиз):** 11,1/88,9

## ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020 (минбаъд-Барномаи рушд) дар асоси "Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии рушди шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо тасдиқ гардидааст, бо назардошти сиёсати давлатӣ ва дар заминаи ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома, мусоидат намудан ба рушди устувори соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, зиёд намудани қисми даромади буҷети маҳаллӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум ва дар ин замина зиёд намудани шумораи табақаи миёнаи аҳолӣ мебошад.

Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд ва барои ноил шудан ба рушди босуботи иқтисодӣ, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд намудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ҷиҳати рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ноҳия тадбирҳо ва чорабиниҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷиҳати амалисозии онҳо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Татбиқ намудани чорбиниҳои гузошташуда дар давоми солҳои 2016-2020 имкон медиҳад, ки соҳаҳои воқеии иқтисодиёти ноҳия рушд ёфта, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ зиёд гардад.

Ба Барномаи рушди ноҳияи Рӯдакӣ 319 лоиҳа ба маблағи 634,68 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 92 лоиҳа ба маблағи 228,29 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 140 лоиҳа ба маблағи 118,37 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 69 лоиҳа ба маблағи 263,91 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 14 лоиҳа ба маблағи 22,22 млн. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда ва 4 лоиҳа ба маблағи 1,88 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

Барои дар амал татбиқ намудани "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020" аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ **634,68 млн. сомонӣ** пешбинӣ шудааст, аз он ҷумла аз ҳисоби:

Буҷети ҷумҳуриявӣ – 88,92 млн. сомонӣ;

Буҷети маҳаллӣ – 39,88 млн. сомонӣ;

Маблағҳои худии ташкилоту муассисаҳо – 33,39 млн. сомонӣ;

Маблағҳои хусусии соҳибкорон ва аҳолӣ – 163,30 млн. сомонӣ;

Сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ – 168,77 млн. сомонӣ;

Маблағи лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон айни ҳол номуайян – 140,41 млн. сомонӣ.

*Манбаъҳои пешбинигардидаи маблағгузории "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020"*

| | Ҳамагӣ, ҳазор сомонӣ | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағи умумии БРН Рӯдакӣ | 634 686 | 65 620 | 104 619 | 133 716 | 157 467 | 173 264 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 88 927 | 7 347 | 13 652 | 22 911 | 23 351 | 21 666 |
| Буҷети маҳаллӣ | 39884 | 2334 | 5980 | 9920 | 11120 | 10530 |
| Маблағҳои худии ташкилоту корхонаҳо ва х/д | 33 390 | 3 550 | 5 960 | 4 970 | 8 400 | 10 510 |
| Соҳибкорон ва аҳолӣ | 163 302 | 32 060 | 42 144 | 32 021 | 27 837 | 29 240 |
| Сармояи хориҷӣ | 168 771 | 17 199 | 24 593 | 38 885 | 44 675 | 43 419 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Номуайян | 140412 | 3130 | 12290 | 25009 | 42084 | 57899 |

*Тақсимоти маблағҳои "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020" аз рӯи соҳаҳо ва сарчашмаҳои маблаггузорӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ, ҳазор сомонӣ | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 96 875 | 11 061 | 20 416 | 19 622 | 22 550 | 23 226 |
| Саноат | 34822 | 2293 | 6473 | 10321 | 6750 | 8985 |
| Соҳибкории хурду миёна ва сохтмон | 96600 | 26800 | 27780 | 15840 | 13600 | 12580 |
| **Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ** | **228297** | **40154** | **54669** | **45783** | **42900** | **44791** |
| Маориф | 82170 | 7155 | 15585 | 20655 | 21535 | 17240 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 15661 | 2924 | 2278 | 4497 | 2955 | 3007 |
| Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 20540 | 960 | 2775 | 3495 | 6155 | 7155 |
| **Ҳамагӣ, блоки иҷтимоӣ** | **118371** | **11039** | **20638** | **28647** | **30645** | **27402** |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 172166 | 10697 | 18875 | 35062 | 46786 | 60746 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 27100 | 200 | 500 | 4000 | 11100 | 11300 |
| Барқтаъминкунӣ | 24150 | 1595 | 2795 | 3730 | 7920 | 8110 |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 40490 | 950 | 3310 | 9440 | 11060 | 15730 |
| **Ҳамагӣ, инфрасохтор** | **263906** | **13442** | **25480** | **52232** | **76866** | **95886** |
| **Ҳифзи муҳити зист ва ҲФ** | **22227** | **715** | **3407** | **6504** | **6806** | **4795** |
| **Таъминоти захиравӣ** | **1885** | **270** | **425** | **550** | **250** | **390** |
| **Ҳамагӣ, арзиши БРН Рӯдакӣ** | **634 686** | **65 620** | **104 619** | **133 716** | **157 467** | **173 264** |
| Аз ҷумла: Буҷети ҷумҳуриявӣ | 88 927 | 7 347 | 13 652 | 22 911 | 23 351 | 21 666 |
| Буҷети маҳаллӣ | 39884 | 2334 | 5980 | 9920 | 11120 | 10530 |
| Маблағҳои худии ташкилоту корхонаҳо ва х/д | 33 390 | 3 550 | 5 960 | 4 970 | 8 400 | 10 510 |
| Соҳибкорон ва аҳолӣ | 163 302 | 32 060 | 42 144 | 32 021 | 27 837 | 29 240 |
| Сармояи хориҷӣ | 168 771 | 17 199 | 24 593 | 38 885 | 44 675 | 43 419 |
| Номуайян | 140412 | 3130 | 12290 | 25009 | 42084 | 57899 |

## БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ

***Маълумоти ҷуғрофӣ ва иқлим.*** Ноҳияи Рӯдакӣ дар қисми марказии водии Ҳисор дар баландии мутлақи аз 700 то 850 метр аз сатҳи баҳр (дар доманакуҳҳо то 1550 метр) ҷойгир шуда, бо ноҳияҳои Ёвон, Хуросон, Қубодиён, Ҳисор, Варзоб, Ваҳдат ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад мебошад. Дар ноҳия ағбаҳои Султонобод ва Фахробод ҷойгир буда, аз ҳудуди он дарёҳои Кофарниҳон ва Элок ҷорӣ мебошанд.

Ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи июл дар ҳамвориҳо аз +20 то +26,7 дараҷа гарм ва дар кӯҳҳо то ба +15 +20$^0$ С дараҷа гарм, дар моҳи январ бошад ҳарорат аз - 0 то -5$^0$ дараҷа хунук мешавад. Иқлими ноҳия субтропикии континенталӣ мебошад. Миқдори миёнаи солонаи боришот 700-900 мм буда, дар давоми сол нобаробар тақсим мешавад (дар мавсими сармо миқдори боришот 627 мм ва дар мавсими гармо бошад то 102 мм). Давомнокии рӯзҳои гарм дар ноҳия аз 200 то 240 рӯз идома меёбад.

***Захираҳои табиӣ.*** Ҳудуди ноҳия аз канданиҳои фоиданок бой мебошад. Захираҳои гази сӯзанда, флюорит, масолеҳи бинокорӣ (гаҷ, гил, регу шағал), сангҳои ороишӣ, обҳои маъданӣ ва дигар канданиҳои фоиданок боигариҳои ин музофотанд ва истифодаи самаранокӣ онҳо ба рушди иқтисодиёти ноҳия мусоидат хоҳанд намуд.

***Сохтори маъмурию ҳудудии ноҳия.*** Ноҳияи Рудакӣ аз 3 ҷамоати шаҳрак (шаҳраки Сомониён, шаҳраки Навобод ва шаҳраки Мирзо Турсунзода) ва 13 ҷамоатҳои деҳот (Гулистон, Роҳатӣ, Қиблаӣ, Россия, Чимтеппа, Чоряккорон, Чортеппа, Сарикиштӣ, Зайнабобод, Султонобод, Чоргултеппа, Лоҳур, Эсанбой) ва 190 деҳа иборат аст. Масоҳати умумии ноҳия 1,81 ҳазор км$^2$ буда, зичии ҷойгиршавии аҳолӣ дар 1 км$^2$ 255 нафарро ташкил медиҳад. Маркази ноҳия шаҳраки Сомониён мебошад. Масофа аз маркази ноҳия то шаҳри Душанбе 17 км-ро ташкил медиҳад.

*Харитаи ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Рӯдакӣ*




***Вазъи демографӣ.*** Ба ҳолати 31 декабри соли 2015 шумораи умумии аҳолии ноҳия 462 ҳазор нафарро ташкил медиҳад (аз ин 83,7 фоиз тоҷикон, 15,8,0 ӯзбекҳо ва 0,5 фоиз дигар миллатҳо), ки ин 23,0 фоизи аҳолии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 50,6 фоизро мардҳо ва 49,4 фоизро занҳо ташкил медиҳанд. Дар ноҳия 89 фоизи аҳолӣ дар деҳот ва 11 фоизи он дар шаҳрак истиқомат менамоянд. Қисми зиёди аҳолии ноҳия дар ҷамоатҳои Гулистон, Чимтеппа, Зайнабобод, Сарикиштӣ, Роҳатӣ, Чортеппа ва Россия истиқомат дорад. Аҳолии ноҳия дар давоми ҳафт соли охир 23,0 фоиз (ё 84,0 ҳазор нафар) зиёд шудааст.

*Маълумотҳои демографии ноҳияи Рӯдакӣ (дар оғози сол, ҳазор нафар)*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумии аҳолии ноҳия | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
| 1. | Хоҷагии хонавода | хоҷагӣ | 64225 | 65975 | 67400 | 69800 |
| 2. | Аҳолӣ (аз он ҷумла) | ҳаз.нафар | 425,6 | 437,0 | 449,6 | 462,0 |
| 2.1. | Мардҳо | ҳаз. нафар | 215,5 | 221,2 | 227,5 | 233,8 |
| 2.2. | Занҳо | ҳаз. нафар | 210,1 | 215,8 | 222,1 | 228,2 |
| 2.3. | Кӯдакони то синни 14 сола | нафар | 160451 | 164749 | 169499 | 174174 |
| 2.4. | Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 247699 | 254334 | 261667 | 268884 |
| 2.5. | Гурӯҳи калонсолон (63 (58 сола) ва боло) | нафар | 17450 | 17917 | 18434 | 18942 |
| 3. | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 221,3 | 227,2 | 233,8 | 240,2 |
| 4. | Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 13378 | 14633 | 15200 | 16467 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5. | *Муҳоҷирони меҳнатӣ (маълумоти сатҳи ҷамоатҳо)* | *нафар* | *10974* | *11546* | *11028* | *9472* |
| 6. | *Бекорон (расман бақайдгирифташуда)* | *нафар* | *2138* | *1815* | *2495* | *2815* |

Дар ноҳия афзоиши табии аҳолӣ зиёд буда, суръати афзоиши миёнаи солона 3,6 фоизро ташкил медиҳад. Дар сурати 3,6 фоиз будани афзоиши миёнаи аҳолӣ, ҳамасола шумораи аҳолии ноҳия ба ҳисоби миёна 1,6 ҳазор нафар (дар маҷмӯъ дар панҷ соли оянда 8,1 ҳазор нафар) ва аҳолии қобили меҳнат 6,8 ҳазор нафар (дар панҷ соли оянда 34,4 ҳазор нафар) зиёд гардида, соли 2020 мутаносибан шумораи умумии аҳолии ноҳия ба 527,0 ҳазор нафар ва аҳолии қобили меҳнат ба 274,0 ҳазор нафар мерасад.

Дар ноҳия аҳолии қобили меҳнат 52,0 фоизи шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад, ки аз ин 42,0 фоизаш аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол мебошад. Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 9,6 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 1,2 фоизро бекорон ташкил медиҳанд. Аз шумораи аҳолии ба кор машғулбуда 58,7 фоиз дар соҳаи истеҳсолоти неъматҳои моддӣ (аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ 50,0%-и аҳолӣ ба кор машғул буда) ва 41,3 фоиз дар соҳаҳои ғайримоддӣ (дар соҳаи маориф 20,9%, тандурустӣ, варзиш ва таъминоти иҷтимоӣ 9,5%) шуғл доранд.

Бо мақсади бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар доираи Барномаи рушди ноҳия таъсиси ҷойҳои навӣ корӣ, аз ҳисоби ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, фаъол гардонидани иқтидорҳои бекорхобида ва истифоданагардидаи мавҷуда, аз ҷумла ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, бунёди боғу токзорҳои нав, бунёди шаҳраки саноатӣ дар ҷамоати деҳоти «Лоҳур» ва бунёди корхонаҳои нави хурду миёна дар назар аст.

**Биниши ноҳия.**

*Ноҳияи Рӯдакӣ – мавзеи дорои технологияҳои иноватсионии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти саноатию кишоварзӣ ва бинокорӣ, бо инфрасохтори муосири иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию маишӣ, бо шароити мусоиди сармоягузорию соҳибкории хурду миёна ва муҳити тозаи экологӣ, ки дар он мардуми ҳунарманду саховатманд ва соҳибмаърифату солим кору зиндагӣ менамоянд.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи рушди ноҳия, бо назардошти имкониятҳои беруна ва таҳдидҳо таҳия гаштааст.

*Таҳлили вазъи умумии ноҳия (SWOT)*

<table>
<tr><th colspan="2">Тарафҳои қавӣ</th><th>Тарафҳои заиф</th></tr>
<tr><td>• Омилҳои дохилӣ</td><td>Аз ҳудуди ноҳия гузаштани шоҳроҳи «Душанбе-Қурғонтеппа-Панҷи поён».<br>Мавҷудияти захираҳои меҳнатии озод.<br>Мавҷудияти захираҳои кофии об.<br>Корхонаҳои саноатии мавҷуда.<br>Шароити мусоиди иқлимӣ барои парвариши ҳамаи намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ (аз ҷумла зироатҳои донагию техникӣ, сабзавот, полезӣ, боғу токпарварӣ, гулпарварӣ ва дигар намудҳо) ва мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилию берунӣ.<br>Ҷойгир будани ноҳия дар атрофи пойтахти кишвар ва наздик будан ба бозори яклухтфурушӣ, фурудгоҳ, роҳи оҳан, марказҳои фарҳангию истироҳатӣ.<br>Мавҷудияти инфрасохтори аввалиндарача.<br>Мавқеъи қулайи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва шароитҳои мусоиди табиию иқлим.<br>Мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ, аз ҷумла, канданиҳои фоиданок.<br>Мавҷудияти заминҳои шудгоршавандаи ҳосилхез ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ.<br>Вуҷуд доштани ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ.<br>Аҳолии меҳнатдӯст ва саховатманду соҳибкасб.<br>Гуногунрангии олами набототу ҳайвонот.<br>Мавҷудияти шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва ватанӣ.<br>Мавҷудияти ҳоҷагиҳои пуртаҷрибаи деҳқонӣ ва фермерии инфиродӣ.<br>Таҷрибаи кор бо сармоягузорони хориҷӣ.<br>Мавҷудияти рӯзномаи ноҳиявӣ.</td><td>Фарсуда гаштани фондҳои асосии мавҷуда.<br>Кофӣ набудани воситаҳои молиявӣ барои коркарди захираҳои табиӣ.<br>Ҳаҷми нокифояи ҷалби сармоя барои ташкили корхонаҳои коркарди захираҳои табиӣ.<br>Заминаи сусти моддию техникии соҳаи кишоварзӣ ва нокифоягии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ.<br>Ҳолати ногувори роҳҳои маҳаллӣ ва фарсудагии иншоотҳои обтаъминкунии ноҳия.<br>Татбиқи сусти нақшаи генералии ноҳия.<br>Нокифоягии иншоотҳои таъминоти оби полезӣ.<br>Фаъолияти сусти корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзию саноатӣ<br>Истифода ғайрисамараноки иқтидорҳои мавҷуда.<br>Нокифоягии ҷойҳои корӣ ва сатҳи пасти музди меҳнат ва аз ноҳия рафтани кадрҳои баландихтисос.<br>Сатҳи баланди муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат.<br>Бо иқтидори пурра фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ ва рақобатнопазир будани маҳсулоти онҳо дар бозор.<br>Самаранок ва ба таври зарурӣ истифода набурдани шароити хуби иқлимӣ барои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ.<br>Фоизи баланди қарзҳои бонкӣ, набудани имтиёзҳо, кофӣ набудани воситаҳои молиявии хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ барои харидории тухмиҳои аълосифат, техникаи муосир, нуриҳои минералӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;<br>Набудани инфрасохтори муосир, бахусус дар сатҳи деҳот.</td></tr>
<tr><th colspan="2">Имкониятҳо</th><th>Хатарҳо</th></tr>
<tr><td>• Омилҳои беруна</td><td>Бунёди шаҳраки саноатӣ дар ҷамоати деҳоти «Лоҳур».<br>Бунёди хатти интиқоли газ дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Чоргултеппа то сарҳади шаҳри Ваҳдат.<br>Таъсиси ноҳия нав дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби заминҳои ҳудуди ноҳияи Рӯдакӣ.<br>Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ безарар бо роҳи бунёди боғу токзорҳои нав ва гармхонаҳо.<br>Рушди соҳибкории хурду миёна ва ташкили ҷойҳои кории нав.<br>Сохтмон ва ба истифода супоридани корхонаҳои саноатӣ оид ба истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ.<br>Рушди соҳаи кишоварзӣ.<br>Ҷалби мақсадноки сармояи дохилӣ ва хориҷӣ.<br>Таҷдиди инфрасохтори заминавӣ.<br>Дастрас намудани қарзҳои хурди имтиёзнок.<br>Бунёди НБО-и хурду миёна.<br>Таҳия ва татбиқи самараноки барномаи рушди ноҳия.</td><td>Офатҳои табиӣ (обхезӣ, ҷола, сел, хушксолӣ, тарма ва ғайра).<br>Коррупсия.<br>Эҳтимолияти таҳдиди касалиҳои сирояткунанда.<br>Таъсири бухрони молиявию иқтисодӣ.<br>Боло рафтани сатҳи таваррум ва беқурбшавии асъор.<br>Паст гаштани арзиши маҳсулотҳои кишоварзӣ.</td></tr>
</table>

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок маҳсуб ёфта, нақши он дар рушди иқтисодиёти ноҳия ва таъмини амнияти озуқаворӣ баланд арзёбӣ мегардад.

Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Рӯдакӣ бештар ба парвариши сабзавот, ғалладонагӣ, полезӣ, зироатҳои техникӣ, инчунин ба чорводорӣ, боғу токпарварӣ ва гулпарварӣ машғул мебошанд. Зиёда аз 89 фоизи аҳолӣ ва 55 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот истиқомат менамояд. Қисми зиёди даромади худро аҳолии ноҳия аз ҳисоби фурӯши маҳсулотҳои полезӣ, сабзавот, картошка, пиёз, мевагӣ ва ғалладонагӣ ба даст меоранд.

***Шакли фаъолияти соҳаи кишоварзӣ***. Баъд аз гузаштан ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ, дар ноҳия 4323 хоҷагии деҳқонии оилавию инфиродӣ ва 16 кооперативи истеҳсолӣ таъсис дода шуд, ки дар онҳо 16848 нафар саҳмдорон машғули кор мебошанд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хонаводаҳо мебошанд. Дар сохтори истеҳсоли ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи кооперативҳои истеҳсолӣ 2,8 фоиз, хоҷагиҳои деҳқонӣ 32,1 фоиз ва хоҷагиҳои хонагӣ 65,1 фоизро ташкил медиҳад.

Соли 2015 ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар миқёси ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) 15,4 фоиз ва аз рӯи намуди зироатҳо*, аз ҷумла галладонагӣ – 25,4%, пахта - 12,3%, картошка – 7,9%, сабзавот – 21,3%, полезиҳо – 19,7%, меваҷот –7,6%, ангур –4,0%, гӯшт – 15,8%, шир – 12,9%, тухм –6,4%, пашм – 14,4%, пилла – 9,8% ва асал – 1,5% -ро ташкил дод.*

Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои ноҳия аз ҳар як гектар ба ҳисоби миёна 30,3 сентнер ғалладонагӣ ва лӯбиёӣ, 17,3 сентнер пахта, 211,7 сентнер картошка, 227,8 сентнер сабзавот, 148,9 сентнер полезӣ, 46,5 сентнер меваҷот ва 32,3 сентнер ангур ҳосил гирифта шуд, ки ин аз сатҳи нишондиҳандаи умумии ҳосилнокии зироатҳои дар НТҶ ба даст омада мунтаносибан 4 сентнер, 19,6 сентнер, 10 сентнер, 53,7 сентнер, 11,6 сентнер зиёд аст. Ҳосилнокии пахта ва ангур бошад 4,2 ва 11,8 сентнер кам шудааст.

***Ҳадафи асосии соҳаи кишоварзӣ дар панҷ соли оянда: диверсификатсияи сохтори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.***

Барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда дар давоми солҳои 2016-2020 иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

- *баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо;*
- *ҷорӣ намудани технологияҳои нави кишоварзӣ;*
- *таъсиси ҷойҳои нави корӣ.*

Ҳалли вазифаҳои гузошташуда тариқи андешидани тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- *Идома додани низомиислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ;*
- *Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок барои васеъ намудани истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ;*
- *Ба роҳ мондани усули нави обёрии заминҳо, аз ҷумла обёрии қатрагӣ;*
- *Таъмин намудани хоҷагиҳо бо тухмиҳои баландсифат ва нуриҳои минералӣ;*
- *Бо усули интенсивӣ ба роҳ мондани парвариши зироатҳо;*
- *Бунёди гармхонаҳо ва анбору сардхонаҳои замонавӣ барои нигоҳдории маҳсулот;*
- *Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо;*
- *Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида.*

***Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.*** Дар тавозуни хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 1382 адад трактору мошинҳо ва олотҳои асосӣ мавҷуд буда, аз ин 74,2 фоизаш коршоям (1025 адад) ва 25,8 фоизаш (375 адад) дар ҳолати корношоям қарор доранд. Аз шумораи умумии техникаю таҷҳизот 231 адад ба хоҷагиҳои ҷамъиятию деҳқонӣ (16,7%) ва 1151 адад ба аҳолӣ (83,3%) марбут мебошад.

*Маълумот оид ба техникаи кишоварзӣ (адад)*

| Номгӯи техника ва олотҳо (ба ҳолати 01.01.2016 с.) | Шумораи техникаи мавҷуда | | |
|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аз ин, дар ҳолати коршоям | Фоизи коршоямӣ, (%) |
| **Тракторҳо- ҳамагӣ** | **628** | **446** | **71,0** |
| аз ин шудгоркунанда | 41 | 25 | 61,0 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 32 | 17 | 53,1 |
| Ядакҳои тракторӣ | 179 | 134 | 74,7 |
| Испорҳои трактор | 400 | 315 | 78,7 |
| Тухмипошакҳои тракторӣ- ҳамагӣ | 40 | 33 | 82,5 |
| аз ин: тухмипошакҳо барои кишти пахта | 23 | 18 | 78,3 |
| Алафҷамъкунакҳои тракторӣ | 14 | 10 | 71,4 |
| Култиваторҳои тракторӣ | 15 | 15 | 100 |
| Тойбанду тагрезчинакҳо | 26 | 18 | 69,2 |
| Экскваторҳо | 48 | 37 | 77,1 |
| **Ҳамагӣ трактор ва олотҳо:** | **1382** | **1025** | **74,2** |

Ба ҳар як трактори коршоям 62 гектар замини корам, 2,3 гектар майдони боғу токзор рост меояд.

*Мушкилоте, ки ҳангоми парвариши зироатҳо ба истеҳсолкунандагон бештар таъсири манфӣ мерасонад, инҳо мебошанд:*

- дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани заминаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои муосири техникӣ барои таъмири онҳо;
- норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва таъғирёбии ҳамавақтаи арзиши равғанҳои молиданӣ ва сӯзишворӣ;
- дар ҳолати корношоям қарор доштани қисми техника ва олотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани мӯҳлати амартизатсионии онҳо) ва пурра таъмин набудани хоҷагиҳо бо техника ва таҷҳизотҳои муосир;
- фаъолияти сусти ташкилоти лизингӣ дар ноҳия;

Барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар ноҳия иқтидорҳои истифоданашудаи зиёде мавҷуданд. Дар ҳолати ба фаъолият даровадан ва самаранок истифода бурдани онҳо дар панҷ соли минбаъда рушди бемайлони тамоми бахшҳои кишоварзӣ таъмин хоҳад шуд, зеро ноҳия дорои захираҳои калони заминҳои обӣ ва лалмӣ мебошад.

***Истифодабарии заминҳо***. Майдони умумии заминҳои дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ қарордошта 203378 гектарро ташкил медиҳад (аз он 16628 га замини обӣ), ки аз ин 20415 га замини корам (аз он 10310 га обӣ) мебошад. Аз майдони умумии заминҳои обӣ 60,4 фоиз заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 26,5 фоиз заминҳои наздиҳавлигӣ, 7,7 фоиз ниҳолҳои бисёрсола, 3,7 фоиз заминҳои хоҷагиҳои ёрирасон ва 1,7 фоизи заминҳо барои таъинотҳои дигар мебошад.

Умуман, дар ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2016 тибқи ҳисобот дар бораи миқдори заминҳо ва тақсимоти он ба намуди замин ва заминистифодабарандагон (формаи №6), майдони умумии ҳамаи заминҳо бо назардошти заминҳои дар истифодаи дигар корхонаю ташкилотҳо қарордошта 235305 га мебошад (16930 га обӣ), ки аз ин 28341 га замини корам (10471 га обӣ) мебошад. Аз майдони умумии заминҳо 86,4% (203378 га) дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ, 1,1% замини маҳалҳои аҳолинишин (2485 га), 2,5% заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар, 3,8% заминҳои корхонаи хоҷагии ҷангал (8999 га), 5,9% замини захираи давлатӣ

(13965 га) ва 0,3% (ё 592 га) замини таъиноти иншооти гидротехникӣ, хоҷагии об, ҳифзи табиат, солимгардонӣ ва таърихию маданӣ мебошад.

*Истифодаи коммуникатсионии замин дар ноҳияи Рӯдакӣ (ба ҳолати 01.01.2016с.)*

| Р/т | Намуди заминҳои корам | Ҳамагӣ, га | аз он ҷумла | |
|---|---|---|---|---|
| | | | **Обӣ, га** | **Лалмӣ, га** |
| **А.** | **Замини киштшаванда, аз ҷумла дар истифодаи:** | | | |
| 1 | Хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ | 20627 | 10432 | 10195 |
| 2 | Хоҷагиҳои наздиҳавлигии аҳолӣ | 5193 | 2850 | 2303 |
| 3 | Хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | 2561 | 622 | 1939 |
| | **Ҷамъ:** | **28341** | **13904** | **14437** |
| **Б** | **Дарахтони бисёрсола** | | | |
| 1 | Хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ | 2197 | 1164 | 1033 |
| 2 | Хоҷагиҳои наздиҳавлигии аҳолӣ | 2031 | 1555 | 476 |
| 3 | Хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | - | - | - |
| | **Ҷамъ:** | **4228** | **2719** | **1509** |
| **В.** | **Заминҳои партов** | 60 | 5 | 55 |
| | **Замини корам – ҳамагӣ** | **32629** | **16628** | **16001** |
| | аз он ҷумла: | | | |
| 1 | Хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ | 22884 | 11601 | 11283 |
| 2 | Хоҷагиҳои наздиҳавлигии аҳолӣ | 7184 | 4405 | 2779 |
| 3 | Хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | 2561 | 622 | 1939 |

Аз заминҳои корами дар ноҳия мавҷудбуда ҳамагӣ 87,0 фоизи онҳо кишт карда шуда, 13,0 фоизи боқимонда (4288 га, аз ҷумла 2724 га замини обӣ ва 1564 га лалмӣ) аз гардиши кишоварзӣ берун мондаанд. Дар ҳолати ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани ин заминҳо, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш ёфта, беш аз 30,0 ҳазор нафар аҳолии маҳаллӣ ба кори доимӣ ва мавсимӣ таъмин хоҳад шуд.

*Майдони заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ*

| Намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ | Соли 2013 | | | Соли 2014 | | | Соли 2015 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Майдони кишт (га) | Ҳосилнокӣ (с/га) | Микдор (тн) | Майдони кишт (га) | Ҳосилнокӣ (с/га) | Микдор (тн) | Майдони кишт (га) | Ҳосилнокӣ (с/га) | Микдор (тн) |
| Ғалладонагӣ | 19483 | 29,8 | 61415 | 18990 | 30,4 | 63293 | 18521 | 29,8 | 60148 |
| Пахта | 711 | 20,9 | 1480 | 731 | 14,1 | 1071 | 498 | 17,3 | 863 |
| Сабзавот | 2228 | 210,3 | 71913 | 1618 | 228,2 | 65703 | 1652 | 230,3 | 65807 |
| Картошка | 1036 | 210,3 | 21947 | 928 | 225,6 | 21033 | 916 | 221,2 | 20263 |
| Полезӣ | 121 | 126,8 | 2529 | 121 | 148,9 | 2670 | 113 | 232,8 | 2631 |
| Зағер | | | | | | | 2228 | 40,2 | 895 |
| Меваҷот | 1225 | 44,3 | 5428 | 1223 | 46,5 | 5685 | 1254 | 50,4 | 6323 |
| Ангур | 637 | 29,0 | 1848 | 653 | 32,3 | 2109 | 723 | 38,2 | 2287 |
| Хӯроки чорво | 2124 | | | 2622 | | | 3011 | 0 | 0 |
| Дигар намуди зироатҳо | | | | | | | 800 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **28889** | | | **28175** | | | **27739** | | |

Дар сохтори кишти зироатҳо 66,8 фоизро кишти ғалладона, 1,8 фоизро пахта, 5,9 фоизро сабзавот, 0,8 фоизро полезӣ, 3,3 фоизро картошка ва 21,4 фоизро дигар зироатҳо ташкил медиҳад. Таҳлил нишон медиҳад, ки тайи солҳои 2005-2015 истеҳсоли

ғалла 51,0 фоиз, полезӣ 2,5 маротиба, мева 3,2 фоиз, ангур 2,0 маротиба зиёд шуда бошад ҳам, вале истеҳсоли пахта 10 маротиба (аз 7880 тоннаи соли 2005 ба 863 тонна дар соли 2015), сабзавот 14,0 фоиз ва картошка 22,0 фоиз нисбат соли 2005 кам шудааст. Сабаби асосии ин, сари вақт истифода набурдани қоидаҳои агротехникӣ, киштгардон нашудани замин, аз рӯи меъёри муайяншуда истифода набурдани нуриҳои менералӣ (аз сабаби болоравии нархи онҳо), бад шудани ҳолати мелиративии заминҳо, дастрас набудани тухмии аълосифат ва норасогии оби полезӣ дар мавсими зарурӣ мебошад.

Вазифаи асосии соҳа тӯли панҷ соли оянда, тавассути истифодаи усулҳои муосир баланд бардоштани ҳосилнокии замин ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои растанипарварӣ (аз ҷумла растаниҳои техникӣ), сабзавот, полезӣ ва картошка мебошад. Дар доираи иҷрои барномаи мазкур, дар давоми солҳои 2016-2020, инчунин майдони кишти сабзавот (218 га), картошка (204 га) ва дигар зироатҳои техникӣ (офтобпараст, ҷоруб ва ғ.) аз ҳисоби кам кардани майдони кишти пахта ва ғалладона васеъ карда мешаванд. Дар баробари ин, тайи панҷ соли оянда майдони боғҳои мевадиҳанда ба 1895 га ва ангур ба 805 га расонида мешавад.

Ҳадаф аз васеъ кардани майдони кишти зироатҳо ва майдони боғу токзорҳо, дар панҷ соли минбаъда пурра таъмин намудани бозори дохилӣ (шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои ҳамсоя) бо сабзавоти тару тоза мебошад.

Дар оянда истифодабарии заминҳои кишт бо тарзӣ интенсивӣ пешбинӣ шуда, афзоиши ҳосилнокии зироатҳо ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мешавад, зеро имконияти васеъ намудани майдони кишт аз ҳисоби заминҳои ғайрикишоварзӣ дар ноҳия маҳдуд мебошад. Ҷорӣ намудани шаклҳои навӣ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ имконият медиҳад, ки ҳосилнокӣ баланд шуда, ҳаҷми маҳсулот зиёд гардад.

Дар ноҳия асосан ба парвариши ғалладонагӣ, картошка, сабзавот, полезӣ, мева ва ангур хоҷагиҳои хонагӣ шуғл доранд ва парвариши пахта бошад пурра дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ба роҳ монда шудааст.

Истеҳсоли зироатҳои ғалладонагӣ дар ноҳия аз шароити иқлимӣ бахусус боришот вобастагии калон дорад ва соле, ки боришот зиёд аст, ҳосили фаровон гирифта мешавад, зеро дар ноҳия ғалладона асосан дар заминҳои лалмӣ кишт мешавад.

**Низоми обёрии заминҳои кишоварзӣ.** Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз мушкилиҳои асосии ҷойдоштаи соҳаи кишоварзии ноҳия мебошад. Ҳалли мушкилиҳои мазкур метавонад ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар ноҳия 13904 га замини обёришавандаи кишоварзӣ (бо назардошти заминиҳои маҳалҳои аҳолинишин) мавҷуд аст, ки аз ин 3700 га тавассути 13 пойгоҳи обкашӣ (бо 29 агрегат, ки аз ин 22 ададаш корношоям) обёрӣ карда шавад ҳам, вале дар мавсими парвариши зироатҳо оби полезӣ намерасад. Аз сабаби норасогии оби полезӣ гузаронидани кишти такрорӣ дар 3700 га замин имконнопазир мебошад (аз ҷумла 670 га дар мавзеи Султонобод, 500 га дар мавзеи Лоҳур, 600 га дар мавзеи Эсанбой, 250 га дар Чоргултеппа, 200 га дар Чоряккорон, 150 га дар Гулистон, 30 га дар Сарикиштӣ ва 180 га дар Роҳатӣ). Дар ҳолати таъмир ва барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ, дар ноҳия имконияти гузаронидани кишти такрорӣ ва гирифтани ҳосили дуюм ба вуҷуд меояд, ки ин метавонад ба афзоиши сатҳи даромади хоҷагиҳои кишоварзӣ ва таъсиси ҷойи нави корӣ мусоидат намояд (дар натиҷа беш аз 37000 нафар ба кори доимӣ ва мавсимӣ ҷалб карда мешавад).

Дар ноҳия зиёда аз 1000 га замини обӣ дар ҳолати ғайримелиоративӣ қарор дорад (аз рӯи ҷамоатҳо 200 га дар ҷамоати деҳоти Султонобод, 700 га дар ҷамоати деҳоти Эсанбой ва 270 га дар ҷамоати деҳоти Лоҳур). Асосан қисми зиёди заминҳои ғайриқаноатбахш дар мавзеҳои Сарикиштӣ (150 га), деҳаи Дарёободи ҷамоати Чимтеппа (60 га) ва мавзеи Эсанбой (200 га) ҷойгир шудаанд, зеро дар ин мавзеъҳо сатҳи оби зеризаминӣ баланд аст.

Инчунин барои пешгирӣ намудани шусташавии заминҳои назди соҳилии дарёҳои Элок дар деҳаи Тоҷикобод, деҳаи Садоқати ҷамоати “Зайнабобод” (400 м), деҳаи Иқболи ҷамоати шаҳраки “М. Турсунзода” (450 м), деҳаи Сарикиштии поён (400 м), инчунин деҳаи Чагам (500 м) ва деҳаи Қарагазаи (380 м) ҷамоати деҳоти Эсанбой, ки дар назди соҳили дарёи Кофарниҳон ҷойгиранд солҳои 2016-2018 иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар назар дошта шудааст.

Дар ҳолати беҳтар намудани ҳолати ғайриқаноъатбахши мелиоративии 4700 га замин ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани он, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дучанд зиёд гардида, 47,0 ҳазор нафар аҳолии маҳаллӣ бо кори доимию мавсимӣ таъмин мегардад.

Дар ноҳия 80 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ ва 120 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ  мавҷуд аст, ки аз ин 50 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ ва 80 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ба тоза кардан ниёз доранд.

***Сабзавоткорӣ.*** Дар ноҳия парвариши сабзавот ва картошка барои таъмини бозори дохилӣ ва берунӣ ба роҳ монда шудааст. Ба парвариши сабзавот ва картошка хоҷагиҳои хонагӣ, деҳқонӣ ва ҷамъиятӣ шуғл доранд ва ҳиссаи онҳо дар парвариши ин маҳсулотҳо мутаносибан 38,4 фоиз, 36,3 фоиз, 25,3 фоиз ва 54,1 фоиз, 43,5 фоиз ва 2,4 фоизро ташкил медиҳад. Дар назар аст, ки парвариши сабзавот ва картошка тайи солҳои минбаъда аз ҳисоби кам кардани майдони кишти пахта, ғалладона то ба 14-22 фоиз зиёд карда мешавад ва истеҳсоли онҳо дар соли 2020 мутаносибан ба 111,8 ҳазор тонна ва 42,7 ҳазор тонна расонида мешавад (дар ҳолати аз 1 га гирифтани 230 сентнер ва 221 сентнер). Дар ноҳия ҳаҷми истеҳсоли сабзавот дар муқоиса ба ноҳияи Ҳисор 4 маротиба ва нисбат ба шаҳри Ваҳдат 7 маротиба зиёд аст.

Хоҷагиҳои ноҳия ба парвариши сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам, каду ва дигар маҳсулотҳои полезӣ низ, шуғл доранд ва ин намуди маҳсулотҳо сарчашмаи асосии даромади онҳо мебошад.

Барои дар оянда дар тамоми мавсим таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти тару тоза, бунёди гармхонаҳои махсус ва сардхонаҳо ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро иқлими ноҳия барои парвариши сабзавот мувофиқ аст. Дар ноҳия барои парвариши маҳсулоти сабзавотӣ  (дар майдони умумии 2 га) гармхонаҳо бунёд шудаанд ва то соли 2020 иловатан боз 4 гармхонаи дигар дар майдони умумии 4 га дар ҷамоатҳои деҳоти Чимтеппа, Чортеппа, Чорякорон ва Россия пешбинӣ шудааст. Дар сурати бунёд намудани гармхона ва сардхонаҳои замонавӣ, ноҳия имконият пайдо менамояд, ки бозори дохилӣ ва беруниро тамоми сол бо маҳсулотҳои тару тоза таъмин намояд. Таъмин намудани бозори дохилӣ бо сабзавот (помидор, бодиринг, қаламфур, боимҷон, шалғам, лаблабу, сабзӣ, намудҳои гуногуни кабудӣ, карам ва дигар сабзавотҳо), картошка ва меваи тару тоза, ҳадафи асосии соҳаи растанипарварӣ дар панҷ соли минбаъда мебошад, зеро онҳо ҳамчун молҳои воридотвазкунанда арзёбӣ мешаванд.

Инчунин, дар ноҳия гулпарварӣ низ хуб ба роҳ монда шудааст (дар ҷамоатҳои деҳотӣ Россия, Чортеппа ва Чимтеппа) ва хоҷагиҳои гулпарвар аз он даромади зиёд мегиранд. Дар оянда ҳангоми зиёд намудани хоҷагиҳои гулпарварӣ ноҳия имконият пайдо менамояд, ки содироти онро ба бозори берунӣ ба роҳ монад.

***Боғу токпарварӣ.*** Боғдорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромадноки ноҳия мебошад. Ин соҳа хусусияти стратегӣ низ дорад, зеро дар афзун гардонидани таъминоти бозори дохилӣ ва берунӣ бо меваи тару тоза нақши муҳим бозида, манбаи содиротӣ ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия мебошад.

Иқлими ноҳия имконият медиҳад, ки майдони боғу токзорро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил васеъ намуда, талаботи бозори дохилӣ ва берунӣ пурра бо меваи тару тоза таъмин карда шавад. Ҳоло дар ҷамоатҳои деҳоти Султонобод, Роҳатӣ, Чоряккорон ва Чоргултеппа парвариши меваҳои донакдор ва ток ба роҳ монда шудааст. Дар оянда бунёди боғ ва токзор дар ҷамоатҳои деҳоти Қиблаӣ, Роҳатӣ, Гулистон, Султонобод ва Чоргултеппа пешбинӣ мешавад.

Дар давоми панҷ соли охир истеҳсоли меваҷот ва ангур мутаносибан 2 маротиба ва 6,2 маротиба зиёд шудааст, ки ин аз ҳисоби ба ҳосил даромадани боғу токзорҳои нав мебошад.

Дар давоми солҳои 2010-2015 дар заминҳои корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия 784,5 га боғи нав бунёд карда шуд, ки аз ин 557,9 га майдони боғи меваҳои тухмидору меваҳои донакдор ва 226,7 га токзор мебошад. Дар ҳолати ба ҳосил даромадани онҳо истеҳсоли мева то 2000 тонна афзоиш меёбад (дар ҳолати аз як га гирифтани 50 сентнер ҳосил). Инчунин дар давоми солҳои 2016-2020 аз ҳисоби заминҳои талу теппа ва заминҳои лалмӣ, бунёди 274 га боғу токзори нав пешбинӣ шудааст, аз ҷумла аз ин 96 га дар талу теппаҳо ва 178 га дар заминҳои лалмӣ. Дар натиҷаи бунёди боғу токзорҳо, зиёда аз 27 ҳазор нафар аҳолии маҳаллӣ бо корӣ доимию мавсимӣ таъмин хоҳад шуд. Илова ба ин, тайи панҷ соли оянда бунёди 1 га боғи интенсивӣ дар ҷамоати деҳотӣ Саркиштӣ пешбинӣ шудааст.

Солҳои охир истифода набурдани заҳрхимикатҳо ва нагузаронидани дигар чорабиниҳои агротехникӣ ба муқобили ҳамагуна ҳашаротҳои зараррасон ва баланд шудани сатҳи оби зеризаминӣ, боиси аз ҳосил мондани қисми боғу токзорҳо гардидааст. Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо, ҳашаротҳои зараррасон ва паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ метавонад дар баланд шудани ҳосилнокӣ ва афзоиши истеҳсоли меваҷот мусоидат намояд.

Дар оянда бунёди сардхонаҳои махсус барои нигоҳ доштани мева дар назар аст, ки ин метавонад ҳосили дар мавсими ҷаъоварӣ ба дастовардаи меваро тару тоза ва солим нигоҳ дорад.

**Соҳаи чорводорӣ.** Соли 2015 ҳиссаи соҳаи чорводорӣ дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 33,4 фоизро ташкил намуд.

*Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | Тонна | 4893 | 5614 | 6083 | 6657 | 6804 |
| Шир | Тонна | 22391 | 23286 | 24627 | 25010 | 25436 |
| Тухм | ҳаз. дона | 7956 | 8125 | 9021 | 9257 | 9227 |
| Пашм | Тонна | 102 | 102 | 102 | 103 | 103 |
| Пилла | Тонна | 20 | 20 | 21 | 10 | 15 |
| Асал | Тонна | 9 | 14 | 16 | 22 | 23 |

Аз маҳсулоти истеҳсолшуда, истеҳсоли гӯшт, шир, пашм, асал қариб пурра ба хоҷагиҳои хонагӣ ва истеҳсоли тухм ба хоҷагиҳои ҷамъиятӣ рост меояд.

*Саршумори чорво ва парранда дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо*

| Номгӯй | Воҳиди ченак | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои калони шохдор | сар | 59110 | 61393 | 64922 | 65576 | 66379 |
| аз он ҷумла модагов | сар | 32946 | 29630 | 29942 | 30132 | 30172 |
| Гӯсфанду буз | сар | 72235 | 77300 | 83585 | 93264 | 98208 |
| Парранда | сар | 133315 | 148438 | 151025 | 161906 | 157877 |
| Асп | сар | 1935 | 1817 | 1829 | 1857 | 1859 |
| Оилаи занбури асал | сар | 1540 | 1511 | 1815 | 2390 | 2482 |

Аз саршумори умумии чорво 97,0 фоиз чорвои калон, аз ҷумла 98,2 фоиз модагов (дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 1.0%, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 2,0%), 77,9 фоиз гӯсфанду буз (дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 4,9%, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 17,2%), 55,9 фоиз парранда (дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 30,7%, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 13,4%), 59,1 фоиз асп (дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 23,7%, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 17,2%) ва 99,2 фоизи боқимондаи оилаи занбури асал (дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 0,8%) ба хоҷагиҳои хонагӣ тааллуқ дорад.

Ҳамасола дар ноҳия ба ҳисоби миёна 500 сар гӯсола гирифта мешавад ва пешбинӣ мегардад, ки соли 2020 саршумори модагов 1250 сар зиёд мешавад (дар маҷмӯъ саршумори модагов ба 31422 сар мерасад). Дар ҳолати аз ҳар сар модагов дар як рӯз гирифтани 33 кг шир, истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои ноҳия дар соли 2020 ба 1037 тонна мерасад.

Инчунин барои рушди соҳаи чорводорӣ дар ноҳия ва барои хушзоткунии чорво аз давлатҳои Исроил ва Олмон нутфаҳои зотӣ чорвои шохдорӣ калон (Сиёҳ-Ало) ворид карда мешавад.

Ҷиҳати дар оянда инкишоф додани соҳаи чорводорӣ дар маркази ноҳия таҷдиди стансияи бордоркунии байниноҳиявӣ бо назардошти таҷҳизот ва технологияи муосир барои бордоркунии сунии насли хушзот бо ҷалби 1,0 млн. дол. ИМА сармояи хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар хоҷагиҳои чорводории ноҳия ҳамасола чорвои зиёди калони шохдор ва майда забҳ карда мешавад ва аз сабаби набудани нуқтаҳои қабули пӯст ва пашм қисми зиёди онҳо ба партовгоҳҳо партофта мешаванд. Инчунин нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ бо таҷҳизотҳои замонавӣ муҷаҳҳаз нагардидаанд.

Ташкил намудани коргоҳҳои хурду миёна барои коркарди гӯшт, шир, пашм ва коркарди гӯшту шир яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб ёфта, метавонад дар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани дараҷаи даромаднокии хоҷагиҳо заминаи устувор гузорад.

**Парандапарварӣ.** Дар ноҳия 7 корхонаи парандапарварӣ мавҷуд буда, аз ин шумора танҳо панҷ корхона фаъолият мекунад (ҶДММ “Парандапарвар”-и Душанбе, ҶДММ “Ҷуҷаи Зарин”, ҶДММ “Ихлос”, ҶДММ “Шарифиён” ва ҶДММ “Куҳдара”) ва ду корхона аз фаъолият бозмондааст. Дар хоҷагиҳои номбурда 77,7 ҳазор парранда (аз ҷумла 5,5 ҳазор бедона) парвариш карда мешавад. Аз ҳар сар мурғ дар як сол 135 дона тухм гирифта мешавад ва ҳамагӣ 25-30 фоизи талаботи аҳолии ноҳия таъмин карда мешавад (ба ҳар нафар аҳолӣ дар як сол 20 дона тухм рост меояд).

Дар доираи татбиқи барномаи мазкур дар оянда бунёд намудани ду фермаи мурғпарварӣ, бо арзиши 375,0 ҳазор сомонӣ барои ҳар як ферма, бо технологияи замонавӣ барои парвариши 20,0 ҳазор паранда (дар ҳар як ферма 10,0 ҳазор паранда) ба нақша гирифта шудааст.

**Занбӯри асалпарварӣ.** Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳия барои инкишофи соҳаи занбӯрпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои маҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал ва истеҳсоли он зиёд карда шавад. Дар ноҳия ба рушди соҳа диққати ҷиддӣ дода мешавад. Истеҳсоли асал аз 9,0 тоннаи соли 2010 дар соли 2015 ба 23,0 тонна расонида шудааст. Тибқи нақша соли 2020 шумораи оилаи занбури асал ба 3232 оила расонида мешавад.

*Зиёд намудани шумораи оилаи занбури асал ва афзун намудани истеҳсоли асал дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия мебошад.*

**Моҳипарварӣ.** Дар солҳои охир дар ноҳия ба парвариши моҳӣ низ диққати махсус дода мешавад. Дар назар аст, ки соли 2020 истеҳсоли моҳӣ ба 40 тонна расонида мешавад. Майдони ҳавзи парвариши моҳӣ аз 5,5 га дар соли 2015 мавҷуда, то соли 2020 дар ҳудуди ҷамоатҳои Гулистон, Зайнабобод, М. Турсунзода, Россия, Чимтеппа ва Сарикиштӣ ба 20 га расонида мешавад.

**Байторӣ.** Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводориро бе пешниҳоди хизматрасонии босифати байторӣ (бахусус ҳангоми пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда) тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Дар ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои қарасон (эмкор), хорӣ (бешенство), яшур, язваи сибирӣ, кирмҳои дарунӣ, кирмҳои пӯст, брутселлёз, бразот, энтеротоксимия ва варами шуши моли майда ба мушоҳида мерасад.

Маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд (барои маводҳои биологии сӯхтанӣ – 100 %, вабои сумдард 12 %, гули моли майда 10 %, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-40%).

Мушкилии дигар, дар хоҷагиҳои ноҳия набудани нуқтаи безараргардонии чорво (барои сӯзонидан ва шустушӯи чорво, бахусус, барои чорвои гирифтори касалиҳои сироятӣ) мебошад. Бунёди нуқтаҳои безараргардонӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани клиникаҳои байторӣ (аз ҷумла, дар сатҳи ҷамоатҳо) бо техникаю технологияҳои муосир барои рушди соҳаи байторӣ афзалияти аввалиндараҷа мебошад.

Ҳамзамон дар ноҳия таъсис додани курсҳои кӯтоҳмуддати байторӣ (аз 6 моҳ то 1 сол) оиди рушди соҳаи чорводорӣ, занбӯри асалпарварӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Масъалаи дигари муҳим, ин ҳифзи ҳудуди ноҳия аз воридшавии ангезаҳои бемориҳои карантинии ҳайвонот (аз ҷумла парранда, ҳайвоноти мӯинадор, занбӯри асал, моҳӣ, роҳҳои чорвогузар ва ғайра) мебошад.

Дар баробари мушкилоти номбаршуда норасогии мутахассисони баландихтисоси соҳаи байторӣ дар ноҳия низ ба назар мерасад ва ин ба пешбурди соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

Норасогии воситаҳои молиявӣ имконият намедиҳад, ки мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа, вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байторӣ, сари вақт бартараф карда шавад. Аз ин лиҳоз, ҳарчи бештар ташкил намудани клиникаҳо ва дорухонаҳои хусусии байторӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия, инчунин бо мутахассисон таъмин намудани онҳо, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмӯъ мушкилиҳои асосии байториро ба таври зайл шарҳ додан мумкин аст: набудани таҷҳизоти муосири ташхисии байторӣ ва техникаҳои замонавӣ, норасогии мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ ва дастрасӣ надоштан ба ваксинаҳо.

**Мушкилиҳои соҳаи кишоварзӣ.** Мавҷуд набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (мева, сабзавот ва ширу гӯшт ва пашму пӯст), набудани нуқтаҳои қабули пӯсту пашм, нокифоягии маблағ барои азхудкунии заминҳои нав ва обёрии заминҳо, паст будани сатҳи хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ, бахусус дар мавриди таъминот бо оби полезӣ, фарсуда ва корношоям гаштани техникаҳои мавҷуда дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудани базаи моддию техникӣ ва нокифоягии техникаи ҳозиразамон, саривақт таъмин нагардидани хоҷагиҳо бо тухмии хушсифат, баланд шудани нархи сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва дигар тарифҳои хадамотӣ, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои кишоварзӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмӯҳлат, риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ ва истифода набурдани системаи киштгардон, паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (бо сабабхои иваз нашудани тухмиҳо), зиёд шудани ҳашароти зараррасон, касалиҳои гуногун ва дастрас набудани маводи дорувории заҳркимиёҳо барои коркард намудани боғ ва киштзор, ба таври кофӣ таъмин набудани хоҷагиҳои чорвопарвар бо ваксинаҳо ва мушкилии хизматрасонии байторӣ дар сатҳи ҷамоатҳо, нокифоягии шумораи байторҳо ва таҷҳизоти байторӣ, дар ҳудуди ҷамоатҳо набудани ҷойҳои махсуси забҳи чорво ва ҷойҳои махсус барои безараргардонии чорвои фовтида, нокифоягии нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ дар сатҳи ҷамоатҳо, маълумоти кофии тахассусӣ надоштани аксари сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ (зиёда аз 71% онҳо таҷрибаи корӣ ва маълумоти кишоварзӣ, 15% таҷрибаи роҳбарӣ надоранд ва 22% хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкили дурусти ҳисобу китоби хоҷагидориро ба роҳ намондаанд).

## 2.2. Соҳаи саноат

Соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёт бинобар сабаби ба вуҷуд овардани арзиши илова ба афзоиш ёфтани ҳаҷми даромадҳо ба буҷет мусоидат намуда, дар ин замина барои беҳтар гаштани сифати зиндагӣ, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, ташаккули табақаи миёна ва баланд шудани сатҳи некӯаҳволии мардум нақши муҳимро мебозад.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ 122 корхонаи хурду миёнаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 45 корхона ба истеҳсоли қуму шағал ва 77 корхонаи дигар ба истеҳсоли маҳсулотҳои гуногуни саноатӣ машғул мебошанд. Аз шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ 11 корхона бо сабабҳои норасогии ашёи хом, набудани маблағҳои озод ва ғайра ё ғайрисамаранок фаъолият менамоянд ё аз фаъолият бозмондаанд. Дар ташаккул ёфтани маҷмӯи умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия саҳми истеҳсолкунандагони масолеҳи бинокорӣ - ҶДММ «Купруксозии Пайванд», ҶДММ «Хишти аввал», ҶДММ «Афра», ҶДММ «Маздо», ҶДММ «Файзрез», ҶДММ «Асри нав», ҶДММ «Шодмон-2010», ҶДММ «Тоҷикистон Чун-Чинг», ҶДММ «Тоҷиксохтмонманба», ҶСП «Хишти Катасой», ҶДММ «Турон», ҶДММ «Нур-С», ҶДММ «Сомон сохтмон саноат», истеҳсолкунандагони масолеҳи ғайримаъданӣ - ҶДММ «Сангреза», ҶДММ «Куҳкан», ҶДММ «ЛМ-Чорсу», ҶДММ «Сомон Сангрез», ҶДММ «Файзрез», ҶДММ «Сад-Дарё», ҶДММ «Р Р», ҶДММ «Транс-Сиб-Файзбор», ҶДММ «Масолеҳи ғайримаъдан», ҶДММ «Алиф», ҶДММ «Абулхайр», ҶДММ «Сангрезаи Обшорон», ҶСП СД «Тоҷику-Хитой», ҶСП «Бинокор сервис», ҶДММ «Доро-Сангреза», ҶДММ «Комил-2010», ҶСП «Куҳбол», ҶДММ «Савуров», ҶДММ «Сатторӣ ва Ш», ҶДММ «Фавора», ҶДММ «Санги Дарё», истеҳсолкунандагони гаҷ - ҶДММ «Пармах», ҶДММ «Гранит», ҶДММ «Ангара», ҶДММ «Делфин», ҶДММ «Ком-Нур», ҶДММ «Формула-2010», истеҳсолкунандаи нахи пахта, чигити тухмии пахта, калобаи пахтагин ва матои пахтагин - ҶСШК «Ҳосилот», истеҳсолкунандаи оби маъданӣ - ҶДММ «Сонет» ва ҶСШК «Ҳосилот», истеҳсолкунандагони маснуоти оҳану бетонӣ - ҶДММ «Бунёдкор», «Заводи таҷҳизоти купрук, роҳ ва оҳану бетони васлшаванда», ҶДММ «Сприн бок», истеҳсолкунандаи маснуоти пластикаи филизӣ - ҶДММ «Олами тирезаҳо», ҶДММ «Сонет», истеҳсолкунандаи нушокиҳои ғайриспиртӣ ва оби ҷав - ҶДММ «Сонет», истеҳсолкунандагони маҳсулоти қаннодӣ - ҶДММ «Амирӣ», Тоҷикматлубот, истеҳсолкунандаи маҳсулоти ширӣ - ҶДММ «Калина», истеҳсолкунандагони спирти этили хом - ҶСП «ММД», ҶДММ «Сафар-ЛТД», истеҳсолкунандаи арақ ва маҳсулоти ликёру арақ - ҶДММ «Шоҳона», истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ – Тоҷикматлубот, ҶДММ «Тиҷорати қанд», С.И Ғайбуллозода, ҶДММ «Гулшан», истеҳсолкунандагони маҳсулоти доруворӣ - ҶДММ «Тиб барои Шумо», истеҳсолкунандаи сӯзишвории дизелӣ ва бензин - ҶДММ «Тенгма», истеҳсолкунандаи шишаҳои ранга - СИ «Умаров Ф.», истеҳсолкунандаи маҳсулоти полиграфӣ - ҶДММ «Гефро Агрегат» бештар мебошад. Фаъолияти асосии корхонаҳои саноатии ноҳия барои истеҳсоли масолеҳи сохтмон (хишти пухта, гаҷ, блокҳои сементӣ, шағалу қум, маҳсулоти оҳану бетон, асфалт, хамираи сохтмонӣ, ғуррагаҷ, ширеши бинокорӣ, сутунҳои мармарин, дару тирезаҳои чӯбию пластикӣ ва ғайра), маҳсулоти нонӣ, қаннодӣ, маҳсулоти ширу гӯшт (ҳасиб, қаймоқ, панир, чурғот), нӯшокиҳои ташнашикан, обҳои минералӣ ва оби ҷав (пиво) нигаронида шудааст.

*Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба тариқи аслӣ дар корхонаҳои саноатии ноҳия*

| Номгӯй | Воҳиди ченак | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳамагӣ | млн. сом. | 72 | 79,4 | 97,6 | 114,2 | 130,6 |
| Корхонаҳои саноатӣ | адад | 44 | 57 | 89 | 90 | 122 |
| **Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ** | | | | | | |
| Нахи пахта | тонна | 2004 | 1655 | 606 | 1124 | 729 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Пунбадона | тонна | 3275 | 2596 | 925 | 1789 | 1093 |
| Маҳсулоти инертии бинокорӣ, ҳамагӣ | ҳ.м³ | 155,7 | 200 | 312,5 | 416,6 | 436,5 |
| аз он ҷумла: Сангпора | ҳ.м³ | 83,8 | 98,4 | 123,5 | 229,4 | 200,1 |
| Рег | ҳ.м³ | 58,3 | 85,1 | 148,2 | 142,9 | 191,1 |
| Омехтаи регу сангмайда | ҳ.м³ | 13,6 | 16,1 | 40,8 | 44,2 | 45,3 |
| Маҳсулоти оҳану бетон | м³ | 7145 | 5031 | 9411 | 10227 | 11487 |
| Обӣ маъдани (менералии газнок) | дал | 39647 | 25316 | 24465 | 30297 | 72882 |
| Нӯшокиҳои беспиртӣ | дал | 9221 | 9768 | 10801 | 12284 | 75989 |
| Маҳсулоти спиртӣ | дал | 6975 | 23071 | 24063 | 19779 | 17210 |
| Оби ҷав | дал | 6400 | 6200 | 5600 | 5730 | 3925 |
| Қанд (конфет) | тонна | 100 | 220 | 608 | 833 | 521 |
| Ҳасиб | тонна | - | 12 | 34 | 33 | 38 |
| Маҳсулотҳои макаронӣ | тонна | - | 180 | 308 | 352 | 309 |
| Хишт | ҳ.дона | 7898 | 8731 | 16211 | 15400 | 18067 |
| Асфальт | тонна | - | - | 15683 | 12202 | 26908 |
| Бензин | тонна | - | 295 | 98 | 98 | 41 |
| Сузишвории дизелӣ | тонна | - | 673 | 678 | 373 | 318 |
| Мазут | тонна | - | - | 481 | 562 | 473 |

Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия тайи 5 соли охир мусбӣ арзёбӣ мешавад. Чунин тамоюл пеш аз ҳама ба зиёд шудани шумораи корхонаҳои саноатӣ ва ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот марбут мебошад. Дар давоми соли 2015 ба маблағи зиёда аз 130,6 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли 2014 ба андозаи 14,4 фоиз ва нисбат ба соли соли 2012 бошад ба андозаи 64,5% зиёд мебошад. Андозаи миёнасолонаи афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 14,5 фоизро ташкил медиҳад.




Аз рӯи маълумоти расмӣ, афзоиши индекси нархи маҳсулотҳои саноатӣ дар давоми панҷ соли охир ба ҳисоби миёна тақрибан аз 3 то 4 фоизро ташкил медиҳад. Чунин тамоюл нишон медиҳад, ки афзоиши воқеии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати ноҳия нисбат ба индекси нархҳо тақрибан аз 10,5 то 11 банди фоизӣ зиёдтар аст. Сабаби асосии мунтазам рушд ёфтани соҳаи саноати ноҳия ба фароҳам будани шароити мусоид барои сармоягузорӣ, дар наздикии пойтахти ҷумҳурӣ ҷойгир шудани ноҳия ва наздик будан ба бозори фурӯши маҳсулот, аз байни ноҳия гузаштани дарёи Кофарниҳон (манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти инертии бинокорӣ - сангреза, шағал, қум, рег ва ғайра) марбут аст.

*Истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатии ноҳияи Рӯдакӣ ва молистеъмолкунандагон*

| № | Номгуи корхонаҳо | Воҳид и ченак | Соли 2014 | Соли 2015 | Арзиши аслии як воҳид | Шумораи ҷойҳои корӣ | Молистеъмолкунандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | **ҶСШК «Ҳосилот» ш. Навобод, д. Бурёбоф** | | | | | 72 | |
| | Нахи пахтаи соф | Тонна | 729,0 | 212,0 | | | Руссия, Туркия, Олмон |
| | Тухми чигит | Тонна | 1093,0 | 323,0 | | | ҶТ |
| | Матои пахтагин | ҳаз. м$^2$ | | | | | ҶТ, Руссия |
| | Ришта | Тонна | | | | | Руссия |
| | Оби минералӣ | дал | | | | | ҶТ |
| 2 | **ҶСП «ММД» ш. Турсунзода, д. Истиқлол** | | | | | 11 | |
| | Спирти истеъмолӣ | дал | 11700 | 4400,0 | 1дал 95,50 | | ҶТ |
| 3 | **ҶДММ «Масолеҳи ғайри маъдан» д.Чимтеппа** | | | | | 9 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 522,9 | | | | ҶТ |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 300,6 | 1000,0 | | | ҶТ |
| | Шағали омехта | м$^3$ | | | | | ҶТ |
| **4** | **ҶСП «ДМК» ч. Чоргултеппа, д. Куктош** | | | | | 8 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 1263,8 | 1151,0 | 1 м$^3$ 42,0 | | ҶТ |
| | Оҳану бетони васлшуда | м$^3$ | 1817,6 | 375,9 | 1 м$^3$ 2720 | | ҶТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 1568,0 | 1457,0 | 1 м$^3$ 40,0 | | ҶТ |
| **5** | **ҶСШК «Сангреза» ч. Чимтеппа, д. Дарёбод** | | | | | 10 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 14805 | 4996 | 1 м$^3$ 32,45 | | ҶТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 8636 | 10853 | 32,5 | | ҶТ |
| | Шағали омехта | м$^3$ | 4000 | | 32,5 | | ҶТ |
| | Бетон | м$^3$ | 5802,1 | 2586,7 | 560,0 | | ҶТ |
| **6** | **ҶСШК «Таъмиргар» ш. Турсунзода, д. Элок -34** | | | | | 10 | |
| | Хизматрасонии воситаҳои техникӣ | ҳ. сом. | 8,8 | 10,2 | | | ҶТ |
| **7** | **ҶДММ «Купрусози Пайванд» ч. Чоргултеппа, д. Куктош** | | | | | 14 | |
| | Хишти сохтмонӣ | ҳ.дона | 920,0 | | 0,38 | | ҶТ |
| **8** | **ҶДММ «Сонет» ч. Чоргултеппа, д. Оби шифо** | | | | | 22 | |
| | Оби минералӣ | дал | 18495 | 21090 | 1далл 930 | | ҶТ |
| | Обҳои ранга | дал | 10140 | 9510 | 10,0 | | ҶТ |
| | Оби ҷав | дал | 3925 | 3980 | 17,0 | | ҶТ |
| **9** | **ҶДММ «Шоҳона» ш. Навобод, к. Кушониен** | | | | | 29 | |
| | Маҳсулоти спиртӣ (нақеъ-настойка) | далл | 2243,0 | 1960,0 | 1далл 169 | | ҶТ |
| | Махсулоти спиртӣ (арақ) | далл | 4067,0 | 4332,6 | 373,2 | | ҶТ |
| **10** | **ҶДММ «Файзрез» ч. Зайнабобод, д. Микоян** | | | | | 15 | |
| | Хишти пухта | ҳ.дона | 2110,0 | 1860,0 | 0,34 | | ҶТ |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 1000,0 | 45,0 | 11,0 | | ҶТ |
| **11** | **ҶДММ «Соҳил-2013» (Транссиб) ч. Гулистон, д. Сабзакор** | | | | | 17 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 2164,8 | 2274,8 | 1 м$^3$ 44,0 | | ҶТ |
| | Шағал (регу санг) | м$^3$ | 3450,3 | 5261,2 | 34,0 | | ҶТ |
| **12** | **ҶСК «Сомон сангрез» ч. Чоргултеппа, д. Куктош** | | | | | 21 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 15941 | 5343,0 | 11,8 | | ҶТ |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 9704,0 | 7354,0 | 11,8 | | ҶТ |
| **13** | **ҶДММ «Маздо» ч. Чоряккорон, д. Армугон** | | | | | 19 | |
| | Хишти сохмони | ҳ.дона | 535,3 | | 1дона 0,4 | | ҶТ |
| **14** | **ҶДММ «Алиф» ч. Зайнабобод, д. Сароб** | | | | | 13 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 14873 | 4933 | 41,80 | | ҶТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 9405,0 | 3945,0 | 14,88 | | ҶТ |
| | Шағали омехта | м$^3$ | 2856,0 | 920,0 | 1 м$^3$ 30,93 | | ҶТ |
| **15** | **ҶДММ «Суҳайл 2012» ч.Чоргултеппа** | | | | | 24 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 21380 | 19643,0 | 30,0 | | ҶТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 25529 | 26545,0 | 15,0 | | ҶТ |
| | Шағали омехта (зубок) | м$^3$ | 14335 | 12831,0 | 20,0 | | ҶТ |
| **16** | **ҶДММ «Хишти Аввал» ч. Сарикиштӣ, д. Доманакуҳ** | | | | | 11 | ҶТ |
| | Хишти сохмони | ҳ.дона | 2224,0 | 2130,0 | 1дона 0,4 | | ҶТ |
| **17** | **ҶДММ «Бинокор» ч. Россия, д. Фалакон** | | | | | | ҶТ |
| | Охану бетони васлшуда | м$^3$ | 4168,2 | 3333,8 | 1 м$^3$ 35,0 | 26 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 2279,6 | 1733,0 | 37,50 | | ҶТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 4663.8 | 3554,6 | 32,50 | | ҶТ |
| **18** | **ҶДММ «Турон» ч. Лоҳур, д. Тюбек** | | | | | 10 | |
| | Хишти сохтмонӣ | ҳ.дона | 110,5 | | | | ҶТ |
| **19** | **ҶДММ «Гафро Агрегат» ч. Чимтеппа, д. Гулбутта** | | | | | 17 | |
| | Кардонҳои коғазӣ | ҳ.дона | 662,6 | 932,9 | 2,12 | | ҶТ |
| | Шона (ячейка) | ҳ.дона | | | | | ҶТ |
| **20** | **ҶДММ «Ангара» ч. Чоргултеппа, д. Чорсу** | | | | | 19 | |
| | Хокаи сохтмонӣ (алибастер) | тонна | 587,3 | 431,4 | 1 кг 0,38 | | ҶТ |
| **21** | **ҶДММ «Кухкан» ч. Чимтеппа, д. Чимтеппа** | | | | | 12 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | | | | | ҶТ |
| | Қум (рег) | м$^3$ | | | | | ҶТ |
| | Шағали омехта | м$^3$ | 3008,0 | 1051,0 | 1 м$^3$ 37,50 | | ҶТ |
| **22** | **ҶДММ «Гранит» ч. Чортеппа, д. Маърифатӣ** | | | | | 14 | |
| | Фаска-резка-гранит | дона | 2054 | 546,1 | 1дона 10 | | ҶТ |
| | Сутунҳои мармарин | дона | 205,0 | | | | ҶТ |
| **23** | **«Тоҷикматлубот» ш. Сомониён** | | | | | 18 | |
| | Нони миллӣ | тонна | 110,7 | | | | ҶТ |
| | Маҳсулотҳои каннодӣ | тонна | 22,4 | | | | ҶТ |
| | Нушокии «Оби хуч» | далл | 5,9 | | | | ҶТ |
| **24** | **ҶДММ «Абдулхайр» ч. Гулистон, д. Сабзакор** | | | | | 15 | |
| | Шағали омехта | м$^3$ | 2197,0 | 1592,0 | 16,0 | | ҶТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 7417,0 | 3708,0 | 1 м$^3$ 20,0 | | ҶТ |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 3348,0 | 3139,0 | 1 м$^3$ 40,0 | | ҶТ |
| **25** | **ҶДММ «Р Р» ч. Россия, д. Фалакон** | | | | | 13 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 2586,2 | 786,3 | 26,0 | | ҶТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 3164,0 | 1553,5 | 14,0 | | ҶТ |
| | Зубок | м$^3$ | 1464,2 | 808,4 | 7,0 | | ҶТ |
| **26** | **ҶДММ «Назиф» ч. Гулистон, д. Дареобод** | | | | | 7 | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Коғази ташноб | ҳ.дона | 51793 | 213,3 | 4,81 | | ЧТ |
| **27** | **ҶДММ «Сприн-бок» ҷ. Зайнабобод, д. Шараф** | | | | | 12 | |
| | Сутунчаҳои роҳ (бардюр) | дона | 2268,0 | 40,0 | 1дона 550 | | ЧТ |
| **28** | **ҶДММ «Тенгма» ҷ. Ҷоргултеппа, д. Куктош** | | | | | 19 | |
| | Бензин | тонна | 40,8 | 355,0 | 2,31 | | ЧТ |
| | Сузишвории дизелӣ (солярка) | тонна | 317,8 | 2670,0 | 2,86 | | ЧТ |
| | Мазут | тонна | 473,5 | 3351.0 | 1,56 | | ЧТ |
| **29** | **ҶДММ «Тиҷорати Қанд» ш. Сомониен** | | | | | 6 | |
| | Истеҳсоли макарон | тонна | 161,5 | 233,8 | 1,87 | | ЧТ |
| **30** | **ҶДММ «Тоҷиксохтмон-манбаъ» ҷ. Лоҳур** | | | | | 11 | |
| | Хишт | ҳ.дона | 650,0 | | | | ЧТ |
| **31** | **ҶДММ «Новый век» ҷ. Гулистон, д.Тезгари Боло** | | | | | 8 | |
| | Хишт | ҳ.дона | 700,0 | 710 | 1дона 0,3 | | ЧТ |
| **32** | **ҶДММ «Амирӣ» ҷ.Россия, д. Куштеппа** | | | | | 27 | |
| | Маҳсулоти қаннодӣ | тонна | 335,2 | 405,1 | 15,0-1кг | | ЧТ |
| **33** | **ҶДММ «Тоҷикистон Ҷунг-Чин» ҷ. Гулистон** | | | | | 16 | |
| | Хишт | ҳ.дона | 840,0 | 900,0 | 0,35 | | ЧТ |
| **34** | **ҶДММ «Л М» ҷ. Ҷоргултеппа, д. Ҷорсу** | | | | | 19 | |
| | Қум (рег) | м³ | 19790 | 3980,0 | 1 м³ 35 | | ЧТ |
| | Шағал (реги сангмайда) | м³ | 9580,0 | 5520,0 | 30,0 | | ЧТ |
| | Хишти сементи (семблок) | ҳ.дона | | | | | ЧТ |
| **35** | **ҶДММ «Кҷаром Сангрез» ҷ. Гулистон, д. Сабзакор** | | | | | 15 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 185 | 950,0 | 30,0 | | ЧТ |
| | Зубок | м³ | 79 | 820 | 35,0 | | ЧТ |
| | Қум (рег) | м³ | 199 | 820 | 40,0 | | ЧТ |
| **36** | **ҶДММ «Шодмон-2010» ҷ. Гулистон** | | | | | 9 | |
| | Хишт | ҳ.дона | 950,0 | 900,0 | 0,25 | | ЧТ |
| **37** | **ҶДММ «Нурулло компания» ш. Турсунзда, д. Истиклол** | | | | | 20 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 2636,7 | 1454,7 | 40,1 | | ЧТ |
| | Шағали омехта (зубок) | м³ | 878,8 | 484,9 | 20,0 | | ЧТ |
| | Қум (рег) | м³ | 983,3 | 542,5 | 30,0 | | ЧТ |
| **38** | **ҶДММ «Мир окон» ҷ. Россия, д. Қуштеппа** | | | | | 8 | |
| | Дару тирезаҳои пластикӣ | м² | 1007,9 | 937,2 | 1 м² 450,0 | | ЧТ |
| **39** | **ҶДММ «Тиб барои шумо» ҷ. Чорякорон** | | | | | 11 | |
| | Истеҳсоли доруворӣ | ҳ.сом. | 2941,8 | 3256,7 | | | ЧТ |
| **40** | **ҶДММ «Мубин» ш.Турсунзода, д. Элок** | | | | | 9 | |
| | Моеъи зарфшуӣ | ҳ.дона | 12,3 | | 1дона 3,5 | | ЧТ |
| **41** | **ҶДММ «Таъминоти деҳот» ҷ. Зайнабобод** | | | | | 14 | |
| | Оҳану бетони васлшуда | м³ | 6,0 | | 1 м³ 32,80 | | ЧТ |
| **42** | **ЧСК Обшорш (сангреза) ҷ. Гулистон, д. Мугулон -филиал** | | | | | 16 | |
| | Қум (рег) | м³ | 1194 | 2775 | 1 м³ 14,40 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 3171 | 6969,0 | 25,00 | | ЧТ |
| | Шағали омехта (зубок) | м³ | 904 | 2569 | 25,00 | | ЧТ |
| **43** | **ҶДММ «Гулшан-2010» ҷ. Россия** | | | | | 20 | |
| | Нушокиҳои ташнашикан | далл | 65843 | 3540,6 | 14,2 | | ЧТ |
| | Обҳои минералӣ | далл | 19811 | 17331,3 | 1 дал 11,2 | | ЧТ |
| | Кетчуп | тонна | 243,0 | 214,3 | 1 кг 8,04 | | ЧТ |
| **44** | **ҶДММ «Доро-Сангреза» ҷ. Гулистон, д. Тезгари боло** | | | | | 17 | |
| | Қум (рег) | м³ | 5029,0 | 7373,0 | 1 м³ 17,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 3321,0 | 540 | 17,0 | | ЧТ |
| | Шағали омехта | м³ | 6002,0 | 780 | 17,0 | | ЧТ |
| **45** | **ҶДММ «Нур-С» ҷ. Роҳатӣ, д. Микоян** | | | | | 10 | |
| | Хишт | ҳ.дона | 525,0 | | | | ЧТ |
| **46** | **ҶДММ «Сомон Сохтмон Саноат», ҷ. Гулистон** | | | | | 12 | |
| | Хишт | ҳ.дона | 500,0 | 2120,1 | 0,30 | | ЧТ |
| **47** | **ҶДММ «Комил-2010» ҷ. Ҷоргултеппа, д. Оби Шифо** | | | | | 15 | |
| | Қум (рег) | м³ | 900,0 | 10270 | 1 м³ 30,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 2100,0 | 1832,0 | 20,0 | | ЧТ |
| **48** | **ҶДММ «Сатторӣ ва Ш» ҷ. Зайнабобод** | | | | | 21 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 5241 | | | | ЧТ |
| | Қум (рег) | м³ | 1761 | | | | ЧТ |
| | Сементблок | дона | 46744 | | | | ЧТ |
| **49** | **ҶДММ «Калсит» ҷ. Ҷоргултеппа, д. Ҷорсу** | | | | | 8 | |
| | Хокаи- калсий (модаи химияви) | тонна | 166,0 | 346,3 | 1 кг 450,1 | | ЧТ |
| **50** | **ҶДММ «Азизи Қаландар» ҷ. Гулистон, д. Тезгари боло** | | | | | 13 | |
| | Хишт | ҳ.дона | 460,0 | 200,0 | 0,30 | | ЧТ |
| **51** | **ЧСП «Кӯҳпол» ҷ.Россия, д. Фалакон** | | | | | 9 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 12030 | 9046,0 | 20,00 | | ЧТ |
| | Қум (рег) | м³ | 2595.0 | 1240,0 | 40,00 | | ЧТ |
| **52** | **ҶДММ «Формула-2010» ш. Турсунзода, д. Элок 34** | | | | | 14 | |
| | Шпаклевка (гаҷ) | тонна | 57,0 | 60,0 | 1,00 | | ЧТ |
| **53** | **ҶДММ «Сангсоз-1» ҷ. Ҷоргултеппа, д. Шифо** | | | | | 11 | |
| | Қум (рег) | м³ | 12308 | 8590 | 20,05 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 16142 | 5745 | 1546 | | ЧТ |
| **54** | **ҶДММ «Фаввора» ш. Турсунзода, д. Истиқлол (филиал)** | | | | | 15 | |
| | Қум (рег) | м³ | 7480,0 | 9005,0 | 30,00 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 11100 | 13290,0 | 27,00 | | ЧТ |
| **55** | **ҶДММ «Босифат» ш. Турсунзода, д. Элок 34** | | | | | 12 | |
| | Маҳсулоти қаннодӣ | тонна | 9,8 | 2,2 | 9,00 | | ЧТ |
| **56** | **ҶДММ «Рангинкамон» ҷ. Чоряккорон** | | | | | 10 | |
| | Шпаклевка (гаҷ) | тонна | 28,4 | 55,2 | 1 кг 1,00 | | ЧТ |
| **57** | **ҶДММ «Ашуриён» ҷ. Сарикиштӣ** | | | | | 6 | |
| | Чопи рузномаҳо | ҳ.нусха | 225,4 | 213,6 | 1 дона 0,5 | | ЧТ |
| **58** | **ҶДММ «Фируз Тиҷорат» ҷ. Зайнабобод** | | | | | 9 | |
| | Қум (рег) | м³ | 3166,0 | 2600 | 40,00 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 2640,0 | 2870 | 35,00 | | ЧТ |
| **59** | **ҶДММ «Пайванди Бародарон» ҷ.Чимтеппа, д. Шайнак** | | | | | 16 | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Семблок | ҳ.дона | 3200,0 | 128,5 | 1 дона 1,7 | | ЧТ |
| | Маҳсулоти оҳану бетонӣ | м³ | 930,0 | 448,5 | 219,00 | | ЧТ |
| **60** | **ҶДММ «Маҳсулоти Ҳасиби Амирӣ» ч. Россия** | | | | | 18 | |
| | Маҳсулоти гӯштӣ, (ҳасиб) | тонна | 38,1 | 40,3 | 9,20 | | ЧТ |
| **61** | **ҶДММ «Беҳруз-90» ч. Чимтеппа, д. Сомон** | | | | | 11 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | | 1788,0 | 15,0 | | ЧТ |
| | Қум (рег) | м³ | | 641,0 | 34,00 | | ЧТ |
| **62** | **ҶДММ «Балхия» ч. Чоргултеппа, д. Оби шифо** | | | | | 9 | |
| | Асфалт | тонна | 2085,6 | 327 | 1 тн 626 | | ЧТ |
| **63** | **ҶДММ «Яна-79» ч. Чоргултеппа, д. Чорсу** | | | | | 8 | |
| | Истеҳсоли бетон | м³ | | 6353,4 | 550,00 | | ЧТ |
| **64** | **ҶДММ «Аҳмадҷон» ч. Гулистон** | | | | | 12 | |
| | Хишт | ҳ.дона | 670,0 | | 0,38 | | ЧТ |
| **65** | **ҶДММ «Простор» ч. Гулистон, д. Дарёобод** | | | | | 15 | |
| | Семблок (хишти сементӣ) | ҳ.дона | | 1,2 | 10,00 | | ЧТ |
| | Хишти рохрав | ҳаз. м² | 100,9 | 45,6 | 1 м² 3,40 | | ЧТ |
| **66** | **ҶДММ «Парис Бейкери» ш. Турсунзода, д. Элок** | | | | | 21 | |
| | Маҳсулоти нону булка | тонна | 27,1 | 35,2 | 2,25 | | ЧТ |
| | Маҳсулоти қаннодӣ | кг | 25,0 | 119 | 15,00 | | ЧТ |
| **67** | **ҶДММ «Алӣ Мустафо» ч. Зайнабобод, д. Алибой** | | | | | 17 | |
| | Хишт | ҳ. дона | 2130,0 | 2490,0 | 0,27 | | ЧТ |
| | Маҳсулоти оҳану бетон | м³ | 1363,4 | 2802,4 | 487,87 | | ЧТ |
| **68** | **ҶДММ «Сабуров-С» ч. Гулистон, д. Дарёобод** | | | | | 13 | ЧТ |
| | Қум (рег) | м³ | 900 | 820 | 30,0 | | ЧТ |
| | Шагад (регу сангмайда) | м³ | 1200 | 1532 | 20,0 | | ЧТ |
| **69** | **ҶДММ «Бой-Чуан» (Осиёби гардон) ч. Россия, д. Флакон** | | | | | 16 | |
| | Қум (рег) | м³ | 15000 | 2452 | 31,20 | | ЧТ |
| | Зубок (Шағали омехта) | м³ | 2625 | 2309,2 | 16,83 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 4900 | 3470 | 43,20 | | ЧТ |
| **70** | **ҶДММ «Нури Шариф» ш. Чимтеппа, д. Чимтеппа** | | | | | 12 | |
| | Қум (рег) | м³ | | 1180,0 | 40,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | | 1660,0 | 40,0 | | ЧТ |
| **71** | **ҶДММ «Шанг-донг» ч. Чоргултеппа, д. Оби шифо** | | | | | 10 | |
| | Хишти сохтмонӣ | ҳ.дона | 800,0 | 210,0 | 0,30 | | ЧТ |
| **72** | **ҶДММ «Сомон-2014» ч. Сарикиштӣ** | | | | | 7 | |
| | Рехтани алюминий дуюмдарача | тонна | 25,0 | 189,0 | 2,91 | | ЧТ |
| **73** | **ҶДММ «Хунин Чжуан Чанг Чжи Панг Гун Си» ч.Гулистон, д. Болшар** | | | | | 11 | |
| | Хишт | ҳ.дона | 740,0 | 744,0 | 0,35 | | ЧТ |
| **74** | **ҶДММ «Фарух-93» ч. Чоргултеппа** | | | | | 10 | |
| | Истеҳсоли бетон | м³ | 5375,9 | 105,0 | 1 м³ 534 | | ЧТ |
| **75** | **ҶДММ «ВЕЛЛА – Таджикистан» ш. Турсунзода, д. Элок** | | | | | 9 | |
| | Истеҳсоли қанд | тонна | 138.4 | 74.0 | 8.0 | | ЧТ |
| **76** | **ҶДММ «Хушаи Умед» (Лола) ч. Чимтеппа, д. Чимтеппа** | | | | | 12 | |
| | Қум (рег) | м³ | 1990 | 660 | 60,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 1420 | 800 | 40,0 | | ЧТ |
| **77** | **ҶДММ «Рушди Осиё» ш. Турсунзода, д. Истиқлол** | | | | | 15 | |
| | Қум (рег) | м³ | 360 | 4500 | 30,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу мсангмайда) | м³ | 1300 | 5250 | 14,0 | | ЧТ |
| **78** | **ҶДММ «Ҷ-2912» ч. Россия, д. Деҳқонобод** | | | | | 13 | |
| | Қум (рег) | м³ | 1387 | 1715 | 52,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 5265 | 1410 | 27,5 | | ЧТ |
| | Шағали омехта | м³ | 915 | | 27,5 | | ЧТ |
| **79** | **ҶДММ «Мадина-2014» ч. Чимтеппа, д. Чимтеппа** | | | | | 10 | |
| | Қум (рег) | м³ | 380 | 946 | 35,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 900 | 1328 | 15,0 | | ЧТ |
| | Шағали омехта | м³ | | | | | ЧТ |
| **80** | **ҶДММ «Фаиза-1» ч. Россия, д. Яккатут** | | | | | 20 | |
| | Обҳои минералӣ | далл | 3075 | 7950 | 3,5 | | ЧТ |
| | Оби нушокӣ | далл | 1500 | | 1,0 | | ЧТ |
| | Истеҳсоли яхмос | кг | 12600 | 1104,2 | 10,0 | | ЧТ |
| **81** | **ҶДММ «Фаррух-2015» ч. Чоргултеппа, д.Чорсу** | | | | | 11 | |
| | Газоблок | м³ | | 628 | 1 м³ 500 | | ЧТ |
| **82** | **ҶДММ «Далер-10» ч.Сарикиштӣ, д.Сарикишти поён** | | | | | 13 | |
| | Қум (рег) | м³ | 5552 | 168,2 | 40,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | | 2197 | 35,0 | | ЧТ |
| **83** | **ҶДММ «Самт-2» ч. Гулистон, д. Сангтуда (филиал)** | | | | | 12 | ЧТ |
| | Қум (рег) | м³ | 1005 | 1105 | 40,5 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 1420 | 1475 | 22,0 | | ЧТ |
| **84** | **ҶДММ «Тоҷик Хуа Шитай 1» ч. Сарикиштӣ, д. Ҳазора** | | | | | 9 | |
| | Хишти сохтмони | ҳ.дона | 22630 | 15640 | 0,24 | | ЧТ |
| **85** | **ҶДММ «Маъсуд-2010» ш. Турсунзода д. Истиклол 2** | | | | | 14 | |
| | Қум (рег) | м³ | 500 | 2360 | 42,37 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 3065 | 2682 | 31,40 | | ЧТ |
| | Бетон | м³ | 1542 | 2414,4 | 448.0 | | ЧТ |
| **86** | **ҶДММ «Леваканд –Сангрез» ч. Гулистон, д. Мавлавӣ** | | | | | 12 | |
| | Қум (рег) | м³ | 2359,5 | 1298,5 | 37,30 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 8199 | 4518,1 | 24,4 | | ЧТ |
| **87** | **ҶДММ «Рушди ободонии диёр» ч.Гулистон, д.Дарёобод** | | | | | 10 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 5811 | 3371 | 32,45 | | ЧТ |
| | Қум (рег) | м³ | 3550 | 1793 | 40,0 | | ЧТ |
| **88** | **ҶДММ «Озум» ч. Россия, д. Куштеппа** | | | | | 8 | |
| | Истеҳсоли ҷевон (мебел) | ҳ.сом. | 239,0 | 258 | 500,0 | | ЧТ |
| **89** | **ҶДММ «Мирзо мебел», ч. Россия д. Меҳнатобод** | | | | | 6 | |
| | Истеҳсоли ҷевон (мебел) | ҳ.сом. | 300 | 192,0 | 600,0 | | ЧТ |
| **90** | **ҶДММ «Синдбоди-Б», ш. Турсунзода д. Истиқлол** | | | | | 17 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м³ | 1668,9 | | 18,9 | | ЧТ |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Зубок (Шағали омехта) | м$^3$ | 2226,9 | | 29,66 | | ЧТ |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 883,3 | | 45,08 | | ЧТ |
| | Хишти сементӣ | х.дона | 2464 | | 1,70 | | ЧТ |
| **91** | **ҶДММ «Сино-2013» ш. Турсунзода, д. Мавҷ** | | | | | 11 | |
| | Истехсоли доруворӣ (новокаин) | х.сом. | 233 | 26,3 | | | ЧТ |
| **92** | **ҶДММ «Васлу-насб» ш.Турсунзода, д. Элок** | | | | | 10 | |
| | Таъмири муҳаррикҳои баркӣ | х.сом. | 11,8 | 6,9 | 600,0 | | ЧТ |
| **93** | **ҶДММ «Расулҷон» ҷ. Зайнабобод, д. Сароб** | | | | | 13 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 3686 | 5466,0 | 25,0 | | ЧТ |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 1628 | 1822,0 | 20,0 | | ЧТ |
| **94** | **ҶДММ «КИА-15» ҷ.Чоргултеппа д.Чорсу** | | | | | 16 | |
| | Асфалт | тонна | 23234 | 5272,2 | 1 т 631,0 | | ЧТ |
| | Бетон | м$^3$ | | 916,0 | 1 м$^3$ 677,9 | | ЧТ |
| **95** | **ҶДММ «Регистон Аркон» ҷ.Гулистон д.Дарёобод** | | | | | 11 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 905 | | 20,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 555 | | 20,0 | | ЧТ |
| **96** | **ҶДММ «Арзон-Сангрез» ш.Турсунзода д.Элок** | | | | | 9 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 2441 | 984,3 | 37,9 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 8483,3 | 3410,9 | 27,8 | | ЧТ |
| **97** | **ҶДММ «Шариф-2012» ҷ.Зайнабобод д. Сароб** | | | | | 12 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 5899,2 | 2914,9 | 25,42 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 1301,4 | 957,6 | 42,0 | | ЧТ |
| **98** | **ҶДММ «Волд-Ворк» ҷ.Зайнабобод д. Сароб** | | | | | 13 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 850 | 570 | 40,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 1170 | 760 | 11,5 | | ЧТ |
| | Зубок (Шағали омехта) | м$^3$ | 870 | 640 | 15,0 | | ЧТ |
| **99** | **ҶДММ «Сабина-Лиматет» ш. Сомониён д. Қурбонов** | | | | | 8 | |
| | Пенна-Паласт | м$^2$ | 5805 | | | | ЧТ |
| **100** | **ҶДММ «Муҳаммадвалӣ» ҷ. Чоргултеппа. д. Оби шифо** | | | | | 10 | |
| | Хишти сохтмонӣ | х.дона | 670 | 920,0 | 0,33 | | ЧТ |
| **101** | **ҶДММ «Носирҷон-2015 ҷ. Чоргултеппа** | | | | | 14 | |
| | Газоблок | м$^3$ | 250 | | | | ЧТ |
| | Шпаклевка (гаҷ) | тонна | 29,5 | 90,8 | 1 кг 1,30 | | ЧТ |
| **102** | **ҶДММ «Афра» ҷ.Чоргултеппа д.Навбунед** | | | | | 10 | |
| | Хишт | х.дона | 270,0 | 300,0 | 0,25 | | ЧТ |
| **103** | **ҶДММ «Голден-Микс» ш.Турсунзода д.Истиқлол 3** | | | | | 11 | |
| | Консентратҳои омехтаи хуроки чорво | х.сом. | 162,3 | 150,4 | 2,16 | | ЧТ |
| **104** | **ҶДММ «Эхё–Н» ҷ. Чимтеппа д. Дарёобод** | | | | | 9 | |
| | Коркарди партовҳои пластикӣ | х.дона | 105,0 | 164,9 | 1,0 | | ЧТ |
| **105** | **ҶДММ «Розияи Сангрез 1» ш.Турсунзода д. Истиқлол** | | | | | 12 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 3535,7 | 3027,8 | 33,8 | | ЧТ |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 2695,2 | 2201,8 | 49,46 | | ЧТ |
| **106** | **ҶДММ «Делфин» ш. Турсунзода, д.Элок** | | | | | 10 | |
| | Шпаклевка (гаҷ) | тонна | 45,3 | | 1,16 | | ЧТ |
| **107** | **ҶДММ «Хишти сабук» ш.Турсунзода, д.Истиклол** | | | | | 11 | |
| | Газоблок | м$^3$ | 1200,0 | 10430 | 1 м$^3$ 360,0 | | ЧТ |
| **108** | **ҶДММ «Зуҳал 21-ВЕК» ҷ.Зайнабобод, д.Сароб** | | | | | 14 | |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | 2180 | 1188,0 | 25,0 | | ЧТ |
| | Қум (рег) | м$^3$ | 1150 | 1920,0 | 32,45 | | ЧТ |
| **109** | **ҶДММ «Файзи Замин» ҷ.Сарикиштӣ д.Махмадшои поён** | | | | | 10 | |
| | Хишти хом | х.дона | 109 | 24 | 16,8 | | ЧТ |
| | Гил (хок) | м$^3$ | 14,30 | 7 | 5,6 | | ЧТ |
| **110** | **ҶДММ «Гили Ватан» ҷ.Чоргултеппа. д. Оби шифо** | | | | | 11 | |
| | Гил (хок) | м$^3$ | 7,6 | 6,8 | 8,0 | | ЧТ |
| **111** | **ҶДММ «Софӣ» ш. Турсунзода, д. Элок-34** | | | | | 9 | |
| | Влажная салфетка | м$^3$ | | 5747,0 | 81,9 | | ЧТ |
| **112** | **ҶДММ «Сангшикан» ҷ. Чимтеппа, д. Гулбутта** | | | | | 12 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | | | | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | | | | | ЧТ |
| **113** | **ҶДММ «Авиcенна» ҷ. Сарикиштӣ, д. Сарикишти Поён** | | | | | 10 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | | 5435,0 | 20,0 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | | 6109,0 | 10,0 | | ЧТ |
| **114** | **ҶДММ «Маводи навтарин» ҷ.Зайнабобод, д. Шараф** | | | | | 12 | |
| | Газоблок (ТВЕА) | м$^3$ | | 677 | 300,0 | | ЧТ |
| **115** | **ҶДММ «Хишти Сухал» ҷ. Сарикиштӣ, д. Доманакух** | | | | | 10 | |
| | Хишт | х.дона | | 615,0 | 0,28 | | ЧТ |
| **116** | **ҶДММ «Тоҷ-Фейза» ҷ. Чоргултеппа, д. Чорсу** | | | | | 14 | |
| | Истехсоли қолин | м$^2$ | | 85100 | 21,3 | | ЧТ |
| **117** | **ҶДММ «Сохил-2015» ш. Турсунзода, д. Истиқлол** | | | | | 12 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | | | | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | | 2500,0 | 25,0 | | ЧТ |
| **118** | **ҶДММ «Баҳром-2016» ҷ. Чоргултеппа, д. Чорсу** | | | | | 11 | |
| | Сузишвории дизелӣ | тонна | | 14,8 | 1,8 | | ЧТ |
| **119** | **ҶДММ «Кадбону - 1» ҷ. Чоряккорон, д. Меҳробод** | | | | | 6 | |
| | Нони миллӣ ва маҳсулоти каннодӣ | тн/кг | | 4,8 | 1,78 | | ЧТ |
| **120** | **ҶДММ «Аҷам-2016» ш. Навобод, д. Манас** | | | | | 12 | |
| | Сузишвории дизелӣ | тонна | | 214,8 | 2,60 | | ЧТ |
| | Бензин | тонна | | 7,0 | 3,50 | | ЧТ |
| | Мазут | тонна | | 462,9 | 1,78 | | ЧТ |
| **121** | **ҶДММ «Чен-Шан» ҷ. Гулистон, д. Дареобод** | | | | | 9 | |
| | Бензин | тонна | | 19,2 | 3,00 | | ЧТ |
| | Сузишвории дизелӣ | тонна | | 84,5 | 2,60 | | ЧТ |
| | Мазут | тонна | | 18,6 | 2 | | ЧТ |
| **122** | **ҶДММ «Сомон-сангрез-2» (ф-л) ҷ.Чоргултеппа, д.Куктош** | | | | | 14 | |
| | Қум (рег) | м$^3$ | | 11340,0 | 48,00 | | ЧТ |
| | Шағал (регу сангмайда) | м$^3$ | | 9932,0 | 15,00 | | ЧТ |

Таҳлил нишон медиҳад, ки фаъолияти тамоми корхонаҳои саноатии ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ машғулбуда дар доираи иқтидорҳои лоиҳавӣ аз 27 то 73 фоиз ба роҳ монда шудааст. Бо иқтидори пурра кор накардани корхонаҳои саноатии ноҳия ба норасоии нерӯи барқ, арзиши баланди сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, фарсудагии таҷҳизоти технологӣ, набудани гази табиӣ, нархи гарони ангишти барои пухтани хишт зарурӣ ва арзиши баланди хароҷотҳои нақлиётӣ марбут мебошад.

Ҳоло дар корхонаҳои саноатии мавҷудаи ноҳия дар доираи иқтидорҳои истифодашаванда 1631 нафар кормандон кор мекунанд. Аммо дар сурати бо иқтидори пурра ба кор даровардани корхонаҳои саноатии ноҳия бо ҷойи корӣ таъмин намудани 3829 нафар имконият ба вуҷуд меояд.

**Иқтидорҳои мавҷуда.** Ноҳияи Рӯдакӣ яке аз ноҳияҳои саноатии ҷумҳурӣ буда, дар ҳудуди он захираҳои табиии гази сӯзанда, флюорит, гаҷ, гил, регу шағал, сангҳои ороишӣ зиёд мебошад. Истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва дар ин замина ба роҳ мондани бунёди корхонаҳои хурду миёна метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, некӯаҳволии мардуми ноҳия ва ғанӣ гаштани қисми даромади буҷети ноҳия заминаи устувор гузорад. Коркарди минбаъдаи захираҳои мавҷуда метавонад дар оянда масъалаи муҳоҷирати дохилию беруниро пурра аз байн бардошта, вазъи демографиро мӯътадил гардонад ва дар баланд намудани сатҳи некӯаҳволии мардуми минтақа таъсири мусбии назаррас расонад.

Ҳамзамон, ноҳияи Рӯдакӣ дорои захираи зиёди ашёи хоми кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабазавот мебошад ва дар панҷ соли оянда зиёд намудани шумораи коргоҳҳои коркарди он ва бунёд намудани сехҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. То соли 2020 дар доираи татбиқи Барномаи рушди ноҳияи Рӯдакӣ дар ҳудуди ноҳия бунёд ва ба кор андохтани сехҳои муосири коркарди меваю сабзавот бо иқтидори солонаи 390 ҳазор қуттии шартӣ, аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ ва сармояи хориҷӣ бо маблағи умумии 5200 ҳазор сомонӣ пешбинӣ мегардад. Бунёди корхонаҳои мазкур имконият фароҳам меорад, ки дар як сол 590 тонна меваю сабзавот коркард гашта 142 ҷои нави корӣ ташкил карда шавад.

Истифодаи иқтидорҳои саноатӣ ва кишоварзии ноҳия минбаъд бояд бо назардошти мувозинати табиии ноҳия, ҳифзи муҳити зист ва нигоҳдории гуногунии биологӣ амалӣ карда шавад.

**Мушкилиҳои соҳаи саноат.** Дар шароити кунунӣ мушкилиҳои зерин барои рушди саноати ноҳияи Рӯдакӣ монеагӣ менамоянд:

- Кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизоту механизмҳои корхонаҳои истеҳсоли хишт, сехҳои истеҳсоли консерваи меваю сабзавот;
- Норасоии нерӯи барқ;
- Номукаммал будани низоми андозбандӣ ва гаронии андозҳо;
- Мавҷуд набудани муносибатҳои лизингӣ ҷиҳати дастрас намудани таҷҳизоту технологияҳои муосир барои дастгирии корхонаҳои саноатӣ;
- Маҳдуд будани дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ, бинобар баланд будани фоизи қарзҳо ва нокифоя будани воситаҳои гардон барои вусъат додани истеҳсолот;
- Истеҳсоли нокифоя ва гарон будани нархи ашёи хом ва маводҳои ёридиҳанда барои бо иқтидори пурра кор кардани корхонаҳои саноатӣ;
- Паст будани малакаи соҳибкорию тиҷоратии роҳбарияти бисёри корхонаҳои истеҳсолӣ вобаста ба диверсификатсияи истеҳсолот;
- Норасогии мутахассисони баландихтисос барои кор кардан дар таҷҳизотҳои технологии автоматикунонидашудаи муосир;
- Роҳандозӣ нашудани усулҳои маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати тавсеа додани раванди истеҳсолот.

### 2.3. Соҳибкории хурд ва миёна (СХМ)

**Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.** Дар раванди ҷорӣ гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ, соҳибкории хурду миёна муҳаррики асосии пешбарандаи инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт маҳсуб гашта барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии чараёни идоракунӣ, такмили низоми банақшагирӣ ва фаъол намудани таркиби истеҳсолот, мӯътадил гардонидани вазъи молиявии корхонаҳо, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзун намудани бозори истеъмолӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

Соҳибкории хурду миёна дар ноҳия бештар дар бахшҳои тиҷорати хурд (фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, либосворӣ, асбобу анҷоми рӯзгор, доруворӣ, сӯзишворӣ, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти кишоварзӣ), тайёр ва пешниҳод намудани ғизои ҷамъиятӣ (ташкили чойхона, ошхона ва тарабхонаҳо), пешниҳоди хизматрасониҳои маишӣ (сартарошхона, таъмири пойафзол, сауна ва ҳаммом, дӯхти либос, оҳангарӣ, таъмири автомобилҳо ва ҷиҳози барқӣ), хизматрасониҳои бонкӣ (ташкилотҳои қарздиҳии хурд), алоқа (марказҳои дилерӣ, марказҳои хизматрасонии интернетӣ), бозиҳои шавқовар (идораҳои букмекерӣ, лото, таъсиси нуқтаҳои дилхушии кӯдакон, фурӯши чиптаҳои лотереяи бурднок, саққозанӣ ва ғайраҳо) ба роҳ монда шудааст.




Таҳлил нишон дод, ки бахши соҳибкорӣ дар давоми солҳои 2013-2015 мутаносибан 27,5 фоиз, 26,2 фоиз ва 22,7 фоиз дар ташаккули қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳисса гузоштааст. Аён аст, ки мавқеи аввалро дар ин зина ҳиссагузории соли 2013 ишғол менамояд ва мунтазам ин тамоюл дар давоми солҳои 2014-2015 мутаносибан 1,3 ва 4,8 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Чунин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки гарчанде шумораи субъектҳои соҳибкорӣ зиёд шуда бошад ҳам, вале мутаассифона рушди соҳибкории хурду миёна (ба истисноӣ соҳибкории ба саноат дахлдошта) аз нигоҳи иқтисодӣ дар ноҳия фаъол намебошад.

***Имкониятҳои рушди соҳа.*** Дар доираи захираҳои дохилии ноҳия имконияти таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолие, ки маҳсулоти тайёр истеҳсол менамоянд, мавҷуд аст. Тасмим гирифта шудааст, ки дар раванди татбиқи Барномаи рушди ноҳия шароити мусоид барои ташкили сехҳои консервакунонии меваю сабзавот, коркарди гӯшту шир, коркарди сабзавот (пиёз ва сабзии хушккардашуда, истеҳсоли чипсӣ аз картошка), маҳсулоти кондитерӣ, коркарди пӯсту пашм, ташкили ҳавзҳои моҳипарварӣ ва коркарди маҳсулоти ниҳоӣ аз моҳӣ фароҳам оварда шавад.

*Ҳаҷми истеҳсолот ва хизматрасониҳои СХМ дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Рӯдакӣ дар соли 2015*




Дар самти воридоти мабағ ба буҷаи маҳаллӣ бошад, дар соли 2015 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва савдо зиёд буда, аз ҳисоби субектҳои СХМ дар ин соҳа машғул буда, ба буҷети маҳаллӣ 7852,6 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ин 22,7%-и қисми даромади буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

Дар сурати ташкил намудани субъектҳои нави соҳибкории инфиродӣ ва хурду миёна, эҳтимолияти таъсис додани ҷойҳои нави корӣ то соли 2020 ба миқдори 9570 адад имконпазир мебошад.

| Номгӯи соҳаҳо | Шумораи субъектҳои СХМ дар соли 2015 (адад) | Шуғли аҳолӣ | | Саҳм дар буҷети маҳаллӣ | Миқдори ҷойҳои кории таъсисшаванда то соли 2020 (адад) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Шумораи ҷойҳои корӣ | Ҳисса дар шуғли умумӣ | % аз ҳаҷми умумии андозбандии СХМ | |
| Саноат | 115 | 10179 | 56,0 | 12,2 | 12600 |
| Кишоварзӣ, аз ҷумла коркард | 10182 | 24420 | 8,0 | 8,9 | 29850 |
| Сохтмон | 21 | 710 | 2,0 | 1,3 | 1040 |
| Нақлиёт ва алоқа | 17 | 1886 | 6,0 | 14,7 | 2080 |
| Савдо (хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо) | 2147 | 5214 | 23,9 | 57,7 | 7490 |
| Хизматрасонии бонкӣ ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд | 222 | 1102 | 4,1 | 5,2 | 1200 |
| Ҳамагӣ | 12704 | 20533 | 100,0 | 100,0 | 54260 |

**Хизматрасониҳо дар рушди СХМ.** Дар инкишофи соҳибкории хурду миёна фаъолияти бонкҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд. Дар ноҳия филиалҳои бонкҳои ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСК «Ориёнбонк», ҶСП «Тоҷпромбонк», ҶСК «Бонки Рушди Тоҷикистон», ҶСП «Фононбонк», ҶС «Тоҷиксодиротбонк», ҶСП «Соҳибкорбонк», Филиали бонки давлатии №13 «Амонатбонк», Фонди қарзии хурди ҶДММ ТКХ «Имон-Интернейшнл», ҶДММ МДО «Финка», ҶДММ ТАҚХ «Арванд», ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд», ҶДММ ТҚХ «Ҳумо» бо амалиётҳои бонкӣ машғуланд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти шаҳраку деҳот бонкҳо ба соҳибкорон ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат медиҳанд. Ташкилотҳои қарздиҳанда оиди таъмин намудани соҳибкорони хурду миёна бо маблағҳои хурди қарзӣ барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ, коркарди маҳсулот, хизматрасонӣ, тиҷорат ва саноат ҳамкорӣ намуда ва хизматрасониҳои молиявӣ пешниҳод менамоянд. Барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби бахшу шӯъбаҳои бонкҳо дар давоми соли 2015 ба маблағи 137,6 млн. сомонӣ қарз пешниҳод гардидааст, ки ин нисбати соли 2014 тақрибан 52,1% зиёд мебошад.

*Маблағҳои қарзии дар соли 2015 ба субъектҳои СХМ пешниҳодгардида (млн. сомонӣ)*

| *Соҳа* | *Бонкҳо* | | *Ташкилотҳои қарзҳои хурд* | |
|---|---|---|---|---|
| | *Маблаги умумии қарзҳо* | *Шумораи қарзгирандагон* | *Маблаги умумии қарзҳо* | *Шумораи қарзгирандагон* |
| *Кишоварзӣ* | *14036,8* | *241* | *42025,0* | *693* |
| *Соҳибкорӣ* | *47840,5* | *1621* | *46092,7* | *2584* |
| *Қарзҳои истеъмолӣ* | *21673,8* | *4711* | *19091,2* | *5209* |
| *Дигар* | *54054,4* | *9281* | *28773,6* | *9755* |
| ***Ҷамъ:*** | ***137605,5*** | ***15854*** | ***135982,5*** | *182421* |

Соли 2015 тавассути бонкҳои фаъолияткунанда аз мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба маблағи 22,1 млн. доллари ИМА ва 1173,6 млн. рубли Федератсияи Руссия ба сокинони ноҳия интиқол дода шудааст.

**Мушкилиҳои асосие,** ки ҳоло дар ноҳия барои дар сатҳи зарурӣ рушд наёфтани соҳибкории хурду миёна монеа эҷод менамоянд, чунинанд:

- набудани маблағҳои имтиёзноки иловагӣ барои рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва кӯтоҳ будани мӯҳлати истифода ва баргардонидани онҳо;
- мураккаб будани низоми бақайдгирӣ ва ё барҳам додани фаъолияти соҳибкорӣ бинобар ҷой доштани монеаҳои маъмурӣ;
- набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занон;
- дар ноҳия вуҷуд надоштани бизнес-инкубатор, марказҳои машваратии соҳибкорӣ оид ба расонидани кӯмаки машваратӣ дар самти ташкил ва рушди тиҷорат, хусусан роҷеъ ба масъалаҳои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ ва тариқи лизинг ҷалб намудани таҷҳизоти лозима, инчунин вобаста ба дарёфти иттилоот ҷиҳати дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон.

### 2.4. Соҳаи сохтмон

Дар ноҳияи Рӯдакӣ 33 ташкилотҳои сохтмонӣ фаъолият менамоянд, аз ҷумла ҶСШК «К. Расулов», ҶСШК «Барқи деҳот», ҶСШК “МПМК”, ҶСК ПМК-14, ҶСШК МК-1, ҶДММ «Ганҷинаи бунёдкор», ҶСШК «Связстройсервис», ҶСШК УМ-3, ҶДММ «Бунёдкор-2010», ҶДММ «Андро», КВ-9, ҶДММ «Осиё-Сохтмон», ҶДММ «Бодома», ҶДММ «Васлгар», ҶДММ «Кӯпруксоз пайванд», ҶДММ «Қудрати Рӯдакӣ», ҶДММ «Садра», ҶДММ «Рӯдакӣ-Сохтмон», ҶДММ «Пулод-1», ҶДММ «Барқсоз», ҶДММ «Осари сохтмон», ҶДММ «Бунёдкор-Т», ҶДММ «Эътибори-Тоҳир», ҶДММ «Сохтмонсоз», ҶДММ «Муҳандис-К», ҶДММ «Сад-Дарё», ҶДММ «Бобои Саид», ҶДММ «Сафо-1», ҶДММ «Самаки-Зарин», ҶДММ «Сабр-2010», ҶДММ «Хурам-Замин», ҶДММ «Сафарӣ-2» ва ғайра.

Дар ташкилотҳои сохтмонии ноҳия 831 нафар кормандон ва коргарон машғул мебошанд. Миқдори умумии техникаи сохтмонии мавҷуда 121 ададро ташкил медиҳад. Дар ноҳия асосан фаъолияти соҳаи сохтмон барои ба анҷом расонидани сохтмони мактабҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, таъмиру барқарорсозии кӯпрукҳо, гузаронидани хати оби нушокӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст.

**Ҳадаф -** ҳарчи зудтар ва бо сифати баланд ба анҷом расонидани иншоотҳои сохтмонашон нотамом ва оғоз намудани сохтмони иншоотҳои нави истеҳсолӣ.

**Вазифаҳо:**

- дарёфт намудани сарчашмаҳои иловагии маблағгузорӣ барои ба анҷом расонидан ва ба истифода супоридани иншоотҳо;
- ба роҳ мондани коркарди масолеҳи сохтмонӣ дар асоси ашёи хомӣ маҳаллӣ;
- омода намудани мутахассисони соҳаи сохтмон дар донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ.

Соли 2015 ташкилоту корхонаҳои сохтмонии ноҳия ба маблағи 310 млн 935 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонию пудратӣ иҷро карданд, ки нисбат ба соли 2014 тақрибан 2,7 маротиба зиёд мебошад.

*Иҷрои корҳои пудратӣ дар ташкилотҳои сохтмонии ноҳия, (ҳазор сомонӣ)*




Аз ҳаҷми умумии маблағи корҳои пудратие, ки сохтмончиёни ноҳия иҷро карданд, 31,1 ҳазор сомонӣ дар шаҳри Душанбе, 11,5 ҳазор сомонӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ, 9,3 ҳазор сомонӣ дар вилояти Хатлон, 6,9 ҳазор сомонӣ дар вилояти Суғд, 5,8 ҳазор сомонӣ дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва корҳои пудратии боқимонда дар ноҳияҳои тобеи марказ иҷро карда шудааст. Ғайр аз ин ташкилотҳои сохтмонӣ-пудратии ғайриноҳиявӣ ба маблағи 35,6 ҳазор сомонӣ дар ноҳия кор иҷро кардаанд.

*Нишондиҳандаҳои соҳаи сохтмон дар ноҳияи Рӯдакӣ*

| | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** |
| Сармояи асосӣ иҷро карда шудааст (аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ) | ҳазор сомонӣ | 94584 | 56452 | 65811 | 192682 | 145594 |
| Корҳои сохтмонӣ васлгарӣ | ҳазор сомонӣ | 93788 | 53578 | 64303 | 182513 | 127031 |
| Ба кор андохта шуд:<br>Фондҳои асосӣ | ҳазор сомонӣ | 40018 | 32909 | 40469 | 182571 | 73660 |
| Хонаҳои истиқоматӣ | ҳазор м² | 41,9 | 42,3 | 42,6 | 49,0 | 57,3 |
| Мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ | ҷои талаба | 644 | 720 | 3050 | 1150 | 1520 |
| Шифохонаҳо | кат | 13 | 50 | 104 | 50 | - |
| Корҳои пудратии иҷрошуда, ҳамагӣ | ҳазор сомонӣ | 42661 | 63338 | 82003 | 106375 | 169805 |
| Фонди манзил, ҳамагӣ | ҳазор м² | 3149 | 3481 | 3891 | 4116 | 4287 |
| аз он ҷумла дар шаҳр | ҳазор м² | 276,4 | 277,3 | 287,8 | 290,9 | 291,3 |
| Дар деҳот | ҳазор м² | 2872 | 3204 | 3603 | 3826 | 3995 |
| Ба ҳисоби миёна таъмин будани аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ (ба ҳисоби 1 нафар) | м² | 7,6 | 8,2 | 8,9 | 9,1 | 9,3 |

Дар тӯли солҳои 2013-2015 дар ноҳия сохтмону барқарорсозии зиёда аз 72 иншоот аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ ба нақша гирифта шуда, сохтмони онҳо аз тарафи ташкилотҳои номбурда амалӣ гашт.

*Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ (ҳазор сомонӣ)*




Дар солҳои минбаъда низ тамоми корҳои сохтмонию барқарорсозӣ аз ҷониби ин ташкилотҳо амалӣ карда мешаванд, зеро ташкилотҳои номбурда бо техника ва дигар таҷҳизотҳои сохтмонӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Дар доираи татбиқи Барномаи рушди ноҳия дар маркази ноҳия тибқи нақшаи генералии шаҳраки Сомониён бинои нави маркази фароғатиии дорои нуктаҳои савдо, биноҳои маъмурӣ, хонаҳои истиқоматии бисёрошёна, бинои маркази савдо, ошхона ва дорухона ва як қатор дигар иншоотҳо идома дорад. Дар нақшаи генералии аз ҷумла дар ҷои як қатор бинову иншоотҳои кӯҳна, хонаҳои истиқоматии наздиҳавлигӣ дар шохроҳҳои кӯчаи И.Сомонӣ ва кӯчаи Ҷавонон сохтмонҳои марказҳои тиҷоратии хуштарҳу муосир, хонаҳои истиқоматии баландошёна бо майдончаҳои бозиҳои кӯдакона, марказҳои варзишӣ-солимгардонӣ, фароғатгоҳҳо, меҳмонхонаҳо, марказҳои тиҷорат, қасри аҳду никоҳ, фабрикаи дузандагӣ, корхонаи заргарӣ, маркази ҷавонон ва боғчаи бачагон ба нақша гирифта шудааст.

*Мушкилиҳои асосии соҳаи сохтмон.* Зиёд шудани шумораи иншоотҳои сохтмонаш нотамом, маҳдуд будани имкониятҳои буҷети маҳаллӣ барои маблағгузорӣ ва ба анҷом расонида ба истифода супоридани иншоотҳои сохтмонашон нотамом, баланд будани нархи масолеҳҳои сохтмонӣ, норасогии мутахассисони соҳаи сохтмон ва ғайра.

## БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

### 3.1. Соҳаи маориф

Маориф яке аз соҳаи муҳимест, ки дар рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва таъмини маълумоти босифат омили асосии расидан ба рушди устувор ва одилона аст.

Дар давоми солҳои 2016-2020 ҳадафи асосии соҳаи маорифи ноҳия ин:

- *баланд бардоштани сифати хониш ва таъмини дастрасӣ ба ҳамаи зинаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, таҳсилоти иловагӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;*
- *то 99 фоиз фарогирии хонандагон ба таҳсилоти умумӣ ва то 20 фоиз фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ,*

*мебошад.*

Дар баробари ин афзалияти аввалиндараҷаи соҳаи маориф барои ноҳия тайи панҷ соли оянда - беҳтар намудани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ ва бунёди муассисаҳои нави таълимӣ дар деҳаҳои навбунёду дурдаст мебошад.

Ҷиҳати ноил гаштан ба ҳадаф ва афзалиятҳои муайяншуда дар панҷ соли оянда иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:

- *Муҳайё намудани шароити хуби таълимӣ барои таҳсилоти босифат дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликият;*

- *Ҷорӣ намудани низоми ҳавасмандгардонии омӯзгорон.*
- *Таъмини таҳсилоти асосии умумӣ (синфҳои 1-9) ва пурра аз байн бурдани нобаробарии миёнаи ҷинсҳо дар раванди маълумоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-11).*
- *Омода намудани замина барои гузариш ба низоми таҳсилоти умумии 12-сола.*
- *Дар доираи талаботи стандарти таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмин намудани муассисаҳоти таҳсилоти умумӣ бо ҷои нишаст, воситаҳои аёнӣ ва техникии таълим, китобҳои дарсӣ ва омӯзгорони соҳибихтисос.*
- *Пайваст намудани муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳракҳои миқёси ноҳия ба хати ташнобу коррез, таъмиру барқарор намудани низоми гармидиҳии онҳо ва таъмин намудани муассисаҳои мазкур бо оби хушсифати нӯшокӣ.*

Барои расидан ба вазифаҳои гузошташуда дар давоми солҳои 2016-2020 татбиқи чунин тадбирҳо дар назар аст.

- *бунёди муассисаҳои таълимии замонавӣ (муасисаҳои томактабӣ ва мактабҳо)дар 25 деҳаи миқёси ноҳия;*
- *барқарорсозии инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ, мактабӣ ва таъмин намудани онҳо бо оби хушсифати нӯшокӣ;*
- *таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ, асбобу аёнияти хониш, китобҳои тозанашр, техникаи компютерӣ ва дастурҳои методӣ;*
- *таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омузгорони соҳибихтисос;*
- *барои ташкили босифати хониш ва идоракунии мактабҳо ҷалб намудани ҷомеа, волидайн, омӯзгорон, хонандагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ;*
- *таъмиру барқарорсозии шабакаи гармидиҳии муассисаҳои соҳаи маорифи миқёси ноҳия.*

Тайи солҳои 2016-2020 барои ноҳия соҳаи маориф дар қатори дигар афзалиятҳо на ҳамчун ҳадафи маъмулӣ, балки яке аз омилҳои асосии рушди ояндаи ноҳия боқӣ монда, татбиқи масъалаҳои дастрасӣ ба таҳсил ва сифати таълимро дар бар мегирад. Барои беҳтар намудани сифати таълим дар панҷ соли оянда дар мадди аввал бояд ниёзмандии муассисаҳои таълимии ноҳия ба омӯзгорон таъмин карда шаванд. Муассисаҳои таълимии ноҳия ба 25 нафар омӯзгор фанҳои мухталиф эҳтиёҷот доранд.

*Дараҷаи маълумотнокӣ бо тақсимбандӣ аз рӯи ҷинсият*

| Сол | Соли хониши 2014-2015 | | Соли хониши 2015-2016 | |
|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи маълумотнокӣ | Ҳамагӣ | аз ҷумла, занҳо | Ҳамагӣ | аз ҷумла, занҳо |
| Олӣ - омӯзгорӣ | 2055 | 1199 | 2518 | 1263 |
| Олӣ | 370 | 174 | 533 | 274 |
| Олии нопурра | 177 | 135 | 180 | 131 |
| Миёнаи махсуси омӯзгорӣ | 620 | 508 | 734 | 592 |
| Миёнаи махсус | 648 | 473 | 561 | 404 |
| Миёнаи умумӣ | 208 | 164 | 248 | 128 |
| Эҳтиёҷ ба омӯзгорон | 20 | | 25 | |
| Ҳамагӣ | 4078 | 2653 | 4774 | 2792 |

**Маълумоти томактабӣ.** Дар ноҳия 12 муассисаи томактабӣ (бо шумораи умумии 1021 ҷой) фаъолият мекунад ва аз онҳо 2-тояш мавсимӣ мебошад (кӯдакистонҳои №10, №18), ки ҳамагӣ 1,9 фоизи талаботи фарогирии кудаконро таъмин мекунад.

Дар кӯдакистонҳои доимоамалкунандаи ноҳия 774 нафар кӯдакон дар 36 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Бо мақсади дуруст ба роҳ омӯзиши

забонҳои русию англисӣ дар кӯдакистонҳои №1,2,3,6 дарсҳои омӯзишии ин забонҳо барои кӯдакон ба роҳ монда шудааст. Бо вуҷуди баъзе пешравиҳо дар кори муассисаҳои томактабӣ, камбудиҳои зиёд низ вуҷуд доранд, ки корро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад. Зеро аксари биноҳои кӯдакистонҳо таъмирталаб буда, дар онҳо барои кӯдакон мизу курсичаҳо, бозичаҳои махсуси кӯдакона, асбобҳои айёнӣ (аз ҷумла расмҳо) ва ғайра намерасанд. Ҳамзамон кӯдакистонҳои мавҷуда имконияти васеи фарогирии шумораи зиёди кӯдаконро надоранд. Ғайр аз ин, маблағҳои барои харидани маводи ғизоӣ ва дигар ашёҳои зарурӣ ба қадри кофӣ таъмин карда намешавад. Мушкилии дигар, ин норасогии оби нӯшокӣ, яхдон, мошинҳои ҷомашӯӣ, қувваи барқ дар фасли зимистон ва норасогии ҷои хоб, мебошад.

Ин мушкилиҳоро бештар дар кӯдакистонҳои №1, №2, №4, №5, №6 мушоҳида намудан мумкин аст.

*Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабии ноҳияи Рӯдакӣ*

| № муассисаи томактабӣ | Мавқеъи ҷойгиршавии онҳо | Шумораи кӯдакон | | | Шумораи мураббиён | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
| №1 | ш.Сомониён | 179/83 | 188/91 | 201/84 | 9/0 | 9/0 | 9/0 |
| №2 | ш.Сомониён | 75/31 | 80/37 | 80/35 | 7/1 | 7/1 | 7/1 |
| №3 | ш.Сомониён | 100/47 | 117/53 | 90/38 | 9/1 | 9/1 | 7/1 |
| №4 | ш.Сомониён | 60/31 | 57/21 | 83/42 | 7/1 | 7/1 | 7/1 |
| №5 | ш.Турсунзода | 40/19 | 50/22 | 55/21 | 4/1 | 4/0 | 4/1 |
| №6 | ҷ/д Чоргултеппа | 50/27 | 70/29 | 50/19 | 4/1 | 4/1 | 4/1 |
| №7 | ш. Навобод | 50/18 | 50/22 | 50/18 | 3/0 | 3/0 | 3/0 |
| №14 | ҷ/д Зайнабобод | 80/37 | 60/34 | 70/27 | 6/2 | 6/2 | 7/2 |
| №15 | ш.Турсунзода | 70/31 | 75/33 | 75/32 | 4/0 | 4/0 | 4/0 |
| №10 | ҶСШК «Фирдавсӣ» | 30/19 | 30/16 | 30/15 | 3/0 | 3/0 | 3/0 |
| №18 | ҶСШК «Улҷабой» | 30/12 | 30/16 | 47/21 | 3/0 | 3/0 | 3/0 |
| №19 | ш.Сомониён | 60/29 | 70/36 | 225/91 | 8/4 | 8/4 | 8/5 |
| Ҳамагӣ: | | 764/355 | 807/374 | 1021/393 | 59/7 | 59/6 | 65/9 |
| % духтарон: | | 46,4% | 46,3% | 42,3% | 11,8 | 10,1 | 12,0 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳамасола шумораи кӯдакон дар кӯдакистонҳо афзуда истодааст. Ин нишондод дар соли 2015 – 1021 нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2013 ба андозаи 257 нафар ва ё 33,6 фоиз зиёд мебошад. Илова бар ин, шумораи зиёди кӯдакон дар кӯдакистонҳои №19 (225 нафар), кӯдакистонҳои №1 (201 нафар), №3 (90 нафар), №4 (83 нафар), №2 (80 нафар), №15 (75 нафар), №14 (70 нафар) ба қайд гирифта шудаанд. Дар муассисаҳои томактабӣ тафовути таъмини баробарии гендерӣ дар байни духтарон ва писарон назаррас нест. Айни замон ҳамаи ин муассисаҳо бо мураббиён таъмин буда, масъалаи норасогии кадрҳои омӯзгорӣ эҳсос карда намешавад.

Ҷиҳати беҳтар намудани фарогирии кӯдакони синни томактабӣ, дар назди 19 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия 19 гурӯҳи маркази инкишофи кӯдакон (бо фарогирии 1629 нафар кӯдакон) ташкил карда шудааст.

Қисми зиёди муассисаҳои томактабӣ ба таъмири асосӣ ва ҷорӣ ниёз доранд (аз ҷумла кӯдакистонҳои №№ 1,2,3,4,5,6 ва 7) ва илова ба ин, қисми шабакаи гармидиҳии кӯдакистонҳо, ки бо воситаи қувваи барқ ва қисми дигарашон тавассути печкаҳо кор мекунанд, аз набудани барқ, нокифоягии ангишт ва оби тозаи нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Инчунин дар кӯдакистонҳо норасогии маводҳои таълимӣ, бозичаҳои гуногун ва аёниятҳои зарурӣ ба назар мерасад. Набудани дастрасии пурра ба муассисаҳои томактабӣ барои корёбии занони ноҳия дар бозори меҳнат низ, монеа эҷод менамояд.

Дар ноҳия интихоби муассисаҳои томактабӣ маҳдуд мебошад ва бахусус барои кӯдакони маъюб ин маҳдудият бештар ба назар мерасад. Муассисаҳои томактабии

мавҷуда ба талаботҳои маъюбон қариб ҷавобгӯй нестанд. Аз ин ҷиҳат бунёди таълимгоҳои томактабии замонавӣ бо назардошти талаботҳои кӯдакони маъюб дар давоми соҳои 2016-2020 барои ноҳия афзалияти аввалиндараҷаи бахши мазкур мебошад.

**Маълумоти миёна.** Дар ноҳия 159 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 7 мактаби ибтидоӣ, 12 мактаб кӯдакистон, 5 гимназия, 2 литсей ва 119 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият мекунад. Аз шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия қариб 12 фоизро хонандагони ӯзбекзабон ташкил медиҳанд ва аз ин сабаб дар муассисаҳои таълимӣ синфҳои таҳсилашон бо забони ӯзбекӣ низ фаъолият мекунад.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия (нафар)*

| Соли таҳсил | 2012-2013 | | | 2014-2015 | | | 2015-2016 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфҳо | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар |
| Синфҳои I-IV | 41320 | 20400 | 20920 | 42658 | 24300 | 18358 | 45802 | 23382 | 22420 |
| Синфҳои V-IX | 42129 | 23520 | 18609 | 44624 | 22824 | 21800 | 47524 | 24628 | 22896 |
| Синфҳои X-XI | 7500 | 4800 | 2700 | 8400 | 5250 | 3150 | 8658 | 5465 | 3193 |
| **Ҳамагӣ** | **90949** | **48720** | **42229** | **95682** | **52374** | **43308** | **101984** | **53475** | **48509** |

Шумораи хонандагон дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия дар соли хониши 2015-2016 ҳамагӣ 101984 нафарро ташкил додааст, ки ин нишондод нисбати соли хониши 2012-2013 – 11035 нафар ва ё 12,1 фоиз зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда яке аз омилҳои асосии пайдоиши мушкилоти нокифоягӣ ва норасогии ҷойҳои нишаст дар мактабҳо маҳсуб меёбад. Сабаби асосии бо суръати баланд зиёдшавии шумораи хонандагон, ин пеш аз ҳама, ба суръати баланди афзоиши демографӣ ва ба вуҷуд омадани маҳаллаҳои нави аҳолинишин алоқаманд мебошад. Илова бар ин, дар соли 2010 аз минтақаи зериобмонии НБО – и «Роғун» қисми аҳолии ноҳияи Нуробод ба ноҳияи Рӯдакӣ кӯчонида шуд, ки дар натиҷаи он талабот ба ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои таълимӣ зиёд гардид.

Дар муассисаҳои таълимӣ идома надодани таҳсил баъди синфи 9, бахусус дар байни духтарон, бештар ба назар мерасад. Ба таҳсил фаро гирифтани қисми бештари духтарон яке аз афзалиятҳои асосӣ ва масъалаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳассос ба ҳисоб рафта, ҷиҳати бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдошта то соли 2020 дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ чораҳои мушаххас андешида мешавад.

Инчунин мушкилии дастрасӣ надоштан ба таълим дар байни кӯдакони аз оилаҳои камбизоат, муҳоҷирони меҳнатӣ ва кӯдакони маъюб бо сабабҳои гуногуни иҷтимоӣ (набудани шароит барои кӯдакони имкониятaшон маҳдуд дар муассисаҳои таълимӣ, аз қабилӣ маводҳои омӯзишию китобҳои таълимии мутобиқшуда, таҷҳизот, набудани муаллимони мувофиқ, мушкилоти инфрасохтории мактабҳо, кофӣ набудани буҷети оила барои харидорӣ намудани китобу маводҳои хониш) мушоҳида мешавад.

Барои беҳтар намудани сифати таълим, дар давоми солҳои 2016-2020 бунёди муассисаҳоти таълимӣ, синфхонаҳои нав, аз таъмир баровардани як қатор муассисаҳои таълимӣ, ба итмом расонидани сохтмони биноӣ мактабҳои сохтмонашон нотамом, бунёди мактабҳои замонавии ба талаботи кунунӣ ҷавобгӯй ва таҷҳизонидани онҳо бо таҷҳизотҳои нав дар назар аст.

Ба сифати хониши хонандагон як қатор масъалаҳои ҳалталаб таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷумла норасогии синфхонаҳои иловагӣ, таъмирталаб будани мактабҳо, набудани муассисаҳои таълимӣ дар деҳаҳои навбунёд ва ғайра.

Мушкилии дигаре, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин суст будани робитаи мактабҳо бо кумитаҳо мебошад. Дар баробари мушкилиҳои ҷойдошта норасогии китобҳои дарсӣ ва маводи методии замонавӣ, норасогии кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ ба сифати таълим ва дониши хонандагон таъсири манфӣ

мерасонад. Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба талаботи кунунӣ мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон, дар доираи Барномаи мазкур иҷрои чорабиниҳои дахлдор пешбинӣ шудаанд.

**Шаклҳои нави идоракунӣ.** Гузаштан ба низоми нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ташкили шароит барои устувории фаъолияти муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳо равона карда шудааст. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007 таҳти №350 "Дар бораи маблағгузории меъёрии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ" дар ноҳия муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, асосӣ ва ибтидоӣ ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории сарикасӣ гузаронида шудааст. Ба шӯъбаи маориф, раёсати молия ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои гузаштан ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) кӯмаку дастгирии техникӣ расонида шуда, мутахассисон ва муҳосибони ин муассисаҳо бо маводи корӣ (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои вазорати маориф, вазорати молия, низомномаи баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва бо дигар маводҳои зарурӣ) таъмин гардидаанд.

Дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва комитети падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) фаъолият менамоянд, ки ин вазъи таълиму тарбияро беҳтар намуда, имкониятҳои ин муассисаҳоро васеъ мекунад. Маблағҳо аз ҳисоби ташкилотҳои байналмиллалӣ, шахсони алоҳида ва корхонаю ташкилотҳои хайрхоҳ тавассути ин ташкилотҳо ба мактаб ворид карда шуда, онҳо инчунин дуруст сарф карда шудани ин маблағҳоро мунтазам назорат менамоянд.




Дар маҷмӯъ дар соли 2016 хаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф дар буҷети маҳаллӣ 68240,8 ҳазор сомониро ташкил дода, ҳиссаи он дар сохтори хароҷоти буҷети маҳаллӣ 55,7 фоизро ташкил медиҳад.

Гарчанде, ки маблағгузории соҳаи маориф солҳои охир тамоюли афзоишро дошта бошад ҳам, муттаасифона он барои пурра бартараф намудани мушкилоти муҳимми соҳа нокифоя аст.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муассисаҳои таълимӣ бояд фақат ба маблағҳои буҷети давлатӣ умед набаста, балки инчунин ба маблағгузории бисёршабакавӣ гузаранд, яъне аз ҳисоби ташкил кардани таълими иловагии пулакӣ, гузаронидани курсҳо барои дохилшавандагон ба мактабҳои олӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ташкил ва рушди инфрасохтор аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва хусусие, ки буҷети муассисаҳои таълимиро ғанӣ мегардонанд.

**Таъминот бо омӯзгорон.** Соли 2015 шумораи умумии омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 2826 нафарро ташкил дод, ки аз ин 1361 нафар ё 48,1 фоиз зан мебошад.

*Шумораи омӯзгорон дар тӯли солҳои 2013-2015 (нафар)*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳои хониш* | | |
|---|---|---|---|
| | *2013-2014* | *2014-2015* | *2015-2016* |
| *Шумораи умумии омӯзгорон* | *2731* | *3826* | *4047* |
| *аз ҷумла занҳо* | *1322* | *1361* | *2352* |
| *Дорои маълумоти олӣ* | *2105* | *2298* | *2039* |
| *аз ҷумла занҳо* | *874* | *998* | *1376* |
| *Олии нопурра* | *85* | *133* | *277* |
| *аз ҷумла занҳо* | *53* | *92* | *126* |
| *Миёнаи махсус* | *429* | *395* | *508* |
| *аз ҷумла занҳо* | *317* | *271* | *281* |
| *Миёнаи умуми* | *112* | *133* | *350* |
| *аз ҷумла занҳо* | *78* | *106* | *162* |
| *Муалимоне, ки аз кор рафтанд* | *105* | *140* | *101* |
| *аз ҷумла занҳо* | *35* | *49* | *43* |
| *Норасогии кадрҳо* | *21* | *20* | *27* |

Дар солҳои 2013-2015 аз 162 нафар омӯзгорони ҷавон, ки бо роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мактабҳои ноҳия фиристода шудаанд 141 нафарашон ё 87 фоизашон бо ҷойи кор дар мактабҳо таъмин шуда фаъолияти омузгириро идома дода истодаанд. Масъалаи бо омӯзгорон таъмин кардани мактабҳо дар ноҳия асосан ҳалли худро ёфтааст. Барои бо омӯзгорони соҳибихтисос таъмин кардани мактабҳо ҳар сол тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 нафар (12 духтар ва 12 писар) хатмкардагони мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия барои таҳсил ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ фиристонида мешаванд. Ҳоло аз ноҳия 137 нафар дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намуда истодаанд.

Дар тӯли солҳои 2013-2015 аз мутахассисони маҳаллӣ 410 нафар (аз ҷумла 173 нафар духтарон) мактабҳои олии кишварро хатм намуда, аз онҳо 213 нафарашон ба маҳалли худ бар гашта, бо ҷои кори доимӣ таъмин карда шуданд.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, аз кор рафтани омӯзгорони баландихтисос, бахусус дар деҳот мебошад. Аз сабаби паст будани сатҳи музди меҳнат ва кам будани ҳавасмандгардониҳои моддию маънавӣ, на ҳама вақт кадрҳои маҳаллӣ ба зодгоҳи худ барои давом додани фаъолияти минбаъда бар мегарданд. Зиёд намудани ҳавасмандгардонии моддию маънавии кадрҳои маҳаллӣ ҷиҳати ҷалби хатмкунандагони мактабҳои олӣ барои кор кардан дар мактабҳо мусоидат хоҳад намуд.

**Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ.** Дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба 18 нафар хонанда як компютер рост меояд (аз рӯи меъёр 1 компютер барои 15 нафар талаба) ва қисми ками онҳо ба шабакаи интернет пайваст карда шудаанд. Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия 1033 адад компютер ва 224 адад принтер мавҷуд аст.

Мушкилии асосӣ дар он аст, ки қисми зиёди компютерҳои мактабҳои ноҳия ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Новобаста аз оне, ки дар ноҳия маркази хизматрасонии техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъсис дода шудааст, бинобар сабаби нокифоягии воситаҳои молиявӣ ва қисмҳои эҳтиётии лозима, маркази мазкур наметавонад мушкилоти мавҷударо сари вақт бартараф намояд.

**Таъминоти мактабҳо бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.** Бо сабаби солҳои дароз истифода гаштани қубурҳои обгузар, дар аксарияти мактабҳои ноҳия аз кор баромадани шабакаи таъминоти оби нӯшокӣ ба назар мерасад. Таъминоти гармӣ дар аксари мактабҳои деҳоти ноҳия аслан тавассути бухориҳои худсохт сурат мегирад.

Дар баробари ин, бо назардошти сол то сол зиёд гардидани талабот ба осоишгоҳҳо ва фароғатгоҳҳо, дар ноҳия барои хонандагон зиёд намудани лагерҳои тобистона зарур мебошад.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Ба ҳисоби миёна ҳар сол 1345 нафар, ё худ 66 фоизи хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия барои азхуд кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ ба макотиби олии кишвар дохил мешаванд. Илова бар ин, дар тӯли солҳои 2014-2015 аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои ноҳия 169 нафар ба муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия, Қазоқистон ва дигар давлатҳо) дохил гардидаанд.

Тибқи нақшаи дурнамо дар асоси квота қабули 95 нафар хонандагон ба мактабҳои олии кишвар дар назар дошта шудааст, ки аз ин 40 нафарашон духтарҳо мебошанд, аммо ин наметавонад талаботи кунуниро пурра қонеъ намояд. Дар воқеъ, яке аз мушкилиҳои асосии соҳаи маориф дар ноҳия, норасогии кадрҳои баландихтисос маҳсуб меёбад. Бинобар ин, ҷудо намудани квотаҳои иловагӣ барои дохил гардидан ба муассисаҳои олии кишвар аз ҳисоби хонандагони ноҳия яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи маорифи ноҳия маҳсуб меёбад.

Дар баробари муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар ноҳия як коллеҷи техникию - омӯзгорӣ ва як коллеҷи фарҳангӣ амал мекунанд, ки дар онҳо 83 нафар омӯзгорон фаъолият доранд. Дар коллеҷи фарҳангии ноҳия таҷҳизоту асбобҳои ҳозирзамон намерасад. Дар коллеҷи техникӣ-омӯзгорӣ дар соли 2015 - 126 нафар донишҷӯён дар 5 гурӯҳ бо ихтисосҳои омӯзгори забонҳои русӣ ва англисӣ, синфҳои ибтидоӣ ва таъмири техникии автомобил ба таълим фаро гирифта шуданд, ки ин каме дар ҳалли мушкилоти норасогии кадрҳо мусоидат намуд.

Ҳамчунин дар ноҳия як мактаби мусиқии бачагона ва гурӯҳҳои махсуси омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Ваҳдат амал мекунанд. Мушкилотҳои асоси дар ин бахш ин кӯҳнаю фарсуда гардидани боми коллеҷи номбурда ва набудани толори варзишӣ маҳсуб меёбад.

**Дурнамои рушди соҳаи маориф.** Бо назардошти суръати афзоиши аҳолии ноҳия дар соли 2020 нисбат ба соли 2015, шумораи кӯдакони синни томактабӣ ба 19,9 фоиз зиёд хоҳад шуд. Соли 2020 фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ аз шумораи умумии кӯдакони синни томактабӣ бояд аз 6,8 фоиз то 15 фоизро ташкил намояд. Дар доираи БРН пешбинӣ шудааст, ки соли 2020 дар муассисаҳои томактабӣ 610 ҷойҳои иловагӣ ташкил намуда, шумораи кӯдакони синни мактабӣ 8,2 фоиз зиёд мегардад ва мувофиқи он, ташкили ҷойҳои хонандагон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ бояд 8,5 фоиз зиёд гардад.

*Мушкилиҳои асосии муассисаҳои маорифи ноҳия.*

| *Номгӯи мушкилотҳо* | *Номгӯи мактабҳо* |
|---|---|
| *Таъмирталаб будани биноҳои мактабҳо* | *МТМУ № 103,110,29,53,128,122, 168,28,30,69,88,55,13,70,127,129,58,113,112,26,25,103, 61,141,20,7,12,23,43,50,142 филиали мактабҳои №№23,18,116,52,35,83, 46,107,153.* |
| *Норасогии синфхонаҳо* | *МТУ № 4,120,15,80,83,55,56,111,113,18,20,90,92,25,5,7,9, 77,79,114, 177,71,128,42,49,63,65,118,119,172,67,121,122, 124,32,105,106,165,34,35,36,37,39,40,109,166,12,13,14, 81,82,84,137,57,59,60, 61,62,115,116,176.* |
| *Нотамом мондани сохтмони мактабҳо* | *№ 56,21,25,77,59, 82, 125, 86, 172, 104, 28, 98, 170, 176, 9, 90* |
| *Норасогии омузгорон, махсусан аз фанҳои дақиқ (технологияи информатсионӣ, химия), забони русӣ, англисӣ ва гайраҳо* | *Дар мактабҳои № 6, 8, 21, 23, 25, 85, 53, 62, 74, 63, 87, 90, 43, 79, 83, 26, 20, 88, 87, 104, 91, 94, 95, 97, 19, 137* |
| *Набудани мактабҳои нав* | *Дар деҳаҳои Оби Шифо, Истиқлол, Мавҷ, Кишоварз, Фалакон, Чилмеҳроб, Шоҳмансур, Файзоба, Тоҷикобод, Обчакорон, Ҷавонон, Ҳазора, Гулпарвар, Гулбутта, Душанбе-2, Арбобхотун-2, Навбунёд, Сароб-1, Сароб-2, Сароб-3, Гулбутта (назди бозори* |

| | |
|---|---|
| | *Корвон, Арбобхотун ва Ҷуйбодоми ҷ/д Чортеппа, Гиждалобод ва Армугони ҷ/д Чоряккорон, «Озодии занон» -и ҷ/д Сарикиштӣ, Чилмеҳроб ва Фалакони ҷ/д «Россия», Сароб-и ҷ/д Зайнабобод, Истиқлол-3-и шаҳраки М.Турсунзода, Доваи ҷ/д Роҳатӣ, Чегами боло, Шабода ва Кавраки ҷ/д Эсанбой, шаҳраки Сомониён, Навбунёди ҷ/д Чоргултеппа .* |
| *Муҷаҳҳаз намудани таҷҳизоти гармидиҳии мактабҳо* | *Тамоми муассисаҳои таълимӣ, богчаҳои бачагона ва шӯъбаи маориф бо таҷҳизоти гармидиҳӣ бояд таъмин гарданд.* |
| *Таъмирталаб будани толорҳои варзишӣ* | *Дар мактабҳои №48, 33, 52, 64, 68,45,62, 65, 36,8* |
| *Норасогии шумораи синфхонаҳо* | *Дар мактабҳои №59, 3, 12, 63, ГБЛ, 82, 4,15, 32, 24, 13, 61, 115, 7, 72, 73, 51, 42, 43, 46, 109, 25, 111, 112, 55, 175, 92, 172, 23, 21, 20, 79* |
| *Баъди хатми зинаи аввали таҳсилот пурра фаро гирифта нашудани хонандагон* | *Махсусан дар ҷамоатҳои Эсанбой, Султонобод* |
| *Норасогии таҷҳизот барои мактабҳо, мизу курсиҳо барои хонандагон (2200 комплект)* | *Дар аксари мактабҳои ноҳия* |
| *Суст будани робитаи мактабҳо бо АВО (Ассотсиатсияи волидону омӯзгорон)* | *Дар мактабҳои №№ 49,63,65,118,119,172,67,121,122, 124,32,105,106,165,34,35,36,37,39,40,109,166,12,13,14, 81,82,84,137,57,59,60, 61,62,115* |
| *Набудани ҳуҷраҳои фаннӣ бо таҷҳизоти ҳозиразамон муҷаҳҳазонидашуда, норасогии китобҳои дарсӣ. (Махсусан, китобҳои дарсии бо забони узбекӣ)* | *Дар аксари таълимгоҳҳо* |
| *Пурра дастрас набудани Марказҳои таҳсилоти иловагӣ дар деҳот* | *Дар мактабҳои 2,17,18,29,30,36,38,39* |
| *Ба талабот ҷавобгӯ набудани кӯдакистонҳо* | *Тамоми ҳудуди ноҳия* |
| *Таъмирталаб будани кӯдакистонҳои №4 ва №7* | *Аксари кӯдакистонҳо* |
| *Сохтмони бинои кӯдакистонҳо* | *Дар маркази ноҳия ва дар ҷамоатҳо* |

### 3.2. Соҳаи тандурустӣ

Соҳаи тандурустӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор бахши муҳим ба ҳисоб меравад, зеро азму талоше, ки барои беҳбудии саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст, рушди устувори иқтисодӣ ва рушди неруи инсонии кишварро таъмин менамояд.

Ҳадафҳои асосӣ барои соҳаи тандурустии ноҳия дар давоми солҳои 2016-2020 чунинанд:

- *Коҳиш додани сатҳи фавти кӯдакон.*
- *Беҳбудии ҳифзи модарон.*
- *Мубориза ба муқобили бемориҳои сирояткунанда.*
- *Беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи тандурустӣ.*

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои зерин гузошта мешавад:

- *Коҳиш додани сатҳи фавти тифлони то 1 сола: 9,0 ба 1000 зиндатаваллудшуда.*
- *Паст кардани сатҳи фавти кӯдакони аз 1 то 5 сола: 24,2 ба 1000 зиндатаваллудшуда.*
- *Кам кардани нишондиҳандаи фавти модарон: 0,2 бар 1000 зиндатаваллудшуда.*
- *То соли 2020 гирифтани пеши роҳи паҳншавии бемориҳои сироатӣ ва коҳиш додани дараҷаи беморшавӣ дар ноҳия.*
- *Баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ дар миқёси ноҳия.*

Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар давоми солҳои 2016-2020 тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- *Бунёду барқарор кардани бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ дар деҳот.*
- *Бо таҷҳизоти тиббӣ ва дорувориҳо таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия.*
- *Ба воситаҳои пешгирикунадаи ҳамл таъмин намудани ҳамаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ.*
- *Зиёд намудани мутаносибии ДОТС.*
- *Дар сатҳи ноҳия тақвияти чораҳои мубориза бо бемориҳои сирояткунанда.*
- *Ташкил намудани чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза ба ВНМБ дар байни аҳолӣ бахусус ҷавонон.*
- *Ба роҳ мондани маъракаи мубориза бо бекиҷагардонӣ (гелминтозҳо) дар байни кӯдакони то 14-сола.*
- *Коҳиш додани камхунӣ миёни занҳои ҳомиладор ва як маротиба зиёд намудани занҳои таваллудкунанда дар шароити муассисаҳои тиббӣ нисбат ба шароити хона.*
- *Таъмини муассисаҳои тандурустии ноҳия (бахусус дар сатҳи деҳот) бо мутахассисони маълумоти олидор ва миёна.*
- *Ба анҷом расонидани сохтмони бинои нотамоми Беморхонаи марказӣ.*
- *Таъмини пурраи беморхонаи марказии ноҳия бо неруи барқ ва оби тозаи ошомиданӣ.*

**Давомнокии миёнаи умр.** Ташаккули тарзи солими зиндагӣ яке аз омилҳои муҳими беҳтар шудани нишондиҳандаҳои марбут ба шеваи дурусти ҳаёт мебошад. Чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунанд, унсурҳои асосии ташаккули тарзи солими зиндагӣ дар ноҳия мебошанд.

Дар ноҳия нишондиҳандаҳои миёнаи давомнокии умр 65-75 сол мебошад, аз ҷумла барои мардон 60-65 сол ва барои занон 70-75 сол. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ва диққати махсус додан ба беҳтарсозии ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ яке аз афзалиятҳои асосии соҳа ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, дар ҳудуди ноҳия тибқи талаботҳои муосир ташкил намудани хонаи маъюбон барои фарогирии кӯдакони маъюб ва дигар ниёзмандон шарт ва зарур мебошад.

**Бемориҳои паҳншуда.** Бемориҳои аз ҳама бештар паҳншуда дар байни аҳолии ноҳия, фишори баланд, бемориҳои дил, диабети қанд, саратон, ҷоғар, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони то 14 сола) дар байни кӯдакон, гестозҳо, апендисит, санги талха ва гурда мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо байни аҳолӣ саривақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ ва дониши тиббии аҳолӣ, камбизоатӣ ва дигар омилҳо мебошад.

Сабабҳои асосии фавти аҳолии ноҳия, асосан ба гирифтори ба касалиҳои дилу рагҳо ва фишорбаландӣ, саратони узвҳои гуногун, бемориҳои рӯдаю меъда ва бемориҳои шадиди роҳҳои нафас алоқаманд аст.

Новобаста аз он, ки солҳои охир дар самти беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия корҳои назаррас ба сомон расонида шуда бошад ҳам, вале дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ мушкил боқӣ мемонад. Ин монеа, махсусан миёни одамоне, ки дар деҳот ва дар маҳаллаҳои аз муассисаҳои тиббӣ дурдаст зиндагӣ доранд, инчунин дар оилаҳои камбизоату муҳоҷирон ва шахсони имконияташон маҳдуд ба назар мерасад. Дастрасӣ барои шахсони имконияташон маҳдуд (маъюбон) махсусан душвор аст, зеро инфрасохтори муассисаҳои тиббии кунунӣ барои онҳо мутобиқ нашудааст. Дар баробари ин, дастрасии молиявии хизматрасониҳои тиббӣ ҳам мушкилии асосӣ маҳсуб меёбад. Беморхонаи марказии ноҳия дар замони Иттиҳодияи Шӯравӣ бунёд гардида, то ҳол таъмири асосӣ гузаронида нашудааст. Хароҷотҳои ғайрирасмии тиббӣ (тарифҳои гарони хизматрасониҳои тиббӣ) дар афзоиши таваллуд

дар шароити хона, пинҳон доштани бемориҳои сирояткунада ва сари вақт муолиҷа нашудани беморон таъсири манфӣ мерасонад. Мушкилиҳои ҷойдошта боиси коҳишёбии нишондиҳандаҳои солимии модарон дар ноҳия гардидааст. Сабаби ин, гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар), сари вақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал ва камбизоатии занон мебошад.

**Саломатии модар ва кӯдак.** Таъмини солимии аҳолӣ самти муҳими иҷтимоиёти ноҳияи Рӯдакӣ ва деҳоти он буда, мақсади асосии он таъмини дастрасии сокинон, аз ҷумла модарону кӯдакон ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ мебошад.

*Шумораи таваллуд ва фавти кӯдакон (нафар)*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Соли 2013* | *Соли 2014* | *Соли 2015* |
|---|---|---|---|
| *Шумораи таваллудшудагон* | *11590* | *13308* | *13666* |
| *Дар муассисаҳои тиббӣ* | *10741* | *12161* | *12498* |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *92,6* | *91,3* | *91,4* |
| *Дар шароити хона* | *849* | *1147* | *1168* |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *7,3* | *8,16* | *8,5* |
| *Фавти кӯдакони 0 то 1 сола (ба 1000 зиндатаваллуд)* | *107* | *195* | *141* |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *16,8* | *8,2* | *10,3* |
| *Мурдатаваллудшуда* | *45* | *114* | *108* |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *3,8* | *0,5* | *7,9* |
| *Фавти кӯдакони аз 1 то 5 сола (ба 1000 зиндатаваллуд)* | *5,0* | *2,1* | *3,6* |
| *Фавти модарон (ба 1000 зиндатаваллуд)* | *2* | *2* | *5* |
| *Бо промилле (%)* | *0,1* | *0,15* | *0,3* |

Аз маълумотҳои овардашуда бар меояд, ки шумораи таваллуд ҳамасола тадриҷан афзоиш ёфта, ин нишондиҳанда соли 2015 дар таносуб ба соли 2013 – 17,9 фоиз афзоиш ёфтааст. Коэффитсиенти умумии таваллуд дар соли 2015 нисбат ба соли 2013 ба 6,9 промил (ба 1000 зинда таваллуд) зиёд гаштааст. Дар соли 2015 аз шумораи умумии таваллудшудагон 0,8 фисади он дар шароити хона ба дунё омадаанд ва чуноне, ки маълум аст, ҳангоми таваллуд дар хона на ҳамеша қоидаҳои санитарию гигиенӣ риоя карда мешаванд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки новобаста аз он, ки дар ноҳия замни вуҷуд доштани сохтори инкишофёфтаи муассисаҳои репродуктивӣ, ки ёрии педиатрӣ мерасонад, дастрасии хизматрасониҳои босифати тиббӣ ва ҳифзи саломатии навзодон, кӯдакон ва наврасон кофӣ нест.




Сатҳи фавти кӯдакони то 1 сола дар ноҳия баланд боқӣ монда, соли 2015 нисбати соли 2014 ба андозаи 0,15 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ин нишондиҳанда аз он

шаҳодат медиҳад, ки сабаби сатҳи баланди фавти модарон ва кӯдакон сифати бади хизматрасониҳо дар давраҳои антенаталӣ, ҳомиладорӣ ва баъди ҳомиладорӣ мебошад. Сабаби асосии фавти навзодонро мутахассисони соҳа дар бемориҳои давраи навзодӣ, нуқсонҳои модарзодӣ, фалаҷи майнаи сари кӯдакон ва ғайраҳо арзёбӣ менамоянд. Ба нишондиҳандаҳои фавти кӯдакони то яксола ва мурдатаваллуд омилҳои зерин таъсири манфӣ мерасонад: баланд будани нишондоди фавти перенаталӣ (тифлони 0-6 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани солимии занҳои қобили таваллуд ва ҳомиладор, зиёд гаштани бемориҳои ғайризанона дар байни занҳои ҳомила, суст будани назорати антинаталӣ, баланд будани сатҳи таваллуди кӯдакон бо нуқсонҳои модарзодӣ ва инчунини нуқсонҳои модарзодии дил, бемориҳои асаб, паст будани маърифатнокии занҳо нисбати нигоҳубини кӯдак ва таъсири манфии мавсими сармои зимистон. Коҳиш додани сатҳи фавти кӯдакон ва наврасон дар давоми солҳои 2016-2020 барои соҳа яке аз ҳадафҳои асосӣ мебошад.

Солҳои охир дар ноҳияи Рӯдакӣ коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад ва сабаби ин, гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла камхунӣ, бемориҳои гурда, ҷоғар ва бемориҳои сироятӣ), сари вақт муроҷиат накардан ба кормандони тиб ҳангоми пайдо шудани аломатҳои хатари ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, дар сатҳи зарурӣ набудани иттилоотнокии занон дар масъалаҳои саломатии репродуктивӣ ва паст будани сатҳи зисту зиндагии занҳои қобили таваллуд, зиёд гаштани авоațизҳои ҳомиладорӣ (фишорбаландӣ, бемориҳои гурда) мебошад.

Дар беҳдошти солимии модарон, татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон, фаъолияти хуби табибони оилавӣ дар муассисаҳои КАТС, хадамоти патронаҷӣ ва тибби оилавӣ нақши калон мебозад.

Дар ноҳия шумораи гирифтории бемории камхунӣ ва ҷоғар дар байни занҳои қобили таваллуд зиёд мебошад ва дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтории оризаи ҳомиладории занҳо (ба оқибатҳои вазнин, аз ҷумла, фавти модар, фавти кӯдак ва ё мурдатаваллуд) оварда мерасонад.

*Норасоии йод ва оҳан (камхунӣ)*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Соли 2013* | *Соли 2014* | *Соли 2015* |
|---|---|---|---|
| *Шумораи занҳои ҳомила ва аз ҳомилагӣ баромада* | *11590* | *13308* | *13666* |
| *Норасоии оҳан, камхунӣ* | *217* | *2391* | *8521* |
| *Бо фоиз:* | *1,8* | *17,9* | *62,0* |
| *Норасоии йод дар организми занони таваллудкарда, ҷоғар* | *305* | *411* | *791* |
| *Бо фоиз:* | *2,6* | *3,09* | *5,17* |

Дар байни занҳои таваллудкунанда таи се соли охир шумораи занҳои гирифтории бемории камхунӣ 39 маротиба ва ҷоғар 1,98% афзоиш ёфтааст. Сабаби зиёд шудани бемориҳои камхунӣ, норасоии оҳан ва ҷоғар ин саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои хатарноки ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии оилаҳо мебошад. Ҳадафи асосии соҳа тайи солҳои минбаъда андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати бартараф намудани бемориҳои гирифтори камхунӣ ва ҷоғар, баланд бардоштани иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва коҳиш додани сатҳи кабизоатӣ дар миёни занҳои ҳомила мебошад.

Дар панҷ соли оянда яке аз вазифаи асосии бахши тандурустӣ ба андозаи аз чор се ҳисса кам кардани нишондиҳандаи фавти модарон ва ба андозаи аз се ду ҳисса кам кардани сатҳи фавти кӯдакони аз 1 то 5 сола мебошад.

**Бемориҳои сироятӣ.** Мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои кишвар дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор буда, ба коҳиш додани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои (инфексияҳои) бо ваксина идорашаванда равона гардидааст.

*Тамоюли бемориҳои сироятӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ*

| ***Намуди бемориҳои сироятӣ*** | ***Воҳид*** | ***Соли 2013*** | ***Соли 2014*** | ***Соли 2015*** |
|---|---|---|---|---|
| *Бемории сил* | *нафар* | *286* | *285* | *362* |
| *аз рӯи промилле (ба 100 ҳазор аҳолӣ)* | *%%* | *57,2* | *57* | *72,4* |
| *Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо* | *нафар* | *538* | *843* | *1023* |
| *(ба 100 ҳаз. аҳолӣ)* | *%%* | *107,6* | *168,6* | *208,4* |
| *Гелминтоз* | *нафар* | *454* | *417* | *1029* |
| *(ба 100 ҳаз. аҳолӣ)* | *%%* | *90,8* | *83,4* | *205,8* |
| *Гепатит* | *нафар* | *756* | *178* | *328* |
| *(ба 100 ҳаз. аҳолӣ)* | *%%* | *151,2* | *35,6* | *65,6* |
| *Бемориҳои тавасути алоқаи ҷинси гузаранда* | *нафар* | *40* | *5* | *30* |
| *Бемории ВМНО/БНММ (ВИЧ/СПИД)* | *нафар* | *78* | *96* | *85* |
| *Ҳамагӣ* | | *437,0* | *449,6* | *462,0* |

Дар соли 2015 нисбат ба соли 2013 шумораи нафарони гирифтори бемории гепатит 43,3% ва бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда 75% кам шуда, шумораи беморони сил 26,5%, гелминтоз 2,2 маротиба, ВМНО/БНММ 8,9% зиёд шудааст. Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ ин саривақт ташхис нашудани бемориҳо бахусус дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастрасии маҳдуд доранд (муҳоҷирони меҳнатӣ), сифати пасти оби нӯшокӣ, сатҳи пасти хизматрасонии рифоҳӣ (коммуналӣ) дар деҳот, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ, гарон будани арзиши доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ, мебошад.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар ноҳия бемориҳои фишори баланд, захми меъда, газаки меъда, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, нокифоягии пешбурди тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.** Сохтори соҳаи тандурустии ноҳияи Рӯдакӣ аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

Дар ноҳия 124 муассисаи табобатӣ, беморхонаи марказии ноҳия, дармонгоҳи амрози рӯҳӣ ва нашъамандӣ, маркази мубориза бо бемории сил, шифохонаи кӯдакон, дармонгоҳи бемориҳои омӯзишӣ ва пӯст, таваллудхона, маркази саломатӣ, дармонгоҳи дандонпизишкӣ, шифохонаи амрози сироятӣ, 30 маркази саломатии деҳот, 80 хонаи саломатӣ ва бахшу дорухонаҳои гуногун фаъолият менамоянд. Муасисаҳои тиббии ноҳия ҳамагӣ дорои 371 кат мебошанд.

Барои беҳтар намудани хадамоти КАТС дар солҳои сипаригашта 30 маркази саломатӣ ва 80 хонаи саломатӣ ташкил карда шуда, боқимонда 20-тои он ба сохтмону таъмир эҳтиёҷ доранд. Масофаи дастрасии хизматрасонии тиббӣ аз 3 то 75 км-ро ташкил менамояд. Аз ин лиҳоз, дар ноҳия бе шумораи кифояи нақлиёти ёрии таъҷилӣ ба аҳолӣ кӯмаки аввалиндараҷа расонидан мушкил аст. Ба ҳисоби миёна БМН ҳар сол ба 211421 нафар шаҳрвандон хизмат мерасонад, ки ин нишондиҳанда дар соли 2015 ба 267411 нафар расида, нисбат ба соли 2013 – 3,1 фоиз афзоиш ёфтааст. Шумораи умумии муроҷиаткардагон дар давоми се соли охир 2,9 фоиз баланд шудааст, ки бевосита ба зиёд шудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, муҳоҷирати экзогенӣ ва таваллуд дар хона вобаста мебошад.

*Шумораи муроҷиаткардагон ба муассисаҳои тиббӣ*

| ***Нишондиҳандаҳо*** | ***Соли 2013*** | ***Соли 2014*** | ***Соли 2015*** |
|---|---|---|---|
| *Беморхонаи марказии ноҳия* | *16754* | *14269* | *13329* |
| *Марказхои саломатӣ* | *89880* | *106321* | *114471* |
| *Бунгоҳҳои саломатӣ ва МСД* | *146649* | *117639* | *132106* |
| ***Ҳамагӣ*** | ***253283,0*** | ***238229,0*** | ***259906,0*** |

Дар муассисаҳои табобатии ноҳия умуман 324 нафар мутахассисони маълумоти олидор ва 786 нафар кормандони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ, фаъолият мекунанд.

Коэффисиенти таъминот бо духтурони маълумоти олидор дар ноҳия ба 10 ҳазор аҳолӣ 14,1% ва бо ҳамшираҳои тиббӣ 48%-ро ташкил медиҳад.

*Таъминоти аҳолӣ бо кормандони тиб ва катҳо, (коэффитсиент)*

| Номгӯи нишондодҳо | воҳиди ченак | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
|---|---|---|---|---|
| Таъмини аҳолӣ бо духтурон Шумораи мутлақ (коэффитсиент) | 1 нафар ба 10 ҳазор аҳолӣ | 7,6 | 8,2 | 9,8 |
| Таъмин будани аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ | 1 нафар ба 10 ҳазор аҳолӣ | 17,6 | 19,8 | 20,1 |
| Таъмин будани аҳолӣ бо катҳо | 1 кат ба 10 ҳазор аҳолӣ | 9,5 | 9,1 | 9,6 |

Нишондиҳандаи таъминоти аҳолӣ бо духтурон дар се соли сипаригашта ба 1,3 фоиз зиёд шудааст, аммо ин нишондиҳанда ҳоло ҳам талаботро қонеъ наменамояд. Таъминоти аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ дар давоми се соли охир 1,14 фоиз зиёд шудааст. Дар тайёр кардани кормандони миёнаи тиббии ноҳия омӯзишгоҳи тиббии ноҳиявӣ саҳми арзанда мегузорад. Айни ҳол 134 нафар толибилмон дар омӯзишгоҳ таҳсил менамоянд ва 92 нафарашон духтарон мебошанд. Синну соли миёнаи кормандони тибии ноҳия 45 сол мебошад. Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, норасогии мутахассисони баландихтисос мебошад. Омилҳои асосие, ки боиси сар задании ин мушкилот гардидаанд, пеш аз ҳама, сатҳи пасти музди меҳнат, нокифоя будани имтиёзҳо ва дигар кӯмакҳои моддӣ мебошад, ки аз сабаби он қисми зиёди кадрҳои ҷавон баъд аз хатми донишгоҳу донишкадаҳо ба дигар корҳо машғул мешаванд. Ҳамзамон, дар байни мутахассисони ҷавон сатҳи пасти дониш ва малакаи касбӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин диққати махсусро ба худ талаб менамояд.

Барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ бахусус дар деҳот баровардани бунгоҳҳои тиббӣ аз вагонҳо, хонаҳои шахсӣ ва дигар муассисаҳо дар давоми панҷ соли оянда яке аз афзалиятҳои аввалия мебошад. Дар ҳудуди ноҳия 16 бунгоҳи тиббӣ дар вагону хонаҳои шахсӣ, 3 бунгоҳ дар муассисаҳои таълимӣ ва 3 бунгоҳ дар бинои масҷид ҷойгир шудаанд. Инчунин 1 бунгоҳи тиббӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 22 бунгоҳи дигари тиббӣ таъмирталаб мебошанд.

*Муассисаҳои тиббии ноҳияи Рӯдакӣ*

| | |
|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | Маркази саломатии ноҳиявӣ -1 |
| | Марказҳои саломатии деҳот - 30 |
| | Бунгоҳи тиббӣ - 81 |
| Хадамоти бистарӣ | Беморхонаи маркази ноҳиявӣ (236 кат) |
| | Беморхонаи минтақавӣ (105 кат) |
| | Беморхонаи сил (дорои 30 кат) -1 |
| Марказҳои тибби махсус | Маркази мубориза бар зидди сил-1 |
| | Маркази ташакули ҳаёти солим-1 |
| | Маркази танзими оила ва солимии репродуктивӣ -1 |
| | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона-1 |
| | Маркази эмтаъминкунӣ-1 |
| | Маркази тибби оилавӣ-1 |
| Дигар хадамот | Хадамоти давлатии назорати санитари эпидимеологӣ-1 |
| | Бошишгоҳи ёрии таъҷилии тиббӣ-1 |

Таҷҳизотҳои мавҷудаи муассисаҳои тандурустии ноҳия қисми зиёдашон фарсудаю корношоям гардидаанд. Барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ, муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизоти муосир, аз ҷумла, дастгоҳи нафасгирии сунъӣ (ИВЛ), дастгоҳи эҳёгарӣ, дастгоҳи рентгенӣ, флюрография, дезкамера, гастроскоп, кювез, оксегенератор, дастгоҳи нафасгирии сунъӣ барои кӯдакон, креслои акушерӣ ва дигар таҷҳизотҳои лозима, зарур мебошад.

Масъалаи ҳалталаби дигаре, ки дар ин самт ба назар мерасад ин норасогии кадрҳои баландихтисос мебошад. Шумораи умумии норасогии кадрҳо дар муассисаҳои тиббии ноҳия 38 нафарро ташкил медиҳад.

*Мушкилиҳои асосии муассисаҳои тандурустии ноҳия.*

| № | Номгӯи мушкилотҳо | Мавзеъи ҷойгиршавии муассисаи тиббӣ |
|---|---|---|
| **1.** | **Бад гардидани заминаи моддию техникӣ** | |
| | *Набудани бинои маъмурии хонаҳои саломатӣ* | *МСД - Сарикиштӣ, Россия, Эсанбой, Ганҷобод, Истиқлол, Мавҷ, Шараф, Лоҳур, Қулписта, Дӯстӣ, Чоргултеппа, Арбобхотун, Кампир қалъа, Сангтуда, Шаҳристон, Навобод ва ҳамаи бунгоҳҳои саломатии ноҳия.* |
| *А.* | *Фарсуда ва ё набудани таҷҳизоти муоинаи тиббии рентгенӣ, таҷҳизоти ФГС, таҷҳизоти УЗИ, бронхоскоп, таҷҳизоти автоклав, кювез, аппарати ЭКГ, дефиблятор, кардиомонитор, дастгоҳи лабароторӣ, таҷҳизоти нафасӣ сунъӣ (ИВЛ-РО), ингалятор.* | *Беморхонаи марказии ноҳия ва муассисаҳои тобеи он, дар бунгоҳҳои тиббӣ* |
| *Б.* | *Норасогии таҷҳизоти УВЧ, ИВЛ, электрофарез* | *Беморхонаи марказии ноҳия ва муассисаҳои тобеи он* |
| *В.* | *Норасогии доруворихои бепул барои шахсони имтиёздошта* | *Беморхонаи Марказии ноҳия ва марказҳои саломатии деҳот* |
| *Г.* | *Мавҷуд набудани нақлиёти ёрии таъҷилӣ дар БР ноҳия ва МСД* | *Ҷамоати шаҳраки Гулистон ва Калинин* |
| *Д.* | *Фарсуда ва корношоям шудани катҳо, таҷҳизот ва ашёҳои зурурӣ (курпаю болиштҳо, болопушҳо)* | *Беморхонаи Марказии ноҳия, таваллудхона, беморхонаи кӯдакона, беморхонаи касалиҳои сироятӣ ва беморхонаҳои деҳот.* |
| *Е.* | *Сохтмони бинои Маркази ёрии таъҷилии ноҳия* | *Маркази ноҳия (дар бинои беморхонаи марказии ноҳия)* |
| **2.** | **Суръати сусти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ** | |
| *А.* | *Номутаносибии маблағҳои ирсолшуда барои зинаи аввал ва дуввуми хадамоти тиббӣ.* | *Соҳаи тандурустӣ* |
| *Б.* | *Мавҷуд набудани шаклҳои нави КАТС, аз ҷумла кам будани шумораи духтурони оилавӣ.* | *Муассисаҳои тандурустии дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия воқеъгардида* |
| *В.* | *Маҳдуд будани хизматрасонии тиббии бахши хусусӣ.* | *Муассисаҳои тандурустии дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия воқеъгардида* |
| *Г.* | *Таъмирталаб гаштани бунгоҳи тиббӣ.* | *МСД Чоргултеппа бунгоҳи тиббӣ* |
| *Д.* | *Норасогии кадрҳои баландихтисос* | *Дар муассисаҳои тандурустии дар деҳот воқеъбуда* |

### 3.3. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.** Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳия аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила ва кӯдакон, расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст. Марҳилаи кунунии рушди ноҳия бо мавҷудияти сатҳи баланди бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андозае маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии ноҳия, вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст.

**Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ нафақхӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд. Дастгирии табақаи осебпазири аҳолӣ ва таъмини дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ яке аз самтҳои афзалиятноки Ҳадафҳои Рушди Устувор мебошад. Мувофиқи маълумоти расмӣ дар соли 2015 шумораи нафақахӯрони ноҳия 17075 нафар буда, аз ин шумора 7,08% аз сабаби кам будани ҳаҷми нафақаашон фаъолияти меҳнатии худро идома дода истодаанд.

Бо мақсади тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии нафақахӯрон, зиёдшавии нафақа ва кӯмакпулиҳо давра ба давра пешбинӣ карда шудааст. Дар соли 2015 андозаи миёнаи нафақа 210 сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба соли 2014 - 50,26 сомонӣ ё 116,2 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2015 нисбат ба соли 2012 миқдори умумии нафақахӯрон ба 1729 нафар ва ё 8,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

*Шумораи нафақахӯрон аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2010-2015 (нафар)*

| № | намуди нафақа | воҳиди ченак | Шумора ба санаи 1 январ | | | | 2015 нисбат ба соли 2010 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2010 | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2015 | |
| 1 | Шумораи умумии нафақагирон | нафар | 21525 | 22923 | 23106 | | 7,34 |
| 2 | Шумораи пиронсолон | нафар | 14666 | 15376 | 15683 | | 6,93 |
| 3 | Шумораи оилаҳои бесаробонмонда | нафар | 1927 | 2073 | 2187 | | 13,49 |
| 4 | Шумораи нафақахурони машғули кор | нафар | 1468 | 1578 | 1572 | | 7,08 |
| 5 | Шумораи умумии маъюбон | нафар | 4932 | 5474 | 5236 | | 6,16 |
| 6 | Маъюбони модарзод | нафар | 1979 | 2321 | 2181 | | 10,21 |
| 7 | Шумораи кӯдакони маъюб | нафар | 819 | 1239 | 1067 | | 30,28 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи нафақахӯрон сол то сол ру ба афзоиш ниҳода, ин нишондод дар соли 2015 нисбат ба соли 2013 ба 104,2% афзоиш ёфтааст. Дар ноҳия 23 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 26 нафар маъюбони Чернобил ва 5015 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2 ва 3 умр ба сар мебаранд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт таъмини шароити шоистаи зиндагӣ, таъмини маъюбон бо курсӣ-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (асо, узвҳои сунъӣ (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) мебошад.

Дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳаҷми миёнаи нафақа 270,82 сомонӣ, аз ҷумла: аз рӯи пиронсолӣ 252,64 сомонӣ, аз рӯи гум кардани яке аз волидайн 152,23 сомонӣ, аз рӯи маъюбӣ 246,13 сомонӣ ва нафақаи иҷтимоӣ 123,18 сомониро ташкил медиҳад.

Омили асосие, ки ба афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа мунтазам таъсири мусбӣ мерасонад, ин дар асоси рушди иқтисодиёти кишвар ва фароҳам омадани имкониятҳои молиявӣ, ба тасвиб расидани Фармони Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо” ба шумор меравад.

Дар соли 2015 шумораи умумии хонаводаҳое, ки бинобар баланд гардидани тарифҳо барои истифодаи нерӯи барқ ҷубронпӯлӣ гирифтаанд 1275 ададро ташкил дода, нисбат ба соли 2013 ба 0,8 фоиз коҳиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда аз беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолӣ шаҳодат медиҳад.

**Хизматрасонии иҷтимоӣ.** Дар ноҳия шӯъба оиди расонидани кӯмак ба шаҳрвандони пиронсол дар хона, бо шумораи умумии 26 нафар кормандон фаъолият менамояд, ки ба 206 нафар нафақахӯрон ва шахсони яккаву танҳомонда кӯмак мерасонанд. Кормандони мазкур мунтазам 2 маротиба дар як ҳафта ба шахсони солхӯрда, барои иҷрои корҳои хона, харидории маҳсулоти хӯроквориӣ, доруворӣ, шустушӯи либос ва тайёр намудани хӯрок кумак мерасонанд. Аз тарафи кормандони шуъбаи мазкур дар соли 2015 ба 12 нафар маюбон, ятимон, собиқадорони ҷангу меҳнат, оилаҳои бесарпараст ва табақаҳои камбизоати аҳолӣ кӯмакҳои моддӣ расонида шуд.

Мушкилоти асосии имрӯзаи ташкилоти мазкур – норасогии асбобҳои техникӣ (компютер, принтер, ксерокс), таъмин набудан бо нақлиёти хизматӣ ва мебел, инчунин норасогии утоқи корӣ мебошад.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.** Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ дар шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати байналмилалӣ, низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи ноҳия ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он, ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад. Гарчанде, ки дар ноҳия шумораи шаҳрвандони бекори расман ба қайд гирифташуда хеле кам бошад ҳам, бекорӣ яке аз мушкилотҳои ҳалталаби асосии ноҳия ба ҳисоб меравад. Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ дар давоми соли 2015 аз ҷониби шуъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 11387 ҷойҳои нави корӣ (бо назардошти нафарони бо патент ва шаҳодатнома фаъолиятдошта) ташкил карда шуд.

Аз сабаби паст будани сатҳи музди меҳнат дар соҳаҳои буҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, нисфи зиёди ба кор қабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар

минтақаҳои ҷумҳурӣ ба соҳаҳои мухталиф ва корҳои гуногун ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

*Сохтори шумораи миёнасолонаи кормандони кироякор дар соҳаҳо (фоиз)*




Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад тибқи нишондиҳандаҳои дурнамо то соли 2020 ташкил намудани 18500 ҷойи нави корӣ пешбинӣ шудааст.

*Раванди татбиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳия*

| *Номгӯи чорабиниҳо* | *Солҳо* | | | | | | | | *Соли 2015 нисбат ба соли 2012 бо %* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2012* | | *2013* | | *2014* | | *2015* | | |
| | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | |
| *Таъсиси ҷойҳои нави корӣ* | 820 | 847 | 850 | 861 | 1558 | 1560 | 1678 | 1678 | 198,1 |
| *Таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ* | 231 | 264 | 270 | 297 | 270 | 324 | 325 | 436 | 165,1 |
| *Касбомӯзӣ* | 65 | 65 | 100 | 100 | 135 | 135 | 150 | 170 | 2,6 мар |
| *Корҳои ҷамъиятии музднок* | 30 | 49 | 32 | 32 | 32 | 32 | 47 | 47 | 96 |
| *Кӯмакпулӣ барои бекорон* | 21 | 23 | 27 | 32 | 28 | 28 | 29 | 29 | 126 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳо аз рӯи нақшаи дурнамо барзиёд иҷро карда мешавад. Нособаста аз ин, солҳои охир бинобар сабаби суст будани дастгирии молиявӣ, тафриқаи калони музди меҳнат байни кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мушкил гардида истодааст. Аз ин лиҳоз, дар ноҳия ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар асоси он тақвияти раванди коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, мувофиқи мақсад мебошад.

Дар соли 2015 аз ҷониби Агентии мазкур дар маҷмӯъ 959 нафар шаҳрвандон бо кор таъмин гашта, 350 нафар ҷиҳати гирифтани маълумоти касбӣ – техникӣ ҷалб гардиданд. Аз тарафи Агентии номбурда мунтазам намоишҳо-ярмаркаҳои ҷойҳои нави корӣ (асосан корҳои музднoки ҷамъиятӣ) гузаронида мешаванд.

Дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳия барои солҳои 2014-2016" беш аз 350 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергари баркӣ, муҳосиб, компютер, зардӯз, қаннод,

омӯзиши забони русӣ ва ғайра) хатм намудаанд ва пешбинӣ мешавад, ки то соли 2020 боз 410 нафари дигар ба курсҳои мазкур фаро гирифта хоҳанд шуд.

**Сатҳи бекорӣ.** Бо назардошти афзалият ва самтҳои асосии соҳа, яке аз ҳадафҳои стратегии Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда, бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина, коҳиш додани сатҳи бекорӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар назар дошта шудааст. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосие, ки бекорони расман бақайдгирифташуда саривақт ва пурра бо кор таъмин карда намешавад, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдори корфармо вобаста мебошад.

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бекорӣ (бекороне, ки расман дар шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд) гарчанде дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 коҳиш ёфта бошад ҳам, нисбат ба соли 2013 ба 15,1% афзоиш ёфтааст ва сабаби афзоиш ёфтани он, ба қадри кофӣ таъсис нагардидани ҷойҳои нави кории доимӣ мебошад. Дар баробари ин, ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.

*Маълумот оид ба сатҳи бекорӣ.*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳо* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
| Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, нафар. | 19850 | 26299 | 39260 | 41770 | 43669 | 44500 |
| Бекорон (расман қайдшуда), нафар. | 1650 | 1005 | 738 | 685 | 733 | 789 |

Дар соли 2015 аз шумораи умумии бекорони расман ба қайдгирифташуда, танҳо 70,2 фоизи онҳо бо кор таъмин карда шудаанду халос. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон аз шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ (44,5 ҳазор нафар) шумораи бекорон 789 нафарро ташкил медиҳад. Бештари шумораи бекоронро занони хонашин ташкил медиҳанд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад, ки бекорон онро асосан барои рушди соҳибкории хурду миёна истифода менамоянд.

*Қарзҳои бефоизе, ки ба бекорон дода шудааст. (сомони)*

| | *Солҳо* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
| Шумораи гирифтагони қарз, (нафар) | 43 | 57 | 59 | 43 | 64 | 75 |
| Маблағи умумӣ | 110400 | 149700 | 168700 | 139500 | 201500 | 278200 |

Шумораи умумии бекороне, ки дар солҳои 2010-2015 аз қарзҳои бефоизи дар гардишбуда истифода намудаанд 341 нафарро ташкил додааст. Ҳаҷми умумии маблағи дар давоми солҳои 2010-2015 пешниҳодшуда ба 1,048 млн. сомонӣ баробар гардидааст. Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз, ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба аз 40 то 60 нафар ба маблағи беш аз 100 ҳазор сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, вале ин маблағ кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест. Дар ноҳия иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуданд, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи паст намудани сатҳи бекорӣ ҳалли худро хоҳад ёфт. Бо мақсади дастгирии занони бекор ва бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо, дар доираи татбиқи барномаи мазкур, иҷрои чорабиниҳои дахлдор барои

ташкили марказҳои таълимии заргарӣ, кулолгарӣ, қолинбофӣ, адрасбофӣ, чӯбтарошӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ пешбинӣ мегардад.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ то соли 2020, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина, мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Илова ба ин, дар ин самт зарур аст, ки ҳамкории байни корхонаю ташкилотҳои ноҳияи Рӯдакӣ бо Иттифоқҳои касаба ва Ассотсиатсияи соҳибкорони ноҳия, вусъат дода шаванд.

*Мушкилиҳои асосии соҳа.* Рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайрирасмӣ, сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрии касбӣ дар байни ҷавонон, саривақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм мекунанд, сари вақт пешниҳод накардани шумораи ҷойҳои нави корӣ ба шуъбаи Агентӣ аз тарафи корхонаҳо ва коргоҳҳои хурду калони хусусӣ.

**Музди меҳнат**. Дар ноҳияи Рӯдакӣ дар давоми солҳои 2011-2015 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар ноҳия дар соли 2015 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 182 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кишоварзӣ ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, сохтмон ва саноат ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин баъзан хизматчиёни давлатӣ аз сабаби паст будани сатҳи музди меҳнат ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба корҳои тиҷоратӣ ва муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд ё ин ки вазифа ва мансабҳои хизматиро тарк карда, барои дарёфти ҷойи кории музди меҳнаташ нисбатан баландтар ба корхонаҳои сохтмонӣ ва саноатӣ мераванд.

*Фонди музди меҳнати кормандони кироякор дар ноҳияи Рӯдакӣ (ҳазор сомонӣ)*




Музди миёнаи меҳнат дар соли 2015 дар ноҳия 911,65 сомониро ташкил додааст. Аммо фарқияти сатҳи музди меҳнат дар байни кормандони соҳаҳои гуногун мухталиф мебошад: музди меҳнати аз ҳама паст дар соҳаҳои буҷавӣ ва кишоварзӣ вуҷуд дорад.

*Сатҳи музди меҳнат аз рӯи соҳаҳо (бо сомонӣ) дар соли 2015*




**Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Айни замон таҳкими муносибатҳои нав дар робита ба ҷорӣ намудани унсурҳои асосии иқтисоди бозаргонӣ вобаста ба таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва музди меҳнати сазовор хеле муҳим мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар яке аз сарчашмаҳои асосии даромади воқеии аҳолии ноҳия маҳсуб гашта, барои мунтазам баланд гардидани сифати зиндагии мардум мусоидат менамояд.

Мутобиқи маълумотҳои расмии мавҷуда, теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2015 ба 5932 нафар (2257 зан) баробар гаштааст, ки нисбати соли 2014 ба 193 нафар кам мебошад. Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ тайи солҳои 2010-2014 мунтазам афзоиш ёфта, танҳо дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 ба андозаи 3,2 фоиз коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии чунин тамоюли пастравӣ ба бухрони иқтисодии Федератсияи Россия иртибот дорад. Дар ин самт, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ноҳия (корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи гуногуни бинокорӣ, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворию дӯзандагӣ ва ғайра) имкон дод, ки дар соли 2015 зиёда аз 5000 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кори доимӣ таъмин гарданд.

Бинобар идомаи таъсири бухрони иқтисодӣ дар Федератсияи Россия, пешбинӣ мегардад, ки ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз ин кишвар минбаъд низ (нисбат ба соли 2015 тақрибан аз 33% то 53% кам мешавад) коҳиш меёбад ва ин раванд ба рушди иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, тибқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ дар давоми ду-се соли оянда шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба Россия бо назардошти ба тасвиб расидани як қатор қонунҳои федералӣ ҷиҳати пурзӯр намудани масъулият барои риоя накардани қонунгузории амалкунандаи муҳоҷиратии Федератсияи Россия, таъсири манфии бухрони иқтисодии дар натиҷаи таҳримҳои (санксияҳо) нисбати кишвари Россия бамаломада, паст рафтани қурби рубли русӣ, баланд гардидани арзиши патенту иҷозатнома барои кор, сертификат оид ба касалиҳои ВИЧ инфексия, арзиши полиси суғуртаи тиббӣ ва сертификат доир ба донистани забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия, коҳиш меёбад.

*Тамоюли муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар давоми солҳои 2010-2015 (нафар)*




Муҳоҷирони меҳнатӣ барои кор асосан ба кишварҳои Руссия, Қазоқистон ва Қирғизистон сафар намуда, дар он ҷо бештар дар соҳаҳои сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ ба кор машғуланд.

Интиқоли маблағҳои (трансфертҳои) муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди фаъолияти бонкӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ, рушди соҳаи сохтмон (бунёди манзил ва иншооти гуногуни савдою хизматрасонӣ), пардохти андозҳо ва дастрасӣ ёфтан ба хизматрасониҳои сифатноки бахши иҷтимоӣ дар маҳал нақши муҳимро мебозад. Тибқи маълумоти расмӣ, соли 2015 аҳолии маҳаллӣ аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ 124,7 миллион доллари ИМА (ё тақрибан 960 млн.сомонӣ) маблағ ба даст овардааст, ки он нисбат ба соли 2013 – 36,9 миллион доллари ИМА кам мебошад.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | с.2015 ҳисобот | с.2016 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2016 бо % нисбат ба с. 2015 | с. 2017 | с. 2018 | с. 2019 | с. 2020 |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳама гуна шаклҳои фаъолият - ҳамагӣ, (ҷои корӣ) аз он ҷумла: | 4100 | 4690 | 101,1 | 6800 | 7952 | 8110 | 9274 |
| Сохтмони нав | 267 | 50 | 110,0 | 80 | 144 | 190 | 250 |
| Таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда | 1556 | 1628 | 101,3 | 1660 | 1690 | 1724 | 1758 |
| -барқарорсозии иқтидори корхонаҳои аз кор баромада | - | 32 | 112,5 | 50 | 68 | 76 | 85 |
| -корҳои фардӣ | 4277 | 1980 | 100,5 | 2010 | 2050 | 2091 | 2133 |

## 3.4. Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ

Соҳаи фарҳанги ноҳияи Рӯдакӣ таърихии тӯлонӣ ва тамаддуни ғанӣ дорад.

Ҳадафи асосии рушди соҳаи фарҳанг – беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои фарҳангӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба он мебошад.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ 30 клуб, 37 китобхонаҳои оммавӣ, осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, мактаби санъати бачагонаи ба номи М.Ашрафӣ ва театри халқӣ фаъолият доранд, ки дар онҳо 127 нафар мутахассисони соҳаи фарҳанг машғул мебошанд. Аз онҳо 35 нафарашон маълумоти олӣ доранд.

Мактаби мусиқии бачагонаи ноҳия, ҷиҳати фарогирии бачагону наврасон ба маҳфилҳои санъати мусиқӣ, рассомӣ, бахши театрӣ, санъати тасвирӣ ва ғайра

фаъолият менамояд. Коллективи мактаби мазкур аз 28 нафар иборат буда, аз онҳо 20 нафар дорои маълумоти олӣ ва 8 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд. Айни ҳол шумораи хонандагони мактаби мазкур 150 нафар мебошад, аз ҷумла 70 нафар дар шӯъбаи мусиқӣ, 30 нафар дар шӯъбаи театрӣ, 20 нафар дар шӯъбаи рассомӣ, 150 нафар дар шӯъбаи кулолгарӣ ва 15 нафар дар шӯъбаи рақс таҳсил менамоянд. Дар мактаби санъати бачагона хонандагон аз рӯи равия ва ҳунарҳои фортопиано, рубоб, ғиҷҷак, танбӯр, дутор, дойра, рассомӣ ва рақсҳои миллӣ таълим мегиранд.

Ҳамзамон дар ноҳия Қасри фарҳангӣ ба номи К. Қурбонов фаъолият дорад, ки дар он маҳфилҳои адабӣ, вохӯриҳо, сӯҳбатҳо, консертҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ баргузор гардида, барои пешрафти фарҳанги ҷомеа мусоидат менамояд. Дар назди Қасри фарҳанг театри халқӣ низ, арзи вуҷуд дорад, ки он аз соли 1958 то инҷониб фаъолият менамояд. Дар тӯли ин солҳо ҳунармандони театри халқӣ як қатор намоишномаҳои хурду бузургро пешкаши тамошобинони ноҳия ва ҷумҳурӣ гардонидаанд.

Инчунин дар ноҳия ансамблҳои оилавии «Бобои Набот» ва ансамбли оилавии «Қурбоновҳо» низ фаъолият доранд, ки ин ансамблҳо дар кулли чорабиниҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ бо барномаҳои рангоранги фарҳангӣ-фароғатӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳия ягона макони фарҳангиву бостоншиносӣ дар ноҳия ба ҳисоб рафта, дар он 2 нафар мутахассисон кор ва фаъолият менамоянд. Онҳо барои ғанӣ гардонидани нигораҳои осорхона ва омӯзиши таърихи ноҳия саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Нақши китобхонаҳо дар ҷомеаи мо ҳамчун маркази фароҳамоварӣ, нигоҳдорӣ ва тарғиби донишҳои инсонӣ беш аз пеш меафзояд.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ як китобхонаи марказӣ, як китобхонаи бачагона ва 35 китобхона-филиалҳо фаъолият доранд. Дар ин муассисаҳо 54 нафар мутахассисон кору фаъолият менамоянд, аз ҷумла 6 нафар бо маълумоти олӣ, 38 нафар бо маълумоти миёнаи махсус, 10 нафар бо маълумоти миёна фаъолият доранд.

Дар фонди захиравии китобхонаҳо 29730 нусха китоб мавҷуд буда, ҳар сол зиёда аз 31 ҳазор хонандагони доимӣ ва аъзоёни китобхонаҳо аз онҳо истифода мебаранд.

Дар баробари ба хонандагони китобхона пешниҳод ва дастрас намудани хизматрасониҳои зарурӣ, дар асоси нақша чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла конфронси хонандагон, викторинаҳо, намоишҳои китоб, хулосаҳои библиографӣ, лавҳаҳои китобхонавӣ бахшида ба рӯзи «Рӯдакӣ» зодрӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, рӯзи «Китоб», рӯзи «Забон», «Ҳафтаи китоби кӯдакон ва наврасон» ва дигар чорабиниҳо омода гардида, дар сатҳи баланди касбӣ манзури хонандагон гардонида мешаванд.

Истифодабарии самарабахш ва пурра намудани захираи китобӣ нисбати солҳои гузашта беҳтар гашта бошад, ҳам мутаасифона талаботи сершумори хонандагон оиди китобҳои тозанашри соҳавиро қонеъ намегардонад ва боиси паст гаштани давомоти хониш мегардад. Дар китобхонаҳо оиди нигоҳдорӣ ва тарғиби захираи китобӣ корҳои муайян иҷро шуда истодаанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар фаъолияти муассисаҳои фарҳангии ноҳия баъзе камбудӣ ва норасогиҳо ҷой доранд. Аз ҷумла: заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳанг дар солҳои охир хеле коста гашта, ба техникаю таҷҳизоти нав ва асбобу анҷом ниёз доранд. Бинои аксарияи муассисаҳои фарҳанг фарсуда гашта, аз набудани шароити мусоид дар биноҳои дигар ташкилоту муассисаҳо ҷойгир шудаанд ва шароиташон ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд.

*Мушкилиҳои соҳаи фарҳанги ноҳияи Рӯдакӣ*

| р/т | **Мушкилотҳо** | **Муассисаи фарҳангӣ** |
|---|---|---|
| 1. | Зарурият ба таъмири асосӣ ва мизу курсиҳо | Қасри фарҳанг, хонаҳои маданият, китобхона ва клубҳои деҳот |
| 2. | Эҳтиёҷ доштан ба таҷҳизоти муосир ва асбобу анҷоми техникӣ ва корӣ | Муассисаҳои клубӣ, китобхонаи деҳот ва китобхонаи марказӣ |
| 3. | Зарурияти таъминот бо асбобҳои мусиқии миллӣ ва кушодани синфхонаҳои компютерӣ | Мактаби санъати бачагона |

| | | |
|---|---|---|
| 4. | Нокифоягии адабиётҳои нав, рафҳои китобмонӣ, мебелу мизу курсиҳо, ҷевон, қуттиҳои феҳристӣ | Китобхонаи марказӣ, китобхонаи бачагона ва филиалҳои онҳо дар ҷамоатҳои деҳот |
| 5. | Зарурияти таъмин намудан бо асбобҳои мусиқии миллӣ | Қасри фарҳанг, хонаҳои маданият, ва клубҳои деҳот |
| 6. | Таъмин намудан бо асбобҳои барқӣ ва техникӣ аз қабили баландгӯякҳои замонавӣ | Қасри фарҳанг, хонаҳои маданият, китобхона ва клубҳои деҳот |
| 7. | Кушодани студияи сабти овоз дар назди шӯъбаи фарҳанг | Шӯъбаи фарҳанг |
| 8. | Таъмин намудан бо компютерҳо ва техникаҳои замонавӣ: сканер, таҷҳизоти нусхабардорӣ ва аксбардорӣ. | Қасри фарҳанг, китобхона марказӣ ва бачагона |
| 9. | Таъмин намудани клубҳои сайёр бо нақлиёт, муҷаҳазгардонии заминаи моддӣ-техникии онҳо | Шӯъбаи фарҳанг |
| 10. | Ҷалб намудани мутахассисони ҷавон бо минтақаи худ ва ҳавасмандгардонии онҳо | Шӯъбаи фарҳанг |

**Сайёҳӣ.** Сайёҳӣ дар ноҳия яке аз соҳаҳои афзалиятнок буда, дарояндаи наздик ба соҳаи сердаромад табдил хоҳад ёфт. Мавзеи мусоиди ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ландшафти зебо, табиати дилпазир, дар наздикии пойтахти ҷумҳурӣ ҷойгир шудани ноҳия, аз ҳудуди ноҳия гузаштани дарёи Кофарниҳон ва шоҳроҳҳои автомобилгард, мавҷудияти инфрасохтори аввалиндараҷаи сайёҳӣ, аз ҷумла: осорхонаи ноҳиявӣ, майдонҳои варзишӣ, боғи истироҳатӣ, тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳои замонавӣ метавонад дар рушди минбаъдаи ноҳияи Рӯдакӣ ҳамчун минтақаи сайёҳӣ мусоидат намояд. Зимнан, рушди соҳаи сайёҳӣ барои паст кардани сатҳи бекорӣ замина гузошта имкониятҳои муфидро фароҳам меоварад ва барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ тариқи пардохти андозҳо мусоидат хоҳад кард.

Дар доираи татбиқи Барномаи рушди ноҳия ба анҷом расонидани як қатор чорабиниҳо ҷиҳати рушди сайёҳӣ, аз ҷумла беҳтар намудани инфрасохтори сайёҳӣ, бунёди меҳмонхонаҳои муосири хуштарҳ ва фароғатгоҳу осоишгоҳҳо дар минтақаҳои зебою дилпазир, ободонии мавзеъҳои дамгирӣ, баргузор намудани форуми сармоягузорӣ, конфронси сайёҳию сармоягузорӣ таҳти унвони «Марҳамат ба ноҳияи Рӯдакӣ», таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба бунёд ва беҳсозии инфрасохтори сайёҳӣ, истеҳсол ва пахши маводҳои таблиғотӣ-иттилоотӣ оид ба мавзеҳои тамошобоби ноҳия, таҳия ва паҳн намудани DVD роликҳои сайёҳӣ дар миёни сайёҳони хориҷию дохилӣ, таҳия, нашр ва тавсеаи роҳнамоҳо, нақшаҳои хатсайрҳо, маҷаллаҳо, харитаҳо ва маълумотномаҳои сайёҳӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ ва ғайраҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар баробари ин, барои рушди туризми куҳӣ, велотурҳо, рафтинг ва мотокросс дар ноҳия имконоти хеле зиёд мавҷуд мебошад ва дар доираи барнома истифодаи самараноки онҳо пешбинӣ мегардад.

**Ҷавонон ва варзиш.** Шумораи умумии ҷавонони ноҳияи Рӯдакӣ зиёда аз 158 ҳазор нафар буда, 34,2 фоизи шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳанд. Ин нерӯи бузургест, ки бояд ба раванди созандагию бунёдкорӣ ба хотири ободии Ватан, сарсабзию инкишофи сарзамини аҷдодӣ, нигоҳдорӣ ва афзун гардонидани мероси таъриxиву арзишҳои фарҳангӣ мутобиқ гардонида шуда, ҷомеаро пеш барад.

Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи Барномаи рушди ноҳия ва барномаҳои рушди варзиш дар ноҳия нақшаи чорабиниҳои рушди соҳа мушаххасан тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо дар назар дошта шудааст. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва «Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», Барномаҳои давлатии «Рушди ҷавонони ноҳияи Рӯдакӣ», «Тарбияи ватанпарастии ҷавонони ноҳияи Рӯдакӣ», «Барномаи рушди саломатии ҷавонони ноҳияи Рӯдакӣ» ва «Рушди маҷмӯии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» дар ноҳияи Рӯдакӣ қабул гардида, марҳила ба марҳила амалӣ гашта истодааст.

Татбиқи бо сифати барномаҳои дар боло зикргардида, нишон медиҳанд, ки номуташаккилии ҷавонон сол то сол коҳиш ёфта, ҷиноятҳои вазнин аз қабили нашъамандиву нашъаҷаллобӣ, ғоратгариву одамкушӣ, худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ миёни ҷавонони ноҳияи Рӯдакӣ аз байн рафтааст.

Сафи ихтиёриён ба хизмати ҳарбӣ бештар гашта, нақшаи даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз мӯҳлати муқарраргардида ба сомон расонида мешавад. Сафи варзишгарони касбии ноҳия зиёд гашта, ҷавонону наврасони ноҳия дар толорҳои мавҷудаи варзишӣ машқ намуда, ба онҳо мураббиёни варзиш, устодони варзиши дараҷаи байналмилалӣ ва устодони варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон таълим медиҳанд.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда айни замон дар ноҳия 69 толори варзишӣ, 108 майдончаҳои футбол, 118 майдончаҳои волейбол, 75 майдончаҳои баскетбол, 17 майдончаҳои гимнастикӣ, 10 марказҳои обутоби бадан (фитнес), 4 варзишгоҳ, 1 ҳавзи шиноварӣ ва 36 толорҳои гуногуни варзишӣ арзи вуҷуд доранд. Ғайр аз ин, 2 мактаби варзишии кӯдакон ва наврасон ва Клуби варзишии «Ориёно» фаъолият дорад, ки дар онҳо 1000 нафар ҷавонону наврасон ба варзиш машғуланд. Таи солҳои охир дар ноҳия беш аз 16 толорҳои варзишии замонавӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Бо вуҷуди ин баъзе иншоотҳои варзишии ноҳия, махсусан дар ҳудуди ҷамоатҳо ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуда ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Бо назардошти мунтазам афзоиш ёфтани шумораи табиии аҳолӣ, инфрасохтори варзишии дар ноҳия мавҷудбуда нокифоя буда, бунёди муассисаҳои варзишӣ ва иншоотҳои навро тақозо менамояд. Дар ҷамоатҳои деҳот норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ, аз ҷумла майдончаҳои футбол, волейбол ва баскетболу тенис, норасогии тоҷҳизоту лавозимоти варзишӣ, инчунин таҷҳизотҳои машқи бадан ба мушоҳида мерасад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои рушди варзиш зиёда аз 380 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла дар соли 2011 дар ҳаҷми 24,5 ҳазор сомонӣ, дар соли 2012 дар ҳаҷми 38,6 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 дар ҳаҷми 64,8 ҳазор сомонӣ, дар соли 2014 дар ҳаҷми 98,4 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2015 бошад дар ҳаҷми 153,7 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст.

*Маблағгузории соҳаи варзиш аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, ҳазор сомонӣ.*




Аз моҳи марти соли 2007 тими футбол «Рангон газ» таъсис ёфт ва бо ҳамин ном то моҳи ноябри соли 2010 дар чемпионати ҷумҳуриявӣ байни тимҳои 1-ум баромад намудааст. Айни замон дастаи футболи «Кӯктош-Рӯдакӣ» дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ байни тимҳои лигаи 1-ум баромад менамояд.

*Иштироки варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо дар солҳои 2010-2015*

| №. | Солҳо | Ҷумҳуриявӣ | Байналмилалӣ | Ҷаҳонӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 16 | 3 | - | **19** |
| 2 | 2011 | 20 | 1 | - | **21** |
| 3 | 2012 | 37 | - | - | **37** |
| 4 | 2013 | 49 | 6 | - | **55** |
| 5 | 2014 | 26 | 8 | 1 | **37** |
| 6 | 2015 | 31 | 9 | | **40** |
| | Ҳамагӣ | | | | **209** |

Қайд кардан ба маврид сат, ки дастпарварони макабҳои варзишии ноҳия оид ба намудҳои гуштини «Дзюдо» ва «Самбо» дар мусобиқаҳои Ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок мекунанд. Хусусан бародарон Рустам ва Расул Боқиевҳо, Неъматулло Арслонкулов, Лутфулло Розиқов, Нурулло Негматов, Каъбатулло Аминов аъзои дастаи якачини ҷумҳурӣ мебошанд.

Расул Боқиев, чемпиони бисёркаратаи мусобиқаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гуштини миллӣ ва дзюдо буда, инчунин ҷоизадори чандин мусобиқаҳои байналмилалӣ аз ин намуди варзиш гаштааст. Боиси ифтихор аст, ки номбурда дар бозиҳои тобистонаи Олимпии «Пекин-2008» ҷои 3-юмро аз намуди гуштини «Дзюдо» дар вазни 73 кг. ишғол намуда, сазовори медали биринҷии Олимпиада гардид.

*Ҷоизаҳои дар мусобиқаҳо ба дастовардаи варзишгарони ноҳия*

| №. | Солҳо | Медали тилло | Медали нуқра | Медали биринҷӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 1 | 8 | 10 | 19 |
| 2 | 2011 | 2 | 5 | 14 | 21 |
| 3 | 2012 | 7 | 12 | 18 | 37 |
| 4 | 2013 | 12 | 11 | 32 | 55 |
| 5 | 2014 | 8 | 9 | 19 | 36 |
| 6 | 2015 | 10 | 14 | 34 | 58 |

**Баробарии гендерӣ**.

Ноил шудан ба баробарии гендерӣ яке аз Ҳадафҳои рушди устувор арзёбӣ гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ноил гардидан ба вазифаҳои гузошташуда дар доираи барномаҳои дарозмӯҳлату миёнамӯҳлат тамоми чорабинҳоро пешбинӣ намудааст. Пешбурди баробарии гендерӣ ва додани ваколатҳо ба занон, паст кардани сатҳи фавти кӯдакону модарон ҳадафи асосӣ дар ин бахш мебошад. Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» низ ба масъалаҳои баробарии гендерӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир гардидааст.

**Ҳадафи асосӣ** – беҳтар намудани таъминоти баробарии гендерӣ ва ҷалби бештари занон ба вазифаҳои роҳбарикунанда мебошад.

**Вазифаҳо**

- таҳкиму тақвияти ширкати занон дар бахши ҳокимияти давлатӣ, идора ва тарбияи занони сарвар;
- баланд бардоштани савияи дониш ва маълумотнокии занону духтарон ва кӯмак расонидан ба оилаҳои қурбониёни зӯроварӣ;
- пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои худкушии занон;
- дарёфти сарчашмаҳои иловагии маблағгузорӣ барои таъмини иҷрои чорабиниҳои баробарии гендерӣ;
- пешгирии бемории ВИЧ- СПИД дар байни ҷомеа.

**Таҳлили ҳолати мавҷуда.** Дар соли 2015 аз шумораи умумии аҳолии ноҳияи Рӯдакӣ 50,6 фоизро мардҳо ва 49,4 фоизро занҳо ташкил намудаанд. Дар ноҳия 89,0 фоизи аҳолӣ дар деҳот ва 11,0 фоизи он дар шаҳрак истиқомат менамоянд.

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ дар соли 2015 аз 64 нафар шумораи умумии кормандон, 9 нафарашон занҳо мебошанд. Дар Маҷлиси вакилони ноҳияи Рӯдакӣ бошад 11 нафар занон фаъолият менамоянд, ки нисбат ба соли 2013 – 5 нафар зиёд мебошанд. Инчунин дар ҷамоату шаҳракҳои деҳоти ноҳия 436 вакил фаъолият менамоянд, ки аз инҳо 110 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд. Аз ҷиҳати ташкили захираҳои кадрӣ аз ҳисоби занону духтарон барои таъин ба мансабҳои роҳбарикунанда дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 8 нафар зан дар захираи кадрӣ қарор дошта ва 38 нафар занони хизматчии давлатӣ мебошанд.

Шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар ноҳияи Рӯдакӣ дар соли 2015 240,2 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 88,7 ҳазор нафарашон занҳо мебошанд.

*Ҳиссаи занони қобили меҳнат дар соҳаҳои мухталифи ноҳия*




Бо назардошти он, ки шумораи муҳоҷирон тағйир меёбад ва аслан ба муҳоҷират мардон сафарбар мегарданд, дар ноҳия нишондиҳандаҳои гендерӣ метавонад тағйир ёбад. Тибқи маълумотҳои мавҷуда айни ҳол 5932 нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд ва аз ин шумора 2257 нафарашон занҳо мебошанд. Дар ноҳия шумораи мардони муҳоҷир дар соли 2015 нисбат ба соли 2013 - 417 нафар кам шудааст, аммо шумораи занҳои муҳоҷир бошад 353 адад зиёд шудааст.

Масъалаҳои гендерӣ хусусияти байнисоҳавӣ ва гуногунҷабҳавӣ дорад. Масъалаи таъмини дастрасии баробари писарон ва духтарон ба таҳсилоти ибтидоӣ ва умумӣ, тадбирҳо оид ба дастрасии баробар ба хизматрасонии тиббӣ, дастрасии занон ба замин ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошад.

*Шумораи занҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ, (нафар)*

| *Соҳаҳо* | *Соли 2013* | *Соли 2014* | *Соли 2015* |
|---|---|---|---|
| Маориф | 1982 | 2207 | 2207 |
| Тандурустӣ | 1052 | 1080 | 1093 |
| Кишоварзӣ | 189 | 225 | 235 |
| Фарҳанг | 81 | 84 | 93 |
| Савдо | 750 | 900 | 901 |

Занон бештар дар соҳаҳои маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ ва савдо кору фаъолият мекунанд. Сабабҳои асосии камшавии шумораи занон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳияи Рӯдакӣ ин пеш аз ҳама ба паст будани музди меҳнат ва кам будани ҳавасмандгардонии моддию маънавии онҳо алоқамандӣ дорад.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта дар соли 2015 аз ҷониби Раёсати агентии давлатии шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ҳамкорӣ бо бахши кор бо занон ва оилаи ноҳияи Рӯдакӣ 4 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ ташкил ва

гузаронида шуд, ки дар он 3500 ҳазор нафар иштирок намуда, 400 нафар бо ҷои кор таъмин гардидаанд, ки аз ин 27% занҳо мебошанд.

***Масъалаҳои гендерӣ дар соҳаи маориф.*** Самти афзалиятнок барои баробарии гендерӣ дар соҳаи маориф ин пурра ба таҳсил фаро гирифтани духтарон ба ҳисоб меравад. Мувофиқи натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоию иқтисодие, ки дар он масъалаи ба мактаб нарафтани духтарон мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст ҳиссаи ками оилаҳое, ки духтаронашон ба мактаб намераванд ба ноҳияи Рӯдакӣ рост меояд ва ин нишондиҳанда 2 фоизро ташкил медиҳад.

Аз шумораи умумии хонандагон дар тамоми мактабҳои миёнаи ноҳияи Рӯдакӣ 46,8 фоизашон духтарон мебошанд. Таи солҳои охир тафовути гендерӣ ва алалхусус соли 2015 дар мактабҳои шаҳраку деҳот шумораи духтароне, ки мактабро тарк кардаанд, аз шумораи писарон зиёд гаштааст. Аксари хонандагон, махсусан духтарон баъд аз хатми синфи 9 дигар ба таҳсил фаро гирифта намешавад, ки ин яке аз мушкилоти асосии соҳа ба ҳисоб меравад.

Сабаби эҳтимолии таҳсилро идома надодани хонандагон баъд аз синфи 9 рафтани онҳо ба: муҳоҷирати меҳнатӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзгорӣ, тиббӣ ва аз ҳудуди ноҳия ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ кӯчидани оилаҳои онҳо аст. Инчунин маҳдудияти имкониятҳои молиявии хонаводаҳо барои таъмин намудан хонандагон бо сару либос ва таҷҳизоти мактабӣ низ, сабабҳои мактабро идома надодани онҳо мебошад. Дар масофаи дур ҷойгир шудани мактабҳои миёна ба фарогирии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад ва аксар вақт волидайн садди роҳи онҳо (бахусус духтарон) мешаванд. Барои ҷалби духтарон ба таълим ва касбомӯзӣ, дар як қатор мактабҳои ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Рӯдакӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шудааст. Дар 105 мактаб мизҳои мудаввар зери унвони «Тарзи ҳаёти солим - ояндаи миллати солим», «Зан-сарвар», «Танзими оила - рушди устувори ҷомеа», «Зан-Омӯзгор», «Беҳтарин суруди «Алла»», «Идомаи таҳсили духтарон дар мактабҳои олӣ», «Ҳунар омӯз то дар намонӣ» гузаронида шуд ва дар натиҷа 4500 ҳазор нафар духтарон барои давом додани таҳсилашон ташвиқу тарғиб шуданд.

Дар соли 2015 бошад 361 нафар духтарони ноҳия ба курсҳои касбомӯзӣ - дӯзандагӣ, пазандагӣ ва курсҳои компютерӣ ҷалб шудаанд.

***Дастрасии баробар ба хизматрасонии тиббӣ.*** Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соҳаи тандурустии ноҳияи Рӯдакӣ 1107 нафар кору фаъолият мекунад, ки 72 фоизи онҳо занҳо буда, аз ин шумора 9 нафар занҳо дар мақоми роҳбарикунанда фаъолият менамоянд. Бо дастгирии Мақомоти иҷроия дар назди Беморхонаи марказии ноҳия курсҳои ҳамшираи шафқат ташкил карда шуд, ки дар он ҳамасола 32 нафар духтарон хонда, соҳиби касб мегарданд.

Дар соли 2015 дар ноҳия шумораи таваллуд 13608 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2013 ба 21,4 фоиз зиёд шудааст.

Мушкилоте, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин сол то сол зиёд шудани шумораи таваллуд дар хона, ки сабаби асосии ин ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ дастрас набудани хизматрасонии тиббӣ мебошад. Феълан ин омили асосиест, ки боиси сар задани бемориҳои гуногун дар байни занон гардидааст. Масалан, дар соли 2015 шумораи беморони мубталои камхунӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ 343 нафарро ташкил дод, шумораи бемориҳои сил бошад ба 4,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Шумораи беморони гирифтори ВИЧ/СПИД дар соли 2015 дар маҷмӯъ153 нафарро ташкил додааст ва 91 нафарашон занҳо мебошанд. Бо мақсади бартараф намудани ин мушкилот дар ноҳия Маркази СПИД фаъолият менамояд, ки якҷоя бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва «Хонаи Боварӣ» дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинару машваратҳо мегузаронад, ки дар он зиёда аз 500 нафар иштирок намуданд. Инчунин ба воситаи телевизион вобаста ба пешгирии СПИД ва нашъамандӣ филмҳо намоиш дода шуданд. Дар соли 2015 шумораи умумии нафарони гирифтори бемории нашъамандандӣ 109 нафарро ташкил дод ва аз ин 4 нафарашон зан мебошад. Мушкилоти асосӣ дар ин самт набудани маблағ ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар сатҳи маҳаллӣ мебошад.

Мушкилоти дигаре, ки имрӯз аҳолиро ба ташвиш овардааст, сол аз сол зиёд шудани шумораи ҳодисаҳои худкушӣ ва ё сӯиқасд ба ҷони худ, махсусан аз ҷониби занон мебошад. Ин нишондод дар соли 2015 – 7 нафарро ташкил дода, аз ин 3 ҳолаташ худкушӣ мебошад. Сабаби асосии худкушии занон, сатҳи пасти шароити иҷтимоӣ, мунокишаҳои оилавӣ, дағалона поймол намудани ҳуқуқу манфиатҳои занҳо ва ҳамагуна зӯроварии оилавӣ аз ҷониби мардон ва хушдоманҳо мебошанд.

Бо мақсади бартараф намудани чунин камбудиҳо дар доираи барнома зарур аст, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ва дигар масъулини соҳа ҷиҳати таъмини баробарии гендерӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

***Таъмини дастрасии занон ба замин.*** Дар аксарияти деҳаҳои ноҳияи Рӯдакӣ мушкилоти дастрасии нокифояи занон ба замин вуҷуд дорад ва ин боиси камбизоатии онҳо ва коҳиши саҳми занон дар рушди соҳаи кишоварзӣ мегардад.

Мувофиқи Кодекси замин, Қонуни меҳнат ва санадҳои дигари қонунгузорӣ, ба занон дастёбии баробар ҷиҳати баҳрабардорӣ аз замину фаъолияти иқтисодӣ кафолат дода мешавад. Дар ҳақиқат, сарварии бештари хоҷагиҳои деҳқониро мардон ба ӯҳда доранд. Соли 2015 шумораи сарварони хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ дар ноҳия 3312 нафарро ташкил додааст, ки аз ин шумора 247 нафар занони роҳбар мебошанд. Сарвари хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ бошад 14 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 2 нафарашон зан мебошад.

Бо мақсади таъмини баробарии гендерӣ Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» қабул гардида, самтҳои асосии сиёсати гендерӣ муайян карда шудааст.

Ҷиҳати мусоидат намудан ба таъмини баробарии гендерӣ ва дастгирии занон ва духтарони хонанишин ва камбизоат, дар назди Маркази эҷодиёти кӯдакон ва наврасони ноҳия Иттиҳодияи ҷамъиятии «Олами кӯдакон» фаъолият менамояд. Ташкилоти мазкур курсҳои омӯзишӣ, аз қабили касбу ҳунари қаннодӣ, ошпазӣ, дӯзандагӣ ва омӯзиши забонҳои форсӣ, русӣ, англисӣ, чинӣ ва технологияи компютериро ба роҳ монда, бо дастгирии сарпарастон, барои занон ва духтарони хонанишин ва камбизоат тамоми имкониятҳоро муҳайё кардааст. Дар давоми 4 соли охир курсҳои дузандагиро 540 нафар, қаннодиро 420 нафар ва курсҳои забономӯзӣ ва технологияи компютериро 120 нафар хатм карда, соҳиби сертификат ва ҷои кор гардидаанд.

**Мушкилотҳои асосӣ дар самти таъмини баробарии гендерӣ:**

- Афзоиши шумораи ҳодисаҳои ба худкуши даст задании занон ва нокифоя будани чорабиниҳои ташвиқоти тарғиботи оид ба пешгирии он;
- дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳо набудани марказҳои буҳронӣ, гурӯҳи пуштибонӣ ҷиҳати дастгирии қурбониёни зӯроварӣ;
- заминаи сусти сиёсати гендерӣ дар сатҳи маҳаллӣ;
- набудани барномаҳои махсуси омӯзишӣ оид ба баробарии гендерӣ дар мактабу коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо ва ҷамоатҳо;
- кам будани курсҳои омӯзишӣ оид ба касбомӯзии занону духтарон;
- набудани телефони боварӣ ҷиҳати расонидани ёрӣ ба занони қурбони зӯроварӣ ва дигар шиканҷаҳо;
- кам пешбарӣ гардидани занон ба вазифаҳои роҳбарикунанда;
- маблағгузории нокифоя барои амалӣ намудани барномаҳои мавҷуда;
- афзоиши бемории ВИЧ-СПИД дар байни занон аз оилаҳои муҳоҷир;
- паст будани дониши ҳуқуқии занон;
- ҷудошавии оилаҳои ҷавон;
- набудани курсҳои омӯзиши оид ба баланд бардоштани малакаи сарварӣ ва роҳбарӣ дар байни духтарон ва ҷавонон.

## БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

### 4.1. Обтаъминкунӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ

**Таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ**. Яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи ноҳия дар панҷ соли оянда - таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва беҳсозии сатҳи дастрасӣ ба оби ошомидании хушсифат мебошад. Дар ноҳия Корхонаи давлатии фаръии «Обтаъминкунӣ ва канализатсия»-и ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият менамояд, ки аҳолии ҳудуди шаҳраки Сомониёнро бо оби нӯшокӣ таъмин менамояд. Қисме аз сокинони ҷамоати деҳоти Чоргултеппа низ, аз қубурҳои обгузари ба шаҳрак таалуқдошта бо об таъмин карда мешаванд.

Манбаи обтаъминкунии аҳолии шаҳраки Сомониён 2 пойгоҳи обкашии зеризаминии деҳаи Кӯктош ва деҳаи Қарякамари ҷамоати Чоргултеппа мебошад. Шабакаҳои обрасонии шаҳраки Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ дар натиҷаи истифодаи тӯлонӣ 82 фоиз кӯҳнаву фарсуда гаштааст. Аҳолии шаҳраки Навобод бошад аз ҳисоби пойгоҳҳои дар ҳудуди худи шаҳрак мавҷудбуда бо оби нӯшокӣ таъмин мегардад. Пойгоҳҳои обкашии ноҳия дар як шабонарӯз 37000$м^3$-ро интиқол медиҳанд.

Дар ноҳия 61,4 фоизи аҳолӣ аз оби нӯшокӣ таъмин буда, 39,6 фоизи дигар ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Аз шумораи умумии аҳолӣ 49,6% тавассути қубурҳои обгузар, 17,5% аз чашмаҳо, 13,8% аз ҳавз ва ҷӯйборҳо ва 19,1% аз чоҳҳои амудӣ оби нӯшокиро истеъмол мекунанд.

***Ҳадафи асосии соҳа дар панҷ соли оянда - беҳтар намудани шароити таъминоти 69% аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ мутобиқи меъёрҳои санитарӣ ва таъмини дастрасии 45% муштариён ба канализатсия мебошад.***

*Барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда дар давоми солҳои 2016-2020 иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:*

- *Ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунии дар соҳаи обтаъминкунӣ;*
- *Беҳтар намудани сифати оби нӯшокӣ ва паст намудани сатҳи касалиҳои сирояткунанда;*
- *Таҷдид ва барқарорсозии шабакаҳои нави обтаъминкунӣ дар ноҳия;*
- *Кам намудани талафоти об тавассути васл намудани обченкунакҳо,*
- *Сохтмону барқарорсозии иншоотҳои ташноб;*

*Ҳалли вазифаҳои гузошташуда тариқи андешидани тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:*

- *Бунёд намудани хатти баландфишори оби тозаи нӯшокӣ ба маҳаллаҳои нави аҳолинишин;*
- *Сохтмон ва ба истифода супоридани шабакаҳо ва иншоотҳои нави таъминоти оби нӯшокӣ;*
- *Пурқувват намудани заминаи моддию техникии КДФ «Обтаъминкунӣ ва канализатсия;*
- *Таъмиру барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунӣ, таъмири чоҳҳо ва қубурҳои мавҷуда дар ҷамоатҳои ноҳия;*
- *Иҷрои корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ оиди истифодаи оқилона ва самараноки оби нӯшокӣ;*
- *Ҳалли масъалаҳои дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ ва канализатсия.*
- *Барқарорсозии пойгоҳҳои насосӣ ва иншоотҳои обтозакунии ноҳия;*
- *Таҷдид ва барқарорсозии шабакаи гармидиҳии дегхонаҳои ҳудуди ноҳия.*
- *Беҳтар намудани заминаи моддию техникӣ тавассути навсозии воситаҳои техникии КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»*

*Маълумот оид ба дастрасии аҳолии ноҳия ба оби тозаи нӯшокӣ, нафар*

| Номгӯи ҷамоатҳо | *Аҳолӣ (нафар)* | *Аҳолии ба оби нӯшокӣ дастрасӣ дошта* | *Бо фоиз, %* | *Аҳолии ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надошта* | *Бо фоиз,%* |
|---|---|---|---|---|---|
| ҷ/ш Сомониён | 23200 | 12505 | *53,9* | *10695* | *46,1* |
| ҷ/ш Навобод | 9356 | | | - | - |
| ҷ/ш М.Турсунзода | 18353 | 8718 | 47,5 | 9635 | 52,5 |
| ҷ/д Гулистон | 44833 | 38467 | 85,8 | 6366 | 14,2 |
| ҷ/д Рохатӣ | 34582 | 27112 | *78,4* | *7470* | *21,6* |
| ҷ/д Сарикиштӣ | 40513 | 27306 | 67,4 | 13207 | 32,6 |
| ҷ/д Россия | 32808 | 27198 | 82,9 | 5610 | 17,1 |
| ҷ/д Чоргултеппа | 38644 | 28481 | 73,7 | 10163 | 26,3 |
| ҷ/д Чоряккорон | 29622 | 14870 | 50,2 | 14752 | 49,8 |
| ҷ/д Чортеппа | 33161 | 27358 | 82,5 | 5803 | 17,5 |
| ҷ/д Чимтеппа | 48422 | 33412 | 69 | 15010 | 31 |
| ҷ/д Зайнабобод | 37821 | 6913 | 18,3 | 30899 | 81,7 |
| ҷ/д Султонобод | 16540 | 5905 | 35,7 | 10635 | 64,3 |
| ҷ/д Лохур | 20597 | 2657 | 12,9 | 17940 | 87,1 |
| ҷ/д Эсанбой | 20613 | 948 | 4,6 | 19665 | 95,4 |
| ҷ/д Қиблаӣ | 13860 | 6348 | 45,8 | 7512 | 54,2 |
| Ҳамагӣ | 462000 | *276638* | 59,9 | 185362 | 40,1 |

Дарозии умумии қубурҳои обрасонии шаҳрак 21 км ва коррезӣ (канализатсия) 10 км мебошад, аз ҷумла, шоҳқубурҳо (магистралӣ) 10,2 км ва қубурҳои обрасонӣ 10,8 км. Тамоми иншооти обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ солҳои 1964-1967 сохта шуда, айни ҳол 82% фарсудаю корношоям гаштаанд. Барои дар ҳолати кории техникӣ нигоҳ доштани он ҳар сол маблағи зиёд (хароҷот дар соли 2015 беш аз 179,2 ҳазор сомонӣ) масраф мегардад.

Шумораи умумии муштариён 3960 ададро ташкил медиҳад, ки аз он 3900 нафар аҳолӣ, 30 ташкилотҳои буҷетӣ, 10 корхонаҳои ҳисоби хоҷагӣ ва 20 ташкилотҳои тиҷоратӣ. Аз шумораи муштариён 864 адад (оила) ё ин, ки зиёда аз 3450 нафар дар биноҳои бисёрошёна ва 3036 адад ё 12140 нафар дар ҳавлиҳо истиқомат мекунанд. Айни замон зиёда аз 10500 нафар аҳолии ноҳия обро аз масофаи аз 50 то 200 метр аз нуқтаҳои обгирии умумӣ ба таври дастӣ кашонида истифода мебаранд.

Талафоти шабонарӯзии об дар шабакаҳои обрасонии ноҳия 53 фоизро ташкил медиҳад (аз ҷумла 35 фоиз аз ҳисоби истифодаи ғайримақсаднок аз ҷониби аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳо, 20 фоиз бо сабаби набудани обҳисобкунакҳо) ва аз меъёри муқарраргардида хеле зиёд мебошад. Яке аз сабабҳои асосии талафоти аз меъёр зиёди об, кӯҳнаю фарсуда гардидани қубурҳои обгузар мебошад. Дар доираи барномаи мазкур дар солҳои 2016-2020 бо ҷалби сармояи хориҷӣ (Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд) барқарорсозии шабакаи марказонидашудаи обрасонии маркази ноҳияи Рудакӣ - шаҳраки Сомониён пешбинӣ гардидааст.

Масъалаи дигари ҳалталаб, сари вақт пардохт нагардидани ҳаққи истифодаи об аз ҷониби муштариён ва истифодабарандагон (аҳолӣ) мебошад.

Дар давоми солҳои 2016-2020 тибқи "Барномаи беҳгардонии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст, аз ҷониби корхонаи мазкур иҷрои корҳои барқарорсозӣ, таҷдид ва сохтмони иншоотҳои таъминоти об ва бунёди хатҳои оби нӯшокӣ пешбинӣ гардидаанд. Маблағгузории чорабиниҳои мазкур дар тӯли солҳои 2016-2020, аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ, тавассути КВД «Хоҷагии манзилию-коммуналӣ» амалӣ мешавад. Тибқи барномаи мазкур, барои таъмини аҳолии маркази ноҳияи Рӯдакӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, бо назардошти ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ба маблағи 318 млн. 731 ҳазор сомонӣ лоиҳаи сармоягузорӣ таҳия шуда, феълан татбиқи як қисми он идома дорад ва дар назар аст, ки соли 2017 анҷом меёбад. Аз ҷумла, барои иҷрои корҳои обтаъминкунии аҳолии шаҳраки Сомониён 17 млн. 592 ҳазор сомонӣ, барои иҷрои

корҳои обтаъминкунии аҳолии ҷамоати шаҳраки Навобод 9 млн. 520 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии ҷамоати шаҳраки Мирзо Турсунзода 12 млн. 478 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Сарикиштӣ 8 млн. 653 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Гулистон 6 млн. 771 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Роҳатӣ 12 млн. 310 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Россия 17 млн. 804 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Чоргултеппа 11 млн. 579 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Чоряккорон 8 млн. 622 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Чимтеппа 7 млн. 117 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Чортеппа 8 млн. 173 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Зайнабобод 5 млн. 889 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Султонобод 5 млн. 790 ҳазор сомонӣ, барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Лоҳур 9 млн. 800 ҳазор сомонӣ ва барои обтаъминкунии аҳолии деҳаҳои ҷамоати Эсанбой 9 млн. 600 ҳазор сомонӣ маблағ зарур мебошад.

Соли 2015 корҳои таҷдиду барқарорсозии 5,1 км хатҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва насосҳои обкашии шаҳраки Сомониён, ба маблағи зиёда аз 1341 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонида шуд. Дар сурати амалӣ гардидани чорабиниҳои зикршуда, масъалаи таъминоти аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ, пурра ҳалли худро меёбад.

Корхонаи мазкур дорои 5 адад техника ва таҷҳизот буда, аз он 3 адад коршоям мебошад. Техникаҳои боқимонда, фарсуда ва корношояму таъмирталаб гаштаанд.

Бинобар ин, дар доираи татбиқи Барномаи рушди ноҳия, мувофиқи мақсад аст, ки корхонаи мазкур бо техника ва таҷҳизоти нав-экскаватори ХУНДАЙ, мошини асенизатсионии ЗИЛ, гидрорукави ЗИЛ, боркунандаи фронталии КОМАТСУ, автомашинаи обпошии МАЗ, 2 автомашинаи партовкашонии КАМАЗ таъмин карда шавад.

Иншооти обтозакунӣ, (аз ҷумла иншоотҳои обтозакунии мавзеи Оби шифо (собиқ Киров) ва хатҳои канализатсияи ноҳия соли 1968 сохта шудаанд ва айни замон 85% дар ҳолати корношоям қарор дорад. Корхонаи мазкур имконияти молиявии барқарорсозии иншоотҳои номбурдаро надорад.

Дар ноҳия манбаъҳои об минтақаи муҳофизати санитарӣ надоранд ва ба ғайр аз стансияи обтаъминкунии маҳаллаи Кӯктош, дигар ягон сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд. Илова бар ин 95 фоиз обмилаҳои хатҳои обгузар ҷумак надоранд, 48 фоиз обмилаҳо шикаста ва ба ҷои онҳо қубурҳо (трубаҳои) резинӣ гузошта шудаанд.

Яке аз манбаъҳои асосии ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ, кори ғайриқаноатбахши иншоотҳои партовтозакунӣ мебошад. Бо сабабҳои гуногун иншоотҳои партовтозакунӣ таи чанд соли охир таъмир нашудаанд ва ҳамаи обҳои рӯизаминӣ бе ягон хел безараргардонӣ ба заҳбурҳо мерезанд. Дар ноҳия ба қубурҳои корезӣ 62% биноҳои баландошёна ва 21% иморатҳои маъмурӣ пайваст карда шудаанду халос. Бинобар ин, дар ноҳия зарурияти сохтмони хатҳои нави ташнобу корез, пойгоҳҳои канализатсионӣ ва иншооти пасобтозакунӣ ба миён омадааст.

Дар доираи барномаи рушди ноҳия дар тули солҳои 2016-2020 барои пурра пайваст намудани хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои маъмурӣ ва хизматрасонӣ, муассисаҳои мактабию томактабӣ, тандурустӣ ва дигар иншоотҳо, татбиқи лоиҳаи бунёди 6,5 км хатти нави корезӣ (канализатсия) ва иншоотҳои пасобтозакунии шаҳрак бо назардошти рушди демографӣ ва сохтмони биноҳои нави баландошёна пешбинӣ мегардад.

**Хоҷагии манзилию коммуналӣ.** Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии Манзилию Коммуналӣ» -и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1951 ташкил карда шуда, ба Корхонаи Воҳидии давлатии «Хоҷагии Манзилию Коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикикстон мансуб мебошад.

Корхона ҳамагӣ бо 32 корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ оид ба баровардани ПСМ шартнома дорад. Аз ин шумора 11 адад корхонаю

ташкилотҳои буҷетӣ ва 21 адад корхонаю ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ мебошанд. Тибқи маълумотҳои расмии оморӣ дар шаҳрак 78 корхонаю ташкилотҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ фаъолият доранд, яъне корхонаи мазкур фақат бо 41 фоизи корхонаву ташкилотҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ шартнома дорад.

Дар корхона ҳамагӣ 87 нафар коргарон фаъолият менамоянд ва онҳо асосан ба тозагии санитарӣ, кабудизоркунӣ ва чароғонкунӣ машғул мебошанд. Дар тавозуни корхона 7 бинои дегхона мавҷуд мебошад. Инчунин корхонаи мазкур нигоҳдории тозагию санитарии 106400м$^2$ роҳҳои пиёдагард ва майдонҳо, 42 км ҷӯйборҳо, 21 нуқтаи партовтозакунӣ ва 4 га замини партовҷойро ба зимма дорад. Корхона ба 5322 нафар истиқоматкунандагон хизмат мерасонад.

Гарчанде, ки соли 1968 дар ноҳия 2 хати ташноб сохта шуда бошад хам, айни замон 85% фарсудаю корношоям гашта, танҳо қисман хати ташноби беморхонаи марказӣ ва 4 км хати ташноби маркази ҷамоати шаҳраки Сомониён (то иншооти оддии биофилтратсионӣ) кор мекунаду халос. Дар маркази ноҳия бошад шабакаи муосири ташнобу корез (канализатсия) ба таври зарурӣ ва тибқи талаботҳои санитарию экологӣ кор намекунад ва ин омил барои бунёди биноҳои баландошёна монеагӣ менамояд. Бинобар он дар шаҳраки Сомониён дар давоми солҳои 2016-2020 яке аз афзалиятхои аввалиндараҷа - сохтмони иншооти пасобтозакуни ва бунёди 6,5 км хати ташноб мебошад.

Дар ноҳия ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд ва ин мушкилот аз ҳама бештар дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот ба назар мерасад. Барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта дар сатҳи ҷамоатҳои дигари ноҳия (ба истисноі ҷамоати Сомониён ва М.Турсунзода) таъсис додани муассисаи коммуналӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия беҳтар намудани шароити хизматрасонии коммуналӣ ба аҳолӣ, азнавсозии ҳамаи нуқтаҳои партовпартойӣ, контейнерҳои партовчамъкунӣ ва инчунин таъмин намудани корхона бо техникаи махсуси партовкашонӣ дар назар дошта шудааст.

Тибқи натиҷаҳои таҳлили ҷамъоварӣ ва баровардани ПСМ бо назардошти тамоми категорияи истеъмолкунандагон агар дар соли 2012 ҳамагӣ 8422 м$^3$ баровaрда шуда бошад, пас соли 2015 дар ҳаҷми 11745 м$^3$ ПСМ бароварда шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2012 ба андозаи 47 фоиз зиёд мебошад.

Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Рудакӣ ҳамагӣ дорои 9 адад воситаҳои нақлиётӣ (аз он 4 тоаш дар ҳолати корношоям) мебошад, вале ин талаботро пурра қонеъ карда наметавонад. Мавҷуд набудани техникаи коммуналии муосир, сатҳи дастрасӣ ва сифати хизматрасонии коммуналиро паст менамояд. Барои баланд бардоштани сифати хизматрасонии коммуналӣ, таъмин намудани корхонаи номбурда бо техникаи ҳозирзамон (аз ҷумла, 2 адад автомашинаи махсуси партовкашон, автомашинаи махсуси «гидрорукав», автомашинаи обпошдиҳанда, автомашинаи боркаш, як адад автомашинаи КАМАЗ 5511, як адад булдозери калон ва 1 адад трактори борбардор) ба мақсад мувофиқ мебошад.

Партовгоҳи ноҳиявӣ низ дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дошта, барои бунёди панҷараи иҳотавӣ ва маҳкам намудани атрофи партовҷой 2000 м$^2$ панҷараи симин ва 400 пояи бетонӣ зарур мебошад.

Бо назардошти зиёдшавии ҳаррӯзаи партови маснуоти пластмассӣ, коғазҳо ва дигар партовҳо, дар ноҳия бунёд намудани корхонаи хурди коркарди партовҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияи Рӯдакӣ ягон нуқтаи хушкашӯи (химчистка) фаъолият намекунад.

Ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои коммуналӣ таъминоти хоҷагии манзилию коммуналии ноҳия бо таҷҳизотҳои махсус, мошину механизмҳои зарурӣ, барқарорсозии буғхонаҳои гармидиҳӣ ва таъмин намудани шаҳраки навтаъсиси М. Турсунзода бо 22 адад қуттиҳои партовпартоӣ зарур мебошад.

**4.2. Таъмини барқ**

Дар ноҳия низоми барқтаъминкуниро муассисаи «Шабакаҳои барқии ноҳияи Рудакӣ» идора менамояд, ки соли 1956 таъсис ёфта, тобеъи “Шабакаҳои барқии Марказӣ” мебошад. Шумораи умумии коргарони муассиса 177 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 30 нафарашон коркунони муҳандисӣ-техникӣ, 61 нафарашон барқчиён, 79 нафарашон назоратчиёни барқ ва 7 нафар хизматчиёни оддӣ мебошанд.

Шабакаҳои барқи ноҳия ба 168 адад корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ, 1114 адад корхонаҳои ғайрисаноатӣ, 169 адад корхонаҳои буҷетӣ, 50008 адад муштариёни маишӣ тариқи шартнома хизматрасонӣ менамояд.

**Ҳадафи соҳа - беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо нерӯи барқ мебошад.**

*Ҷиҳати расидан ба ҳадафи мазкур дар солҳои 2016-2020 иҷрои чунин вазифаҳо пешбинӣ мегарданд:*

- *Роҳандозӣ намудани тарзи муосири низоми идоракунии соҳаи таъминоти барқ;*
- *Пурқувват намудани заминаи моддию техникии муассисаи “Шабакаҳои барқи ноҳияи Рӯдакӣ”;*
- *Таҷдиду азнавсозии иншоот ва шабакаҳои таъминоти барқ;*

***Вазифаҳои мазкур тавассути иҷрои чунин чорабиниҳо амалӣ мегарданд:***

- *Бунёд намудани хатҳои барқ ва васл намудани трансформаторҳо дар маҳаллаҳои нави аҳолинишин;*
- *Ба истифода супоридани хатҳои нави таъминоти барқ;*
- *Сохтмони зеристгоҳҳои нав;*
- *Иваз намудани трансформаторҳои иқтидорашон паст ба трасформаторҳои иқтидорашон зиёдтар;*
- *Сохтмон ва ба истифода супоридани НБО-и хурд бо иқтидори 40 кВт.*

Дар тавозуни «Шабакаҳои барқии ноҳияи Рӯдакӣ» 862 адад зеристгоҳҳои тавоноиашон 10/6-0,4кВ, хатҳои интиқоли барқи 10/6 кВ бо дарозии 965,3 км, хатҳои ҳавоии 0,4 кВ бо дарозии 1430,7 км, хатҳои кабелии 6/40 кВ бо дарозии 8,4 км, хатҳои кабелӣ 0,4 кВ бо дарозии 7,3 км қарор доранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аҳолӣ ва корхонаю ташкилотҳои ноҳияи Рӯдакӣ дар давоми шаш моҳ (октябр-март) 50 фоиз ва дар шаш моҳи боқимонда (апрел-сентябр) 100 фоиз бо нерӯи барқ таъмин гашта истодаанд. Яке аз сабабҳои асосии муракабии раванди таъминоти барқ, ин норасоии нерӯи барқ дар фасли зимистон мебошад. Бо сабаби зиёд шудани талабот ба нерӯи барқ ва сарбории зиёд, бисёр трансформаторҳо ва зеристгоҳҳо аз кор мебароянд ва таъмири онҳо, аксар вақт аз ҳисоби аҳолӣ амалӣ мегардад. Дар давоми солҳои 2016-2020 барои беҳтар намудани хизматрасонии барқ ба аҳолии ноҳия васл намудани 4 адад трансформаторҳои нав дар маҳаллаҳои навбунёд бо иқтидори умумии 250 кВа, бунёди ЗИБ 35/10/6 кВ бо тавоноии 1х4000 кВа, васл намудани 1 адад трансформатори тавониаш 16 МВА ва бо назардошти талаботи ҳамаи ҷамоатҳо бунёди 36 км хатҳои 0,4кВ-10кВ ва ЗТ 10/04 кВ пешбинӣ мегардад.

Имкониятҳои молиявии идораи барқи ноҳия хело маҳдуд мебошанд, зеро дар ноҳия маблағи қарзи барқи аз ҷониби аҳолӣ ва аз ҷониби хоҷагии оби ноҳия истифодагардида, хело зиёд мебошад (ба ҳолати 1 январи соли 2016 аҳолии ноҳия 1 млн 715 ҳазор сомонӣ ва хоҷагии оби ноҳия зиёда аз 2,5 млн сомонӣ аз «Шабакаҳои барқии ноҳияи Рӯдакӣ» қарздор мебошанд). Барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, дар солҳои наздик пурра таъмин намудани аҳолӣ бо нерӯи барқ, масъалаи аввалиндараҷа мебошад ва дар ин самт бунёди нерӯгоҳҳои хурди обӣ ва роҳандозӣ намудани раванди истифодаи сарчашмаҳои алтернативии энергия хеле бамаврид ва чораи саривақтӣ маҳсуб ёфта, татбиқи амалии он дар оянда метавонад самараи хуб ба бор орад. Дар ҳудуди ноҳия, имконияти захираи зиёди об вуҷуд дорад ва истифодаи самараноки он метавонад, ба таври назаррас мушкилотҳои ҷойдоштаи

ноҳияро дар бахши барқтаъминкунӣ ҳаллу фасл намояд. Айни замон дар ҳудуди ноҳия 3 нерӯгоҳи хурди обӣ бо иқтидори 55 кВт хизмат мерасонанд. Ҷиҳати истифодаи самараноки имкониятҳои захираҳои обии ноҳия ва беҳтар намудани таъминоти аҳоли бо нерӯи барқ дар доираи барномаи мазкур то соли 2020 дар ноҳия сохтмони 3 адад неругоҳҳои хурди обӣ бо иқтидори 150 кВт пешбинӣ мегардад.

Дар ноҳия то соли 2020 дар соҳаи барқтаъминкунӣ иҷрои чунин корҳо пешбинӣ мегардад:

- Иваз намудани ноқилҳои пулодини навъи ПС-2 дар хатҳои ҳавоии 10 кВ, чашмакҳои №4 ва №83/Б «Боботоғ»-110/10 кВ бо дарозии 135 км.
- Иваз намудани симчӯбҳои фарсудашудаи ХИБ 6-10/034 кВ дар деҳаҳои Мирзочул, Ҷуйбодом, Лоҳур, ш.Сомониён, Қосимобод, Ҳоҷибоӣ, Эсанбой, Роҳатӣ, Охчакман, Меҳтарӣ, Теппаи Самарқандӣ ва Меҳробод ба миқдори 280 адад.
- Иваз намудани 18 адад трансформаторҳои пурбор ва ба садама дучоргашта.
- Иваз намудани 1580 адад ноқилҳои шикаста дар ХИБ 6/10 кВ.
- Васл намудани 30 адад ҷудокунакҳои барқӣ баландшиддат дар зеристгоҳҳои трансформатории сарбории аз меъёр зиёд дошта.
- Таъмири асосии 128 адад зеристгоҳҳои трансформаторӣ.
- сохта ба истифода додани зеристгоҳи барқӣ 110/10 кВ «Куктош-2» воқеъ дар деҳаи Чорсуи ҷамоати деҳоти Чоргултеппа.
- Таъмири асосии биноҳои шабакаҳои барқи ноҳия.
- таъмири 2 (ду) адад васлакҳои бахши (СП) дар ХИБ 10кВ чашмаки №8 дар ЗИБ «Боботоғ» ва ХИБ 10кВ, чашмаки № 11 ЗИБ «Куктош».
- Иваз намудани ноқилҳои пулодини навъи ПС-25 дар ХИБ 10 кВ, чашмакҳои №4 ва №8 ЗИБ «Боботоғ»
- Иваз намудани 280 адад симчӯбҳои фарсудашудаи ХИБ 6-10 кВ.
- Насб намудани 3 адад трансформатори нав дар шаҳраки Сомониён ва 1 адад трансформатор дар деҳаи Гулпарвар.
- Бунёд намудани 5 км хати иловагии таъминоти барқ аз ЗИБ «Ҷангал» то маркази ноҳия.
- Таъмин намудани аҳолии деҳаҳои Навбунёд, Румӣ, Баҳор, Меҳтаробод, Гулкор-1, Лолазор, Конститутсия бо нерӯи барқ.

**Газтаъминкунӣ.** Зиёда аз 50 фоизи хоҷагиҳои ноҳияи Рӯдакӣ тавассути қубурҳои газгузар ба шабакаи газтаминкунии табиӣ пайваст карда шудаанд. Мутаасифона, аз сабаби набудани гази табиӣ, аҳолии ноҳия имконияти истифодаи онро надорад, зеро айни ҳол, интиқоли гази табиӣ аз хориҷи кишвар, аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон қатъ карда шудааст. Аҳолии ноҳия, дар фасли зимистон, асосан барои гарм намудани хонаҳои истиқоматӣ аз сӯзишвории сахт (ангиштсанг, ҳезум ва партовҳои органикӣ) истифода менамоянд, ки он дар навбати худ, ба муҳити зисти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад.

Солҳои охир истифодаи гази моеъ низ зиёд гаштааст. Айни замон дар ноҳия 24 нуқтаи таъминоти гази моеъ ба аҳолӣ хизмат мерасонад. Дар давоми солҳои 2016-2020 дар ноҳияи Рӯдакӣ аз ҷониби соҳибкорон сохтмон ва ба истифода супоридани 6 нуқтаи таъминоти сӯзишворӣ ва гази моеъ пешбинӣ гардидааст.

### 4.3. Нақлиёт, алоқа ва роҳ

Дар соҳаи нақлиёти истифодаи умум, яъне мусофиркашонӣ ва боркашонии ноҳияи Рӯдакӣ, хизматрасониҳо тавассути корхонаҳои хурди нақлиётӣ ва соҳибкорони инфиродӣ амалӣ мегарданд.

Тибқи маълумоти расмӣ, дар ноҳия 231 нафар соҳибкорони инфиродӣ ва 5 адад корхонаҳои хурди нақлиётӣ фаъолияти пурсамар доранд. Аз ҷониби онҳо дар соли 2015 беш аз 1892 ҳазор тонна борҳои гуногуни хоҷагии халқ ва 17,2 млн. мусофирон кашонида шудааст.

Дар ноҳия ба фаъолияти роҳдорӣ «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Рӯдакӣ» машғул мебошад. Дар тавозуни муассисаи мазкур 329,1 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум қарор дорад, ки 24,6 км он роҳҳои байналмилалӣ, 150 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 152,5 км роҳҳои маҳаллӣ мебошанд. Инчунин муассисаи номбурда нигоҳдории ҳолати техникии ду ағбаи асосӣ, аз ҷумла ағбаи Фахробод воқеъ дар р/а Душанбе-Қурғонтеппа—Панҷи поён – сарҳади Афғонистон ва ағбаи Султонобод воқеъ дар р/а Душанбе-Рӯдакӣ-Ёвон-А.Ҷомиро низ, ба зимма дорад.

Ҳолати техникии тақрибан 300 км роҳҳои ноҳия ғайриқаноатбахш буда, ба талаботҳои стандартӣ мутобиқ нест (бахусус роҳҳои маҳаллӣ ва кӯпрукҳо) ва бояд дар доираи барномаи рушди ноҳия таъмиру барқарор карда шаванд.

Дар ноҳия 53 адад пулҳо вуҷуд доранд (аз ин шумора 51 адад пулҳои оҳану бетонӣ бо дарозии 1176,8 км, 1 адад пули оҳанин бо дарозии 24 м ва 1 адад пули чӯбин бо дарозии 12 метр) ва солҳои тулонӣ дар аксарияти онҳо таъмир гузаронида нашудааст, айни замон 6 адади онҳо дар ҳолати ғайритехникӣ қарор дошта, барои ҳаракати нақлиёт номувофиқ мебошанд.

Ҳамзамон дар тавозуни муассисаи мазкур 700 адад қубурҳо бо дарозии 8554 метр қарор дорад, аз ҷумла қубурҳои оҳану бетонӣ 371 адад бо дарозии 5765,3 метр, қубурҳои оҳанин 130 адад бо дарозии 1215,6 метр ва қубурҳои асбестӣ 199 адад бо дарозии умумии 1573,2 метр. Дар натиҷаи истифодаи тулонӣ ва таъсири ҳодисаҳои табиӣ 71% қубурҳо фарсудаю корношоям гашта, ба таъмиру барқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Муассисаи мазкур 16 адад техникаи роҳсозӣ ва дигар таҷҳизотҳои зарурӣ дорад ва ҳамааш дар ҳолати коршоям қарор дорад.

*Намуди фарши роҳҳои ноҳия*

| Аз рӯи намуди фарш: | |
|---|---|
| Роҳҳои аз асфалти гарм сохташуда | 189 км |
| Роҳи аз омехтаи шағалу мум сохташуда | 131,1 км |
| Роҳи шағалпӯш | 9 км |
| Ҳамагӣ | 329,1 км |

Ҳолати техникии 80,9 км роҳи маҳаллии Лоҳур-Эсанбой-Сайёд, 13 км роҳи Доманакуҳ-Гиждалобод-Чоряккорон, 10 км роҳи Чимтеппа-Шарора, 17 км роҳи Теппаи Самарқандӣ-Дуова-Мағмуруд, 9,9 км роҳи колхози “Россия”-Гулистон, 11,9 км роҳи Душанбе-Рӯдакӣ, 7,4 км роҳи Душанбе-Айнӣ-Ҳисор, 34 км роҳҳои Душанбе-Қурғонтеппа, 10 км роҳи Улҷабой-Ваҳдат, 2,1 км роҳи чорсуи Лоҳур, 15,7 км роҳҳои дохилии шаҳраки Сомониён, 2,2 км роҳи маҳаллаи навбунёди Лолазори ҷамоати Лоҳур, 6,1 км роҳҳои ҳудуди чамоати Қиблаӣ ва 13,5 км роҳи Сомониён-Заркамар ғайриқаноъатбахш буда, ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Дар доираи татбиқи барномаи мазкур дар давоми солҳои 2016-2020 таъмир ва таҷдиду барқарорсозии роҳҳои автомобилгарди дар боло номбаршуда пешбинӣ мегардад.

**Алоқа ва фазои иттилоотӣ.** Дар соҳаи алоқа ва фазои иттилотии ноҳия, китъаи техникии нохияи Рӯдакӣ, ки тобеъи минтақаи №5-и ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ш. Турсунзода фаъолият менамояд ва 11 нафар корманд дорад. Он бо таҷҳизотҳои замонавии рақамии SDN васл карда шуда, ба ноҳия хатти алоқаи нурию нахӣ кашида шудааст, ки имкон медиҳад муштариён аз алоқаи интернетӣ ва почтаи электронӣ пайваст шуда истифода намоянд. Дар ноҳия дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ 16 км, шумораи пойгоҳи телефонӣ 1 адад, ғунҷоиши пойгоҳи рақамии корхона 2400 рақам, шумораи дастгоҳҳои телефонии асосӣ 1908 адад мебошад.

***Ҳадафи асосии соҳа дар панҷ соли оянда - беҳтар намудани сифати хизматрасонии алоқа мебошад.***

*Барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда дар давоми солҳои 2016-2020 иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:*

- *Дастрас намудани хизматрасонии алоқа барои аҳолии деҳаҳои дурдасти ноҳия;*

- *Васл намудани таҷҳизотҳои нави рақамӣ дар деҳаҳои ноҳия;*
- *Таҷдид ва барқарорсозии шабакаҳои алоқа.*

*Ҳалли вазифаҳои гузошташуда тариқи андешидани тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:*

- *Кашидани хатти нурию нахӣ ба ҷамоатҳо ва деҳоти дурдаст;*
- *Бунёди хатҳои нави алоқа;*
- *Пурқувват намудани заминаи моддию техникии қитъаи техникии ноҳияи Рӯдакӣ.*

Дар ҳудуди ноҳия якчанд намояндагиҳои ширкатҳои алоқаи мобилӣ, аз ҷумла “Мегафон-Тоҷикистон”, “Билайн”, “Вавилон Т”, “Тселл” ва “ТКмобайл” фаъолият менамоянд.

Дар ноҳия пойгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал менамояд, ки аҳолии ноҳияро аз тамошои барномаҳои телевизиони «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо», «Шабакаи аввал», «Варзиш» ва «Синамо» бархурдор менамояд.

Ноҳия дорои рӯзномаи «Насими айём» мебошад, ки он ҳафтае як маротиба бо теъдоди 1400 нусха нашр мешавад.

## БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

### 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Дар ноҳия оиди масъалаҳои ҳифзи муҳити зист “Шуъбаи ҳифзи муҳити зист” фаъолият менамояд, ки дар он 7 нафар корманд (сардор, 3 нозири давлатӣ ва нозири тибқи шартнома фаъолиятдошта) меҳнат менамоянд. Вазифаи асосии шуъбаи мазкур назорат ва ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, партовҳо, шикор, моҳидорӣ ва дигар захираҳо) мебошад. Масъалаҳои ҳалталаби соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, шуршавӣ ва бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо, камшавии 37 гектар майдони дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон, ифлосшавии муҳити зист бо партовҳои сахти маишӣ, бад шудани ҳолати чарогоҳҳо, азхудкунии ғайрисамараноки сарватҳои табиӣ, аз ҷумла хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо.

Заминҳои обии ноҳия ҳамагӣ 1604 гектарро ташкил медиҳад. Таъсири иқтидори саноатии ноҳия ба муҳити зист то ҳол аниқ муайян нагаштааст. Дар ноҳия солҳои охир афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ ба назар мерасад ва айни замон зиёда аз 138 корхонаи саноатӣ фаъолият мекунад, ки истеҳсоли маҳсулот дар онҳо бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст, аз ҷумла ҶСП “ДМК” ҶСШК “Сангреза”, ҶДММ “Сонет”, ҶДММ “Шоҳона”, ҶФДММ “Ғаюр 1”, ҶДММ “Хишти аввал”, ҶДММ “Бунёдкор”, ҶДММ “Гафр Агрегат”, ҶДММ “Ангара”, ҶДММ “Гранит”, ҶДММ “Тиҷорат Канд”, ҶДММ “Амирӣ”, ҶДММ “Тиб барои Шумо”, ҶДММ “Гулшан 2001” ва ғайра, ки ба ҳолати экологии ноҳия таъсири антропогении воқеъӣ мерасонанд. Дар сохтори соҳавӣ ҷои нисбатан зиёдтарро коркарди масолеҳи ғайримаъданӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, обҳои минералӣ, нӯшокиҳо ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ишғол менамояд. Агар дар ҳудуди ноҳия дар солҳои собиқ шӯравӣ танҳо 10 адад корхонаҳои саноатӣ мавҷуд бошад, дар даҳ соли охир шумораи онҳо ба 139 адад расидааст. Яке аз мушкилотҳое, ки дар ин самт ба назар мерасад ин надоштани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳадди имконпазирии партовҳо, хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва иҷозатномаи меъёрӣ мебошад. Дар ноҳия ба истиснои корхонаҳои саноатии ҶДММ «Амирӣ», ҶДММ «Ангара» ва ҶДММ «Шоҳона», дигар корхонаҳои саноатӣ ҳуҷҷатҳои экологӣ надорад ва ин барои пешбурди дурусти соҳа дар сатҳи маҳал таъсири манфӣ мерасонад.

Солҳои охир дар ноҳия афзоиши ҳаҷми корҳои сохтмонӣ ба назар мерасад. Дар баробари ин, то кунун таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф пурра омӯхта нашудааст. Аммо, дар корхонаҳои мавҷуда ҷамъоварии маълумот ва ҳисобот оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо ба роҳ монда шудааст.

*Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо аз корхонаҳои саноатӣ*

| ***Номгӯйи моддаҳои зараровар*** | *Соли 2013* | *Соли 2014* | *Соли 2015* |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, тн/дар як сол | 29180,9 | 32156,3 | 42310,0 |
| Газмонанд ва моеъ: | 9,1 | 36,390 | 44,520 |
| CO (оксиди карбон) | 3,6 | 4,7 | 5,6 |
| NO2 (оксиди нитроген) | 1,0 | 1,1 | 1,2 |

Ҳавои атмосфера дар ҳудуди ноҳия аз ихроҷоти 5946 адад нақлиёти автомобилӣ низ, ифлос мешавад.

Кишоварзони ноҳия аслан ба растанипарварӣ, боғдорӣ ва чорвопарварӣ машғул мебошанд. Зиёда аз 72,3 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагонӣ дошта, асосан дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд.

Масъалаҳои асосии ҳалталаби экологии ноҳия, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволии аҳолӣ вобаста аст, ба самтҳои зерин дахл дорад:
- ҳолати ғайриқаноъатбахши мелиоративии 671 гектар заминҳои обӣ аз ҳисоби баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии замин, ки сабаби асосиаш тоза нагардидан ва таъмирталаб гаштани 183 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ва 57 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ мебошад.
- ҳолати ғайриқаноъатбахши 98 гектар чарогоҳҳо, ки боиси кам шудани хуроки чорво мегардад,
- барқарорсозии 59 гектар ва истифодаи самараноки 963,2 гектар боғу токзор.
- барқарорсозии 10 гектар пистазорҳои ҳудуди ноҳия.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки майдони заминҳои обӣ 68,5%-ро ташкил медиҳанд. Ҳоло дар ноҳия 1671 га замин дар ҳолати ғайримелиоративӣ қарор дорад, ки боиси паст шудани ҳосилнокӣ гаштааст. Сабабаби дигари паст шудани ҳосилнокӣ, ин сари вақт таъмин нашудани нуриҳои минералию захрхимикатҳо, тағйирёбии иқлим, паҳн шудани ҳаргуна ҳашароти заррасон ва касалиҳо мебошад.

Дар ҳудуди ноҳия дар давоми солҳои 2016-2020 зиёд намудани шумораи дарахтони сояафкан ва то 149 гектар зиёд намудани майдони ҷангалзор пешбинӣ шудааст. Ҳамасола дар мавсими обхезӣ майдони зиёди боғу дарахтзорро ҷараёни босуръат ва баланди оби дарёи Кофарниҳон ва Элок шуста мебарад, ки он боиси кам шудани майдони киштзору дарахтзор мегардад. Аз ин лиҳоз ҷиҳати бартараф намудани ин ҳолатҳо ва барқарорсозии майдони заминҳои кишт, боғу токзорҳо ва ҷангал бояд ба дарозии тақрибан 28,4 км корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ гузаронида шаванд.

Масоҳати умумии ноҳия 1812 километри квадратӣ буда, аҳолӣ дар 3 шаҳрак (Сомониён, Навобод, М.Турсунзода), 13 ҷамоати деҳот (Гулистон, Роҳатӣ, Сарикиштӣ, Россия, Чоргултеппа, Чоряккорон, Чортеппа, Чимтеппа, Зайнабобод, Султонобод, Лоҳур, Эсанбой, Қиблаӣ) зиндагонӣ мекунанд. Шумораи умумии хоҷагиҳои шахсии аҳолӣ аз 61568 хоҷагӣ иборат буда, зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ квадратӣ 255 нафарро ташкил медиҳад, ки боиси яке аз проблемаҳои дигари экологии ноҳия, яъне афзоиши ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ гаштааст. Бинобар набудани нуқтаҳои муваққатии партовҷамъкунӣ, дар аксарияти маҳалаҳо аҳолӣ партовҳоро дар ҷойҳои ғайрирасмӣ – дар соҳили наҳрҳо ва ҷуйҳо, заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва шафати роҳҳо мепартоянд ва ин ҳолат ба ифлосшавии муҳити зист ва манбаъҳои захираҳои обӣ оварда мерасонад. Ба ҳисоби миёна агар дар ноҳия аз як нафар 1 м$^3$ партов ҳосил шавад, дар маҷмӯъ дар як сол дар ноҳия 423100 м$^3$ партовҳои сахти маишӣ ҳосил мешавад. Қисме аз ин партовҳои ҳосилшуда ҳамчун пору дар заминҳои кишоварзӣ истифода гашта, қисми зиёди боқимондаи он ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад.

Дар маркази ноҳия 23 нуқтаи ба расмият даровардашудаи партовбарорӣ ташкил карда шудааст, ки пешниҳоди хизматрасонӣ аз ҷониби КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» сурат мегирад. Дар ин самт, сари вақт тоза нагардидани нуқтаҳои

партовбарорӣ ба муҳити зист бетаъсир намемонад. Аз рӯи ҳисоботҳои мавҷуда дар як сол аҳолии ноҳия ба муҳити зист 423100 $м^3$ партов бароварда, боиси ифлосшавии обу замин ва муҳит мегардад. Дар баъзе нуқтаҳои аҳолинишин партов дар даруни сой, наздикии ҳавлиҳо ва ҷойҳои ғайримуқаррарӣ партофта мешавад. Суст будани низоми идоракунӣ ва набудани назорати доимӣ мушкилотро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад. Ин мушкилиҳо дар сатҳи деҳот бештар ташвишовар арзёбӣ мегардад.

Партовгоҳи марказии ноҳия дар масофаи 12 км дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир шуда, ба талабот ҷавобгӯ нест.

Яке аз афзалиятҳои асосӣ ва афзалиятнок барои рушди минбаъдаи соҳа ин гузаронидани корҳои тарғиботию ташфиқотӣ барои нигоҳдории ҳифзи муҳити зист ва солимгардонии аҳолӣ мебошад.

Бинобар таъсири номатлуби боришоти зиёд каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо, боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои иншооти об ва афзудани хатари сар задани касалиҳои сироятӣ мегардад. Манбаъи дигар ташаккули партовҳо муассисаҳои тиббии ноҳия ва хадамоти байторӣ мебошад. Муассисаҳои тиббӣ бояд бо печҳо барои сузонидани партовҳои хатарнок таъмин бошанд. Барои чорвои аз касалиҳо фавтида ташкили чоҳҳои Бейкер зарур аст. Айни замон дар ноҳия чунин таҷҳизоти ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда мавҷуд нест. Ҳамаи ин ба зиёд шудани касалиҳо миёни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ меоварад. Барои ҳалли ин масъалаҳо лозим аст, ки дар ҳудуди ҷамоатҳо барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардидани онҳо, мусоидат намудан зарур аст.

Мушкилоти дигари экологии ноҳия ин обҳои корезӣ мебошад. Дар аксарияти ҷамоатҳо хатти ташноб (канализатсия) умуман вуҷуд надорад, ки ин ба сохтмон ва ба истифода додани хонаҳои бисёрошёна монеъ мегардад. Мавҷуд набудани хатти ташноб метавонад боиси ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ гардад. Илова бар ин, масъалаи асосии экологие, ки дар ин самт вуҷуд дорад, ин ҳолати ғайриқаноъатбахши шабакаи мавҷудаи обу ташноб ва коркарди ПСМ мебошад. Бинобар ин, ҳамеша хавфи аз партовҳо ифлос гардидани обҳои зеризаминӣ ва оби дарёҳои Кофарниҳон ва Элок таҳдид мекунад. Шабакаи мавҷудаи ташноб ва партовгоҳҳо дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дошта, ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ва экологӣ мутобиқ нестанд. Махсусан, дар фасли тобистон, ки аз ин ҳисоб сар задани касалиҳои сироятӣ авҷ мегирад.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ се иншоотҳои тозакунии обҳои коррезӣ мавҷуд мебошад.

*Иншооти обтозакунии шаҳраки Сомониён.* Иншооти обтозакунии шаҳраки Сомониён ба КВД «Оби нӯшокӣ ва канализатсия» -и ноҳия мансуб буда, дар ҳудуди деҳаи 8 Марти ҷамоати деҳоти Чоргултеппа ҷойгир мебошад. Иншоот обҳои коррезии шаҳраки Сомониён ва шаҳраки Мадади ҷамоати деҳоти Чоргултеппаро барои безараргардонӣ ва софкунӣ қабул менамояд. Дарозии қубурҳо то иншооти обтозакунӣ ба ҳисоби миёна 12 километрро дар бар мегирад, ки аз он 4,6 км аз ҳудуди заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоати деҳоти Чоргултеппа мегузарад.

Тибқи лоиҳа ҳаҷми оби партов дар як шабонарӯз 9000 $м^3$-ро ташкил медиҳад. Оби коррезӣ ба воситаи қубурҳо худҷорӣ буда, дар ҳавзи пойгоҳи насосӣ ҷамъ карда мешавад. Баъд бо фишор ба нуқтаи тоза кардани қуму санг бароварда шуда, аз он ба ҳавзҳои биологӣ барои такшонкунӣ ҷамъ карда мешавад. Обҳои коррезӣ дар ҳавзҳои такшонкуни бо хлор безарар гардонида ба канали ирригатсионӣ ва дар охир ба дарёи Кофарниҳон ҷорӣ мешаванд.

Солҳои охир иншооти мазкур аз фаъолият бозмондааст ва ба талаботҳои санитарию экологӣ низ ҷавобгу нест. Пойгоҳи насосӣ, нуқтаи хлоркунӣ ва ташхисгоҳ фаъолият намекунанд. Атрофи иншоот маҳкам карда нашудааст. Айни замон, обҳои

ифлос то ба иншооти безараргардонӣ нарасида ба манбаҳои об партофта мешаванд. Ҳамзамон ҳолатҳои ҷорӣ шудани обҳои ташноб ба ҷуйбор низ ҷой доранд.

*Иншооти обтозакунии шаҳраки М. Турсунзода.* Иншооти мазкур муваққатан ба ҷамоати шаҳраки Турсунзода вобаста шуда, дар ҳудуди деҳаи Коргар, дар соҳили чапи дарёи Кофарниҳон ҷойгир мебошад. Иншоот обҳои коррезии шаҳраки Коргар, деҳаҳои Шараф, Мавҷ ва Истиқлолро қабул ва безарар мегардонад. Ҳаҷми обҳои партов тибқи лоиҳа 2500 $м^3$ дар як шабонарӯз мебошад. Иншооти мазкур ба талаботҳои санитарию экологӣ ҷавобгӯ набуда, айни замон сохтмони он пурра ба анҷом расонида нашудааст.

Масъалаи дигари ин минтақа, ба садама дучор шудани қубури коррезие, ки аз болои дарёи Элок мегузарад, мебошад. Дарозии қубурҳои коррезӣ аз деҳаи Истиқлол то дарёи Элок 6,0 км буда, ҳаҷми обҳои партов 0,5 ҳазор $м^3$ дар як шабонарӯзро ташкил медиҳад.

Қубури мазкур аз дохили дарёи Элок гузашта, тибқи лоиҳа бояд обҳои коррезии деҳаҳои Шараф ва Мавҷро бо тариқи худҷорӣ ба иншооти обтозакунӣ расонад, аммо бо таъсири сел ва обхезӣ ба садама дучор шуда, аз кор баромада аст. Айни замон оби ташноб рост ба дарёи Элок ҷорӣ мешавад.

*Иншооти обтозакунии шаҳраки Ганҷобод.* Иншооти обтозакунии шаҳраки Ганҷобод ба КВД «Нафту газ ва ангишт» мансуб буда, дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Роҳатӣ ҷойгир мебошад. Иқтидори техникии он мувофиқи лоиҳа 0,4 ҳазор $м^3$ дар як шабонарӯзро ташкил медиҳад.

Иншооти мазкур барои қабул ва безарар гардонии обҳои коррезии хонаҳои баландошёнаи шаҳраки Ганҷобод ва биноҳои маъмурии КВД «Нафту газ ва ангишт» пешбинӣ шудааст. Қитъаи замине, ки иншооти обтозакунӣ ҷойгир буд, ғайриқонунӣ ҳамчун замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони хонаҳои истиқомати ба аҳолӣ дода шудааст.

Қубури коррезӣ бошад ба шохаи қубури навсозе, ки бояд ташнобҳои шаҳри Ваҳдатро ба шабакаи обтозакунии шаҳри Душанбе пайваст мекард, васл карда шудааст. Мутаасифона сохтмони шохаи қубури коррезии шаҳри Ваҳдат қатъ карда шуда, ташноби шаҳраки Ганҷобод бе безараргардонӣ ба дарёи Кофарниҳон партофта мешавад. Ташвишовар он аст, ки пойгоҳи обкашии канализасионӣ аз кор баромада оби ташноб ба воситаи ҷуйбор аз ҳудуди деҳаҳои Тезгари Поён ва Шаҳристон ҷоришуда, ба дарёи Кофарниҳон мерезад.

Яке аз мушкилотҳои ташвишовари соҳа ин дастрасӣ надоштани қисми аҳолӣ, махсусан аҳолии ҷамоатҳои деҳот ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза меҳсуб меёбад. Дар ноҳия танҳо 38,6 фоизи аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза дастрасӣ доранду халос, боқимонда 61,4 фоиз аз ин манбаи бебаҳо истифода бурда наметавонанд. Дар ноҳия ҳамагӣ 176,2 км хати оби нӯшокӣ гузаронида шудааст. Бисёр нуқтаҳои манбаъҳои оби нӯшокии ноҳия ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавоб дода наметавонад. Аҳолии деҳаҳои навбунёд ва қисми аҳолии ҷамоатҳои Эсанбой, Лоҳур ва Султонобод ба оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза ва безарагардонидашуда дастрасӣ надоранд ва аз ин ҳисоб танқисии зиёд мекашанд. Дар ҷамоатҳои номбаршуда аҳолӣ оби канал ва ҷуйҳоро истифода мебаранд, ки ин сарчашмаҳо барангезандаи асосии бемориҳои сироятӣ мебошанд.

Аксари манбаъҳои оби нӯшокӣ минтақаи муҳофизати санитарӣ надоранд, ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ набуда, ҳавзҳои такшинкунии хок ва ҳавзи тозакунӣ бо маҳлули хлор надоранд ва ягон сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд. Барои безарар гардонидани оби нӯшокӣ тавассути маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале самаранокии он таъмин нагаштааст.

*Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта иҷрои чорабиниҳои зерин зарур аст:*

- Дар маҳалаҳои аҳолинишин ташкил намудани нуқтаҳои расмии партовҷамъкунӣ.
- Дар байни ҷамоатҳои деҳоти ҳамсарҳад ташкил намудани корхонаи махсуси коммуналӣ ва ҷиҳозонидани ин корхона бо техникаҳои махсуси партовкашонӣ.
- Ба талаботҳои санитарию экологӣ ҷавобгӯ намудани партовгоҳи ноҳиявӣ.
- Сохтмони партовгоҳи нав барои ҷойгиронӣ ва гуркунии партовҳо дар ҳаҷми то 10 млн $м^3$.
- Бунёд ва барқарорсозии зинабоғҳо ва токзорҳо дар доманакӯҳҳо.
- Пешгирии эрозияи заминҳои обию лалмӣ ва муайян намудани майдони заминҳои ба эрозия дучоршуда.
- Бунёд ва барқароркунии шабакаҳои обу коррезӣ дар шаҳракҳои Сомониён, М. Турсунзода ва шаҳраки Ганҷободи ҷамоати деҳоти Роҳатӣ ва барқарор намудани қубурҳои корезии ба садама дучор шуда.
- Ташкили ниҳолхонаҳо бо мақсади зиёд намудани ниҳоли дарахтони ороишӣ ва гулу буттаҳо.
- Ба роҳ мондани корҳои барқарорсозии дарахтзорҳо, ҷангалбунёдкунӣ, ҳифзи ҷангалзорҳо аз сӯхтор ва ҳашаротҳои зараррасон, таъминот бо техникаи зарурӣ.
- Ба роҳ мондани кишт ва парвариши гиёҳҳои шифобахш (камол, зира, чукрӣ, зелол, чойкаҳак, ширинбия, чоқла ва ғайра) ва растаниҳои озуқавӣ.
- Васеъ намудан ва барқарорсозии хатҳои муҳофизатӣ - тутзорҳо дар атрофи майдонҳои кишт.
- Гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳили дарёи Кофарниҳон ва Элок.
- Ба расмият даровардан ва сохтмони нуқтаҳои муваққатии партовҷамкунӣ дар шаҳраки Сомониён ва дигар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия.

### 5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода ва пешгирӣ намудани хатари онҳо

**Ҳадафи асосӣ дар ин самт -** кам кардани хатари офатҳои табиӣ, ташкил, тайёрӣ ва омодагӣ ба мудофиаи шаҳрвандӣ, инчунин дар ҳолати омодагии доимӣ қарор додани нерӯҳои мудофиаи шаҳрвандӣ ноҳия мебошад.

Қисми зиёди ҳудуди ноҳияи Рӯдакӣ дар минтақаҳои ба таъсири офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқуллода осебпазир ҷойгир шудааст. Масоҳати ноҳия 1812 километри мураббаъро ташкил дода, шумораи аҳолии он 462,1 ҳазор нафар мебошад. Дар ноҳия дар 11 ҷамоатҳои деҳот минтақаҳои хатарнок мавҷуд мебошанд. Аз 196 деҳаи мавҷудбуда, 38 деҳа мувоҷеҳи хатари офатҳои табиии (сел) мебошанд, ки 19,3%-и нуқтаҳои аҳолинишинро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои хонагии ноҳия, 2712 хоҷагӣ ё 16,7%, дар минтақаи хатарнок ҷойгиранд. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хатарнок 18884 нафар ё 2,8%-и аҳолӣ истиқомат менамоянд. Манбаи асосии хавфи офати табиӣ сел ва обхезии дарёи Кофарниҳон ва дарёи Элок мебошад.

*Рӯйхати минтақаҳои хавфноки ҳудуди ноҳияи Рӯдакӣ*

| ***Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот*** | ***Маҳалли аҳолинишин*** | ***Шумораи хоҷагиҳо (адад)*** | ***Аҳолии мавҷуда (нафар)*** | ***Раванди таҳдидкунанда*** | ***Мавҷудияти хулосаи геологӣ ва санаи он (дорад ё не)*** |
|---|---|---|---|---|---|
| *ҷ/д Эсанбой* | *д.Ганҷина* | *10* | *70* | *Сел* | *Дорад, аз соли 2012* |
| | *д.Хоҷабулбулон* | *10* | *72* | *Сел* | |
| | *д.Қалъа* | *4* | *28* | *Обхезӣ* | |
| | *д.Маргзор* | *5* | *35* | *Обхезӣ* | |
| *ҷ/д Лоҳур* | *д.Тайланобод* | *24* | *212* | *Сел* | *Надорад* |
| | *д.Гулисой* | *13* | *144* | *Сел* | |
| *ҷ/д Чоряккорон* | *д.Зафар* | *23* | *167* | *Сел* | *Надорад* |
| | *д.Армугон* | *19* | *94* | *Сел* | |
| | *д.Ҳуснобод* | *27* | *169* | *Сел* | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| *ҷ/д Зайнабобод* | *д.Шараф* | *50* | *200* | *Сел* | *Надорад* |
| | *д.Алибоӣ* | *46* | *193* | *Сел* | |
| | *д.Тоҷикобод* | *60* | *304* | *Сел* | |
| | *д.Садоқат* | *22* | *94* | *Сел* | |
| | *д.Гулобод* | *82* | *486* | *Сел* | |
| | *д.Дарёобод* | *150* | *750* | *Обхезӣ* | |
| | *д.Сароб* | *100* | *640* | *Обхезӣ* | |
| *ҷ/д Қиблаӣ* | *д.Лоёб* | *48* | *336* | *Ярч* | *Дорад, аз соли 1997* |
| | *д.Қамчин* | *40* | *280* | *Ярч* | |
| | *д.Хайронак* | *20* | *164* | *Ярч* | |
| | *д.Чавалай* | *43* | *258* | *Ярч* | |
| | *д.Қиблаӣ* | *240* | *2880* | *Ярч* | |
| | *д.Қаландар* | *40* | *240* | *Ярч* | |
| | *д. Қулписта* | *19* | *118* | *Ярч* | |
| *ҷ/шМ.Турсунзода* | *д.Истиқлол-4* | *300* | *1500* | *Обхезӣ* | *Надорад* |
| | *д.Элок* | *100* | *500* | *Обхезӣ* | |
| *ҷ/д Гулистон* | *д.Тезгариболо* | *150* | *900* | *Обхезӣ* | *Надорад* |
| | *д.Тезгарипоён* | *115* | *690* | *Сел ва ярч* | |
| | *д.Сангтуда* | *40* | *240* | *Сел* | |
| *ҷ/д Роҳатӣ* | *д.Теппаи Самарқандӣ* | *10* | *80* | *Сел* | *Дорад аз соли 2012* |
| | *д.Роҳатӣ* | *16* | *112* | *Ярч* | |
| | *д.Дара* | *17* | *119* | *Обхезӣ* | |
| | *д. Магмуруд* | *12* | *72* | *Ярч* | |
| *ҷ/д Россия* | *д.Фалакон* | *42* | *284* | *Обхезӣ* | *Надорад* |
| *ҷ/д Сарикиштӣ* | *д.Доманакӯҳ* | *63* | *476* | *Ярч* | *Надорад* |
| | *д.Сарикиштии боло* | *254* | *2046* | *Сел, обхезӣ* | |
| | *д.Сарикиштии поён* | *356* | *2591* | *Сел, обхезӣ* | |
| *ҷ/д Чоргултеппа* | *д.Оби Шифо* | *80* | *788* | *Сел* | *Надорад* |
| | *д.Навбунёд-3* | *62* | *552* | *Сел, ярч* | |
| ***Ҳамагӣ*** | | ***2712*** | ***18884*** | | |

Дар санадҳои дахлдори соҳа хисороти умумии дар натиҷаи офатҳои табии тайи ин солҳо ба вуқӯъ омада нишон дода шуда, шумораю намудҳои офатҳои табии дар ҳудуди ноҳияи Рӯдакӣ баамаломада (боронҳои шадиду давомнок, селҳо, бориши барфи зиёд ва хунукиҳо) ба қайд гирифта шудаанд.

*Таносуби буҷети ноҳияи Рӯдакӣ ва хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | |
| Буҷет (млн. сомонӣ) | 62,2 | 78,1 | 84 | 110 | 140 | 474,3 |
| Хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда (млн. сомонӣ) | 0,81 | 1,2 | 2,25 | 5,71 | 12,79 | 22,76 |
| Хисорот аз ҲФ ба ҳисоби фоиз (%) | 1,3 | 1,5 | 2,7 | 5,2 | 9,1 | 4,8 |

Яке аз самтҳои асосии афзалиятноки Барномаи рушди ноҳия дар солҳои минбаъда ин дар ҳолати омодагӣ қарор доштан ва пешгирӣ намудани хатари офатҳои табиӣ аст, зеро қисми зиёди деҳаи аҳолинишини ноҳия дар мавзеи хатарнок ҷойгир мебошанд.

Дар натиҷаи офатҳои табии тӯли солҳои 2012-2016 ба иқтисодиёти ноҳия ҳамагӣ ба маблағи 22,76 млн. сомонӣ зарар расонида шудааст, ки ин 4,8 фоизи буҷети панҷсолаи ноҳияро ташкил медиҳад.

**Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ.** Ситод оид ба ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи шаҳрвандии ноҳия мақомоти идоракунӣ оид ба тадбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи идораи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи шаҳрвандӣ буда, танзими меъёрҳои ҳуқуқӣ хизматрасонии давлатӣ ва идораи моликияти давлатӣ, пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ оид ба омодагӣ ва ҳифзи аҳолӣ, иншоотҳои иқтисодӣ ва ҳудуди ноҳия аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи замонҳои осоишта ва давраи ҷангӣ буда, роҳбарии ҳамарӯзаи низоми ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи шаҳрвандии ноҳия, ташкили тайёрӣ ва таъмини омодагии доимии онҳоро анҷом медиҳад, инчунин пешбурд, рушд ва такмили онро муайян менамояд. Маҷмуи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, мудофиавӣ ва дигар чорабиниҳоро, ки ба ҳифзи аҳолӣ, иқтисодиёт ва ҳудуди ноҳияро

аз оқибатҳои ҲФ-и дорои хусусияти табии ва техногенӣ, инчунин ҳангоми сар задани амалиётҳои ҷангӣ равона гардидаанд, ҳамоҳанг месозад.

Айни замон, дар ноҳия 12 хадамот вуҷуд дорад, ки бевосита ба пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд.

*Маълумот оиди нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷот*

| | | |
|---|---|---|
| *Хадамоти огоҳисозӣ ва алоқа (ҶСК «Тоҷиктелеком»)* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| Маркази огоҳкунанда ва алоқа - 1 адад<br>Асбобҳои бонги баланд – 1 адад<br>Муҳаррик (генератор) –1 адад Мошинаи боркашӣ -1адад.<br>Маводи сӯхт ва молиданӣ – 0,6 тонна.<br>Симҷӯбҳо-10 адад. | Сӯзишвории дизелӣ – 100 л.<br>Равгани дизелӣ – 40л. | Муҳаррик (генератор) - 1 адад<br>Ноқил -10,5 км. |
| *Хадамоти таъмини тартибот (ШКД)* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| Кормандон 153 нафар<br>Автомошина 3 адад | Сузишвории дизелӣ 200 литр<br>Бензин 200 литр | Маводи сузишворӣ ва дигар лавозимотҳои зарурӣ, таҷҳизоти компютерӣ, воситаҳои алоқа, автомашинаи махсус |
| *Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| Ҳайати шахсӣ-24 нафар<br>Автомашинаи сӯхторхомушкунӣ 2адад<br>Автомашинаи зинадор 2 адад | Рудаи оташнишонии диаметраш 125 6-адад -24 метр<br>Рудаи оташнишонии диаметраш 77-320 метр<br>Рудаи оташнишонии диаметраш 66-300 метр<br>Маҳлули кимиёвии кафкунанда 300 литр<br>Асбоби фишурдаи хаводиҳӣ АСБ-2 10 адад | Автомошини сӯхторхомӯшкунии намуди асосӣ –2 адад.<br>Либоси муҳорибавӣ 15 адад<br>Автомашинаи борбар 1 адад |
| *Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| Кормандон 32 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-53 -1 адад<br>Трактор Т -40- 1адад<br>Автомашинаи ЗИЛ- 1 адад<br>Грейдер -1адад | Кум ва намак 20 тонна<br>Асвалти пухта шуда 5тонна | Автомашинаи ГАЗ-53 -1 адад<br>Автомашинаи ЗИЛ- 1 адад<br>Мехлапат 1 адад |
| *Хадамоти коммуналӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| Кормандон 44 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-53 -2 адад<br>Трактор Т-МТЗ -80-адад<br>Автомашинаи ЗИЛ-1 адад<br>Бригадаи зудамал -8 нафар<br>Гурӯҳи наҷотдиҳандагон 7 нафар<br>Гурӯҳи омодабоши корҳои техникӣ -12 нафар | Вуҷуд надорад | МСМ (ГСМ) – 1 тонна<br>Автомашинаи АСМ – 2 адад<br>Автомашинаи партовбарорӣ – 1 адад<br>Трактори Т 28 - 1 адад<br>Трактори намуди МТЗ 80 - 1 адад |
| *Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| Ҳайати шахсӣ – 21 нафар<br>Автомашинаи сабукрав – 1 адад<br>Озмоишгоҳи паразитология ва бактерология – 1 адад<br>Яхдон - 8 дона | Гипохлорид 50кг<br>Хлор – 10кг | Гиперхлорид – 50 кг.<br>Дез. камераи сайёҳр – 1 адад<br>Дистиллятор – 1 адад<br>Либосҳои махсус – 10 ҷуфт |
| *Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда*<br>Кормандон 14 нафар<br>Сузандору 10 гр - 200 адад, 5 гр 180 – адад, 1200 ҳаз вояи зиддӣ сухтанӣ, 120 ҳаз вояи зидди даҳондард | *Захираҳои мавҷуда*<br>Сузандору 10гр 200адад<br>5гр 180 адад<br>1200 хаз воя сухтани<br>120 хаз воя дахондард | *Эҳтиёҷот*<br>Сузандору 10 гр 500 адад<br>5гр 390 адад<br>1500 хаз воя доруи сухтанӣ<br>140 хаз воя доруи дахондард |
| *Хадамоти энергетикӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| Ҳайати шахсӣ – 78 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-53 - 1 адад<br>Зеристгоҳи 35/10 кв - 3 адад<br>Зеристгоҳи 35/0,4 кв - 1 адад<br>Хати интиқоли барқ,<br>35 кВ – 39,12 км<br>10 кВ – 481 км<br>0,4 кВ – 299,1- 15 км<br>Миёнбанди эҳтиётӣ – 16 ҷуфт<br>Сӯзишворӣ – 2 тонна<br>Равгани техникӣ – 500 литр | Сими алюминӣ намуди,<br>А-50 - 250 кг<br>А – 35 – 70 кг<br>А – 70 – 40 кг<br>Изолятори ШФ -10кв -50 адад<br>Изолятори ТФ-20 100 адад<br>Изолятори ИПТ-160-0,4. 15адад<br>Муҳофизаткунандаи ПН400А-30 дона<br>Изолятори ИП - 10кв - 20 дона | Симҷӯбҳо – 10 дона<br>Сӯзишворӣ – 300 литр<br>Равгани техникӣ – 1000 л<br>Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД-5 адад<br>Миёнбанди эҳтиётӣ, кохтӣ – 30 ҷуфт<br>Ноқили барқии А – 50 – 2 т<br>Трансформаторҳо -160кв -2 адад<br>Трансформаторҳо-250кв – 2 адад.<br>Ноқили АПВ-35-50-70 300 м.<br>Фулузоти варақагӣ (Катанка) 50 кг<br>Гӯшаки оҳанӣ (Уголок) -63-63 10 кг<br>Электрод - 10 кг |
| *Хадамоти тиббӣ* | | |

| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
|---|---|---|
| Кормандон нафар<br>Мошини ёрии таъҷилӣ - 3 адад<br>Мошини хизмати 1 адад | Сузандору –аз ҷумла<br>2 гр -100 ад, 5 гр - 100 ад, 10 гр - 100 ад, 20 гр - 100 ад,<br>Бинт 200 дона, пахта - 200 дона, маҳлули спртӣ - 50 фл. | Маводҳои зарурияти аввалияи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ<br>Муҳаррик (генератор) - 2 адад<br>Дефлиблирятор – 2 адад<br>Дастгоҳи ИВЛ-ро 6 - 1адад |
| Хадамоти муҳандисӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда<br>Кормандон 5 нафар | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Хадамоти муҳофизат аз селхо ва иҷрои корхои сохилмустахкамкунӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда<br>Кормандон 76 нафар<br>Мошини хизматӣ 1 адад<br>Кран 1 адад<br>Экскватор 4 адад | Захираҳои мавҷуда<br>Мошини хизмати 1 адад<br>Кран 1 адад | Эҳтиёҷот<br>Мошини хизмати 1 адад<br>Кран 2 адад<br>Экскватор 7 адад |
| Хадамоти савдо ва озуқа | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Кормандон 101 нафар<br>Мошини хизматӣ 2 адад | Чойи қоқ 100 пачка<br>Намак 500 кг<br>Равган 100 литр | Орд 500 халта<br>Биринҷ – 100 халта<br>Равган 500 литр |

**Мушкилиҳои асосӣ.** Нокифоягии маблағҳои буҷетӣ барои ташкили низоми самараноки огоҳсозӣ/эътинои офатҳои табиӣ, барои таъсиси шабакаи огоҳкунии пешакӣ ва барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолии деҳаҳои дар мавзеъҳои хатарнок ва осебпазир ҷойгирбуда, самаранок набудани фаъолияти хадамотҳои шаҳрвандӣ оид ба мудофиаи шаҳрвандӣ, мавҷуд набудани харитаи муосири мавзеъҳои хатарноки ноҳия, ҳолати ғайриқаноатбахши иншоотҳои мудофиаи шаҳрвандӣ ва ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доштани онҳо, пурра ба таъмиру барқарорсозӣ ниёз доштани паноҳгоҳҳо ва паноҳгоҳҳои зиддирадиатсионӣ, инчунин зарурияти муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо таҷҳизотҳои зарурӣ, зарурияти таъмини ҳаҷми кофии захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар анборхонаҳои махсус (маводҳои хурокворӣ, сару либос ва пояфзолҳои мавсимӣ, масолеҳи сохтмонӣ, маводҳои доруворӣ ва сузишворӣ).

## БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ РУШД

***Низоми идоракунӣ ва захираҳои инсонӣ.*** Дар ноҳия мақоми масъули ҷиҳати таҳия ва татбиқи Барномаи рушди ноҳия, шӯъбаи иқтисод ва савдо мебошад, ки ба ӯҳдадориҳои функсионалии он, дастгирии маъмурию техникии гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия ва зергурӯҳҳои ташаббускори он, баланд намудани иқтидори зеҳнии аъзоёни гуруҳи корӣ оид ба масоили банақшагирии рушд, ташкил ва гузаронидани вохӯриҳо, мизҳои мудаввар оиди масъалаҳои банақшагирӣ, роҳандозӣ ва назорати раванди ҷамъоварӣ, таҳлил ва интегратсияи маълумотҳо, таҳияи стратегияи рушди соҳаҳо дар асоси стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ, ҳамкории зич бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо, мусоидати техникӣ ба гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ, тартиб додани ҳисоботҳои мунтазам аз рӯи натиҷаҳои мониторинг, вогузор гардидааст.

Масъули таҳия ва татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ - яке аз муовинони Раиси ноҳия мебошад, ки бахши иқтисодиёт, шӯъбаи иқтисод ва савдоро сарпарастӣ намуда, ҳамзамон роҳбари гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи барномаи мазкур ба ҳисоб меравад.

*Мушкилиҳои асосии* мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ вобаста ба татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифати давлатӣ ба аҳолӣ, чунинанд:

- Потенсиали нисбатан пасти техникии шӯъбаи иқтисод ва савдо ва дигар шӯъбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ оид ба масоили банақшагирии рушди комплексии иҷтимоию иқтисодӣ, буҷет, мониторинг ва арзёбӣ, фондрейзинг ва тарҳрезии лоиҳаҳои сармоягузорӣ.

- Сатҳи пасти донишҳои тахассусии кормандони хизмати давлатӣ оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ.
- Сатҳи пасти музди меҳнат ва мавҷуд набудани низоми ҳавасмандгардонии кормандон.
- Сатҳи пасти дастрасӣ ба шабакаи интернет ва шабакаи ягонаи компютерӣ барои содда намудани раванди мувофиқа ва ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо, инчунин ҷорӣ намудани базаи ягонаи маълумотҳо.
- Мавҷуд набудани баҳисобгирии электронии муҳосибавӣ дар сатҳи МИҲД ва ҷамоатҳо.
- Ҳолати ғайриқаноатбахши техникии бинои маъмурии ҷамоатҳо.

**Таъминоти молиявӣ**

Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020» дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи Буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби сармояи дохилию хориҷӣ (маблағҳои хусусии соҳибкорони ватанӣ ва шарикони рушд) ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетие, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, дохил мешаванд:

- Сармояи хориҷӣ аз ҳисоби шарикони рушд, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;
- Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;
- Қарзҳои бонкӣ;
- Сармояи ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.
- Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

Дар ноҳияи Рӯдакӣ сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷети маҳаллӣ, андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда, андози ягона, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андози замин аз шахсони воқеъӣ ва андоз аз амволи ғайриманқул, маҳсуб меёбад.

*Даромаду хароҷоти буҷети маҳаллии ноҳияи Рӯдакӣ ва ҳиссаҷудокунӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2013-2015 (сомонӣ)*




Соли 2015 дар қиёс ба соли 2013 ҷамъи даромадҳои буҷети маҳаллӣ 26,2%, маблағҳои мақсаднок 2,2 маротиба ва ҳамагӣ даромадҳо 54,3% афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаи бақияи озод низ, нисбат ба соли 2012 беш аз 33,7 фоиз зиёд гаштааст.

*Динамикаи афзоиши қисми даромади буҷети ноҳияи Рӯдакӣ дар солҳои 2000-2015 (ҳазор сомонӣ)*




Дар сохтори қисми даромади буҷети маҳаллӣ андози даромад аз шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фоидаи шахсони воқеъӣ ва андоз бо низоми соддакардашуда нақши махсус доранд.

*Сохтори қисми даромади буҷети ноҳияи Рӯдакӣ дар соли 2015*



*Таҳлили манбаъҳои даромади буҷети ноҳияи Рӯдакӣ дар солҳои 2013-2015*




Аз нишондиҳандаҳои дар диаграмма овардашуда маълум мегардад, ки дар соли 2015 нисбат ба соли 2013 воридоти маблағҳо қариб аз рӯи тамоми намуди андозҳо афзоиши ёфтааст, ба истиснои андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард (47% коҳиш ёфтааст), боҷи давлатӣ (83,7% кам шудааст), андоз аз воситаҳои нақлиёт (3,5% кам шудааст) ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард (47,2% кам шудааст). Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки бо ҷорӣ гардидани амали Кодекси нави андози ҶТ, баъзе намудҳои андозҳо барҳам ё ба як намуд якҷоя карда шуданд ва вобаста ба он сохтори қисми даромади буҷет тағйир ёфт. Аз ҷумла андози замин бо андоз аз моликияти ғайриманқул якҷоя гардида боиси 32,1% афзудани пардохтҳо аз ин намуди андоз гашт. Воридоти андоз аз арзиши иловашуда дар соли 2015 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 18,2% афзоиш ёфтааст ва сабабаш афзоиши гардиши дохилии ширкатҳо ва фаъол гаштани молворидкунандагон мебошад.

Дар қисми даромади буҷети ноҳия афзоиши воридоти пардохтҳоро аз андоз аз даромади шахсони воқеъӣ то 2,1 баробар ва зиёда аз 2 баробар афзудани андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро қайд намудан бамаврид мебошад. Афзоиши нишондиҳандаҳои андозҳои мазкур, ба зиёдшавии сатҳи музди меҳнат, ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳо, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ва саноатӣ вобаста мебошад, зеро дар ин соҳаҳо солҳои охир дар натиҷаи ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва корхонаҳои хурд суръати баланди рушд ба назар мерасад.

Ғайр аз ин, 83,9% афзудани даромадҳоро аз андоз бо низоми соддакардашуда аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ қайд намудан зарур аст, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд мебошад. Нишондиҳандаҳо аз рӯи андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар соли 2015 нисбат ба соли 2013 мутаносибан ба 28,5% ва 51% афзоиш ёфтаанд.

*Таҳлили қисми хароҷоти буҷети ноҳияи Рӯдакӣ*

| НОМГӮИ ХАРОҶОТҲО | Соли 2013 | | Соли 2014 | | Соли 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Нақша** | **Иҷроиш** | **Нақша** | **Иҷроиш** | **Нақша** | **Иҷроиш** |
| 1. Мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ | 4231040 | 4684795 | 4769030 | 4697047 | 4862963 | 5177990 |
| 2. Мудофиа | | | | | | |
| 3. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартибот | 540000 | 536312 | 601300 | 609265 | 652715 | 589992 |
| 4. Маориф | 53802121 | 57290465 | 71815685 | 68976872 | 83868445 | 79147015 |
| 5. Нигаҳдории тандурустӣ | 13456615 | 13711518 | 16185243 | 15596856 | 17518702 | 17377248 |
| **6. Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ** | 86159002 | 90615955 | 1007036 | 1027993 | 1216969 | 1376903 |
| 6.1.5. Кумакҳои дигар ба аҳолӣ (ҷубронпулиҳо) | 491334 | 422040 | 523726 | 394316 | 690467 | 890472 |
| 6.1.6. Ҷубронпулӣ барои иштирокчиени садамаи СА Чернобил | 280200 | 191302 | 303880 | 283169 | 334268 | 334268 |
| 6.2. 6.3. Ҳифзи иҷтимоӣ, ВТЭК | 150536 | 131593 | 179430 | 350508 | 192234 | 152163 |
| 7. Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 1560000 | 1666578 | 1450800 | 1437982 | 1352299 | 1373780 |
| **8. Фарҳанг ва варзиш** | 1386902 | 1420265 | 1640330 | 1541436 | 1668054 | 1730684 |
| 8.1. Варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ | 134209 | 134150 | 144276 | 144275 | 195096 | 195096 |
| 8.2. 8.3. 8.5. Чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ | 1252693 | 1286115 | 1496054 | 1397161 | 1472958 | 1535588 |
| **10. Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор** | 557324 | 585608 | 631968 | 574358 | 634212 | 557021 |
| 10.1.4. Хароҷот барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо | 350000 | 390000 | 250000 | 250500 | 250000 | 240500 |
| 10.1.5. Соҳаи байторӣ | 76280 | 78400 | 381968 | 323858 | 384212 | 316521 |
| 11.3.1. Корхонаҳои соҳаи сохтмон | 72000 | 813830 | | | | 175000 |
| 12. Нақлиёт ва коммуникатсия | 1305000 | 1340649 | 1305875 | 1255810 | 1403815 | 1396000 |
| 14.03. Фонди раиси ноҳия | 390726 | 0 | 499533 | 0 | 568730 | 0 |
| **Ҳамагӣ хароҷотҳо** | **78151798** | **82155425** | **99906800** | **95717619** | **113746904** | **108726633** |

Буҷети маҳаллӣ хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷоти он ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Дар соли 2015 ҳисссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар буҷети маҳаллӣ 89,69% фоизро ташкил дода, хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 63,9% ва 18,2%-ро ташкил додааст. Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир - ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мебошад.

*Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ дар соли 2015 (бо %)*




Сохтори хароҷотҳои буҷети ноҳияи Рӯдакӣ аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ асосан аз категорияҳои музди меҳнат ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматрасониҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншотҳои нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.

*Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ*
*аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2015 (ба ҳисоби фоиз)*




Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки маблағҳои ҷудогардида таи солҳои 2013-2015 беш 81480,8 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин 74870,26 ҳазор сомонӣ маблағҳои мақсаднок ва 6610,56 ҳазор сомонӣ ҳисоббаробаркуниҳо мебошад. Ҳамзамон, дар ин давра ҳаҷми бақияи озод беш аз 143,58 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки он барои беҳтар намудани инфрасохтори ноҳияи Рӯдакӣ равона гардидааст.

Дар соли 2015 беш аз 79,1 фоизи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии кордиҳандагон ва 20,9% барои коргузорӣ ва молу хизматрасонӣ, сохтмони асосӣ равона гардидааст. Ҳаҷми маблағҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои нигоҳдорӣ, таъмир ва сохтмони асосӣ равонкардашуда ҳамагӣ 1,1 фоизро ташкил медиҳад ва ҷиҳати таъмини иҷрои Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда зиёд намудани ҳаҷми маблағгузориҳо барои сохтмони асосӣ пешбинӣ гаштааст. Барои таъмини иҷроиши Барномаи мазкур фазои сармоягузориро дар ноҳия боз ҳам беҳтар намуда, раванди ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро тақвият бахшидан лозим аст.

Дар панҷ соли оянда яке аз афзалиятҳои асосии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020», ин зиёд намудани қисми даромади буҷаи маҳаллӣ мебошад. Ҷалб намудани тамоми воситаҳои имконпазири иловагии даромад барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар доираи барномаи мазкур боз ҳам тақвият дода хоҳанд шуд.

Соли 2015 танҳо тавассути филиали бонкҳои дар ноҳия амалкунанда (Амонатбонк, Тоҷиксодиротбонк, Агроинвестбонк, Эсхата, Ориёнбонк ва ғайра) ва бахшҳои ташкилоти қарздиҳии хурди Имон Интернейшнл, Ҳумо, Оксус, Финка, Арванд ва дигарҳо, аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 19,3 млн. доллари ИМА ва 166 млн. рубли русӣ ворид гаштааст, ки нисбати соли 2014 тақрибан 4,1 млн. доллари ИМА ва 32,5 млн. рубли русӣ кам мебошад. Сабаби кам шудани интиқоли маблағҳо ба таъсири номатлуби буҳрони иқтисодӣ ба иқтисодиёти Федератсияи Россия вобаста мебошад.

Дар ҳолати беҳтар намудани шароит барои рушди соҳибкорӣ ва самаранок истифода бурдани маблағҳои воридшуда ва сармояи дохилию хориҷӣ, инчунин ҷалби маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ, онҳо метавонанд сарчашмаҳои иловагии таъмини татбиқи Барномаи мазкур гардад.

***Ҷалби воситаҳои молиявии иловагӣ.*** Дар ноҳияи Рӯдакӣ якчанд барномаҳои соҳавие, ки аз ҷониби вазорату идораҳои гуногуни ҷумҳурӣ дастгирӣ мешаванд, татбиқ гашта истодаанд. Инчунин дар доираи татбиқи барномаи мазкур аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, яъне аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, сохтмон ва ба истифода супоридани бинои 30 мактаб ва 162 синфхонаи иловагӣ барои 11550 ҷойи нишаст, ба маблағи умумии 42816,7 ҳазор сомонӣ, сохта мешавад.

Дар солҳои 2016-2020 дар доираи татбиқи «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020», ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2 декабри соли 2006 тасдик шудааст, барои барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунии шаҳраку деҳаҳои ноҳияи Рӯдакӣ, ҷудо намудани 1875,9 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ, грантҳо ва кӯмакҳои техникӣ, пешбинӣ гардидааст.

Барои дарёфти манбаи маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои иқтисодиёти ноҳия, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020 пешбинӣ шудаанд, ҳамагӣ дар ҳаҷми 634,68 миллион сомонӣ маблағ лозим мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 77,8%-и лоиҳаҳои дар Барномаи рушди ноҳия зикршуда сарчашмаи маблағгузориашон муайян мебошанд. Татбиқи амалии лоиҳаҳои барномаи рушди ноҳия аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи хориҷии ташкилотҳои байналхалқӣ ва маблағҳои соҳибкорон, ташкилоту муассисаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолии ноҳияи Рӯдакӣ маблағгузорӣ мегарданд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакиро лозим аст, ки истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории барои татбиқи Барномаи рушди ноҳия пешбинишударо таъмин намуда, масъалаи ҷалби сарчашмаҳои иловагии маблағгузории лоиҳаҳои барномаи рушдро ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор диҳад. Мутахассисони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба роҳҳои асосии ҷалби маблағҳои иловагӣ барои татбиқи чорабиниҳои пешбинигардида, таҷрибаи кофӣ доранд. Аз ин лиҳоз, онҳоро лозим аст, ки ҳамкориро бо ташкилотҳои молиявии байналхалқии муқими ҷумҳурӣ тақвият дода, тартиби дурусти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, нақшаҳои тиҷоратӣ ва ҷалби воситаҳои молиявии иловагиро ба таври васеъ истифода ва татбиқ намоянд. Инчунин, масъалаҳоро оид ба ташкили раванди «Фондрейзинг» мавриди баррасӣ қарор дода, барои дар амал татбиқ намудани он чораҳои зарурӣ андешанд.

## БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020", низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни иҷроиши корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи барномаи рушди ноҳия, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва мушкилиҳои мавҷуда, инчунин роҳҳои ҳалли масъалаҳои ҳалталаб дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо амри Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад. Тибқи амри мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия - сардори шӯъбаи рушди иқтисод ва савдо шахси масъул таъин карда мешавад.

Аз ҷониби тамоми сохторҳои соҳавӣ нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба шӯъбаи рушди иқтисод ва савдо пешниҳод мешавад. Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

*Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ.* Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

- то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;
- дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

*Мониторинги натиҷаҳои нақша* бо роҳи ченкунии индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои нақшаро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои бахши омори ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

*Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо* дар доираи Барнома, тавассути параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо барнома. Дар ин маврид ҷадвали электронӣ бо формати Excel таҳия мешавад ва бояд ҳар семоҳа ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо тасҳеҳ карда шавад.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои БРН гуногун аст, он дар таҳияи низоми мониторинг ба назар гирифта шудааст. Лоиҳаи ба Барнома дохилкардашуда метавонад дар рафти таҳияи барнома мавриди амал қарор гирад. Инчунин, он метавонад тамоман таҳия нашуда ва ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаанд, вале аз сабаби набудани маблағ ё дигар омилҳо татбиқи онҳо оғоз нагардидааст. Инчунин лоиҳаҳое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва лоиҳаҳое мавҷуданд, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон/экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро донанд, гузаронида мешавад.